# НАВРӮЗИ ҶАҲОНАФРӮЗ



Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-5
Н-32

Мураттибон:
*Сайидалӣ Маъмур ва Гурез Сафар*

Н-32 **Коллектив. Наврӯзи ҷаҳонафрӯз.** (Маҷмӯаи ашъор). – Душанбе, «Адиб», 2012, 336 саҳ.

«Наврӯзи ҷаҳонафрӯз» маҷмӯаи дастҷамъии шоирони муосири тоҷик буда, ба ифтихори ҷашни байналмилалии Наврӯз мураттаб гаштааст.

Умедворем, ки ин дастагулро чун армуғони идона қабул мекунед.

ISBN 978-99947-2-184-9

© Нашриёти «Адиб», 2012

# БА ҶОИ ПЕШГУФТОР

Ҷашни Наврӯз, то ҷое, ки огаҳӣ дорем, яке аз оину одоби бостонии мазҳаби бобоёну падарону мо будааст ва бешубҳа, он ба даврони кӯҳантантанаи Сосониён, мардуми эронинажоди ориёитабор мансуб аст.

Дар ривоят ва афсонаҳои бостонии Эрон пайдоиши оини Наврӯзро ба замонадории Кайхусрав нисбат медиҳанд, ки ӯ нахустин шоҳе буд, ки Наврӯзро асос гузошт. Дар кишвар коххои подшоҳон сохт ва пойдевори давлату давлатдориро устувор кард. Ва ҳамчунин боз пешиниён бар он ақидаанд ва делел низ овардаанд, ки Наврӯз аз замони подшоҳии Ҷамшед мондааст ва ҷашни Меҳргон аз шоҳ Афридун. Наврӯз ду ҳазору панҷоҳ сол пештар аз Меҳргон вуҷуд доштааст…

Доир ба ҷашни Наврӯз ва пайдоиши он дар навиштаҳои гузаштагони мо ишораҳои зиёде ба чашм мерасад. Бахусус дар «Шоҳнома»-и безаволи ҳаким Фирдавсӣ, ки поягузории ҷашни Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшед нисбат додааст, ба ҳақиқат рост меояд:

*Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,*
*Чи моя бад-ӯ гавҳар андар нишохт…*
*Ҷаҳон анҷуман шуд чу бар тахти ӯй,*
*Аз он бар шуда фарраи бахти ӯй.*
*Ба Ҷамшед бар гавҳар афшонданд,*
*Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд…*
*Ҷунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор,*
*Бимонда аз он хусравон ёдгор.*

Ногуфта намонад, оид ба шукӯҳ бахшидани Наврӯзи бостон савту навоҳои хос мавҷуд будааст, ки он аз замони Сомониён дар ҳавои мусиқии аслии эрониён, то ба имрӯз расидааст ва он аз панҷ оҳанг иборат аст: «Боди Наврӯз», «Наврӯзи Бузург», «Наврӯзи Кайқубод», «Наврӯзи Маздак» ва «Наврӯзи хоро».

Ҳамагон дар ёд дорем, ки дар замондории Шӯравӣ ҷашнгирии Наврӯз қатъиян манъ шуда буд ва наслҳои баъдина чӣ будани Наврӯзро намедонистанд. Модари ман овони наврасиашро ба хотир оварда мегуфт, ки пиру ҷавони деҳаи мо дар рӯзи Наврӯз ба сайру гашти боғу майдони аз сабзаи тари навхез сабзпӯш омада, дар дегҳои хурду бузург кашк ва суманак мепухтанд. Зану духтарони қадрас дар шохаҳои дарахтон арғунчак

овехта, бо шӯру валвала ҳой мерафтанд ва таронаҳои наврӯзӣ ва рубоӣ мехонданд. Пасон роҳбарони ҳизби комунистӣ ҳар бор ва ҳар сол намояндагони милитсияро фиристода, ба дегҳо хок рехтаю чаппа гардонда сахт таҳдид мекарданд. Яъне бо ин рафтори разилонаю ноогоҳона мардумро аз оини бисёр зебои маърифатхоҳона ва табиатпарварона дар сар то сари Тоҷикистон дур андохтанд.

Чи хуш, бо талош ва пофишориҳои як зумра адибон ва олимони ҷавони охири солҳои шаст ва ҳафтодуми асри бигзашта ва бахусус заҳматҳои пайвастаи рӯзномаи ҳамонсолаи «Маориф ва маданият» бо сарварии муҳаррири фидоӣ ва ҷасури он, ҳамчунин шӯъбаи адабии телевизиони тоҷик, бо эҳтиёт ва мулоҳизакорӣ Наврӯз ва чӣ будани ин оини накӯи мардуми эронинажод ташвиқу тарғиб гардид. Дар саҳифаҳои рӯзномаҳо ҷо–ҷо шеър ва мақолаҳо дар васфи баҳор ва Наврӯзи Аҷам чоп мешуданд. Охири солҳои шаст, бори нахуст, бо кӯшиши шоирону олимони ҷавон рӯзи Наврӯз дар пояи ҳайкали асосгузори шеъри мардуми порсигӯ, устод Рӯдакӣ маҳфили шеъру таронагӯӣ баргузор шуд, ки он муждае буд аз оммавӣ шудани Наврӯз дар Тоҷикистон.

Имрӯз мо шукри онро мекунем, ки Наврӯз аз зиндони сангин ва қафасҳои фӯлодини даврони Шӯравӣ озод шуд ва чун паррандаи накӯхислати хушболу хушрафтор парвози баланд бигирифт ва рӯй ба хуршеди ҷаҳонафрӯз ва фасли зеботарини сол баҳор биёвард ва мисли пешин ба ин фасл нафаси гарм ва ҳавою навои дилошӯби наврӯзӣ ҳадя бинмуд.

Ҳамчунон ки медонем, имрӯз воқеан барои оммавӣ шудани Наврӯзи бостонӣ ва ҷаҳонӣ шудани он хидмати шоистаю боасари Президенти Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст.

Имрӯз таҳти таъсири Наврӯзи Тоҷикистон, ҳамсояҳои дуру наздики мо низ рӯи хуш ба Наврӯз овардаанд ва аз Тоҷикистон тарзи гузаронидани ин ҷашни бостонро, бо риояи анъанаҳои неки он, меомӯзанд, ки инро мо фоли нек медонем.

Поянда бод истиқлоли Тоҷикистон ва ҷашни Наврӯзи оламафрӯз!

***Меҳмон БАХТӢ,***
*Нависандаи халқии Тоҷикистон,*
*барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи*
*Абӯабдулло Рӯдакӣ*

## ЧЕҲРА БИНМО …

Эй ба гулгунрухи ту бандаю чокар гули сурх,
Чеҳра бинмо, ки ба пои ту ниҳад сар гули сурх.

Ба латофат лаби лаъли ту бад-он мемонад,
Ки даромехта бошанд ба шаккар гули сурх.

Ҷуз қаду орази зебои ту дар боғи ҷаҳон
Кас надидаст сар оварда санавбар гули сурх.

Рӯи насрини ту моҳест, ки бар сар сунбул,
Мӯи мушкини ту морест, ки сар бар гули сурх.

Ин на шабнам, ки саҳаргоҳ ба боғ афтодаст,
Ба арақ гашта зи шарми рухи ту тар гули сурх.

Магар имрӯз гузаштӣ ба чаман в-арна набуд,
Пеш аз ин ҳама хушбӯю муаттар гули сурх.

Нест дар бӯй ба мӯи ту мусовӣ сунбул,
Нест дар ранг ба рӯи ту баробар гули сурх.

Айнӣ, аз шавқ ба рӯи ту ғазал мегӯяд,
Ҳамчу булбул, ки саройд ба чаман дар гули сурх.

## БЕҲТАР АЗ ӮСТ

Азизам, барги гул хуб аст, аммо
Лаби гӯяндаи ту беҳтар аз ӯст.

Даҳони ғунча рангин аст, лекин
Лаби пурхандаи ту беҳтар аз ӯст.

Ҳамеша чашми наргис масти хоб аст,
Нигоҳи зиндаи ту беҳтар аз ӯст.

Занад бар дида барқи рӯи хуршед,
Рухи фархундаи ту беҳтар аз ӯст.

Маро бо сарви подаргил чӣ кор аст?
Қади нозандаи ту беҳтар аз ӯст.

Чӣ сар бардошта мелофад ин коҷ?
Ба хок афкандаи ту беҳтар аз ӯст.

Рақиб ар шоҳ бошад, бошад! Ӯ кист?
Ба ишқ ин бандаи ту беҳтар аз ӯст.

## БАҲОРИЯ

Ваҳ, чӣ хуш медамад насими баҳор
Субҳи содиқ зи ҷониби кӯҳсор;
Духтари ховар – нозанин хуршед
Барфурӯзонд оташи рухсор.
Пири колхозчӣ зи ҷо бархост,
То рафиқонро кунад бедор.
Деҳқони ҷавон ба даст каланд
Мешитобид сӯи киштукор;
Шоду хандон ба сӯи деҳқонон
Менамудӣ хитоб ин ашъор:

Бӯи хуш медамад: баҳор, баҳор!
Зуд биштоб, эй баҳорикор!..

Абрҳо ҳамчу дуди кӯра парид,
Барқҳо абри тираро бидарид,
То саҳаргоҳ баски шабнам рехт,
Домани дашту кӯҳ сабза дамид.
Ба трактор савор шуд деҳқон,
Чархҳояш ба пеш мечархид.
Агрономи ҷавон ба деҳқон гуфт:
Мавсими киштукори пахта расид.
Ҳон, бикӯшед, то кунед иҷро
Нақшаи панҷсоларо дар чор.

Бӯи хуш медамад: баҳор, баҳор!
Зуд биштоб, эй баҳорикор!..

## ЧӮПОН

Чӯпон ба сари кӯҳу чаридан рама дорад,
Аз санг ба харсанг ҷаҳидан рама дорад.

Бӯи гули кӯҳию алафзори чарогоҳ
Дар панҷаи бодасту давидан рама дорад.

Чун абри сафеде, ки гирифтаст фазоро,
Чодар ба сари сабза кашидан рама дорад.

Савте, ки баланд аст, сурудест диловез,
Най бар лаби чӯпону шунидан рама дорад.

Сарчашма занад ҷӯш, аз он барра кунад нӯш,
Аз ҷӯи сафобахш паридан рама дорад.

Дар дасти шубон чӯб хитобест ба душман,
Гургон ба ҳаросанду рамидан рама дорад.

Чӯпон нигарад бо назари меҳр ба поён,
Аз қуллаи кӯҳсор хамидан рама дорад.

Ишқу ҳаваси дидани ин манзари зебо
Ман дораму ту дориву дидан ҳама дорад.

## ГУЛИ СУРХ…

Гули сурхе, ки ҳамранги рухи туст,
Тамошо кун, ниҳолаш бар лаби ҷӯст.
Ниҳолашро дар он ҷо ман шинондам,
Зи ҳар гул бештар медорамаш дӯст.

## ҶАҲОН РОЗ АСТ

*«Асрори азалро на ту донию на ман»*
*Умари Хайём*

Манам инсону фарзанди замонам,
Ҷаҳон роз асту ман кашшофи онам,
Агар ин кор аз дастам наояд,
Ба дӯши зиндагӣ бори гаронам.

Вуҷуди ман шаҳиди сӯзу соз аст,
Ҷаҳони ман пур аз нақшуда роз аст,
Барои банди ҳар розаш кушудан
Талошу ранҷи ман дуру дароз аст.

Агарчи аз азал будам замингир,
Маро хуршедпарвар кард тақдир.
Фалак дар ҳайрат аст аз ҳикмати ман,
Ки то хуршед раҳ бикшодам охир.

Аё мурғи саҳар, бинмой парвоз,
Расон бар Ҳофизи хушхони Шероз,
Ки вақти ҳушёрӣ бар ситора
Намудам ҳукму кардам бар фалак ноз!

## ҶАВОНӢ

Ҷавонӣ ҳам баҳоре!
Лек, ҳайҳот,
Баҳори рафта меояд агар боз,
Намеояд дигар мурғи ҷавонӣ,
Чу боре кард аз боми ту парвоз…

Мунаввар дидаи мову дили мо
Зи нури оламафрӯзи ҷавонист!
Ба қадри он расидан фарзу қарз аст,
Ки меҳмони азизи зиндагонист.

## НАВРӮЗӢ

Фасли наврӯз асту шодем аз тамошои баҳорон,
Давлати гул омаду даври дилорои баҳорон…

Офтобу об рассоми гуландози заминҳост,
Бар заминҳо нақши қолин дорад иншои баҳорон.

Соате хуш сӯҳбате ҳам соқии хушсурате ҳам,
Созу савте ҳам бувад хуш аз атоҳои баҳорон.

Мекашад бо меҳнати моён бубин ширин нафасҳо
Дар ҳама ҷо ғарқи гул гардида аъзои баҳорон.

Ман зи гулҳо мавҷи ҳусни гулрухон бинам ба гулшан,
Шуд Ватан оинабандӣ аз сафоҳои баҳорон.

Шаҳрам ободу тамошо мекунам ҳар субҳ, хуршед
Мавҷи заррин медиҳад дар бӯстонҳои баҳорон.

Базми меҳнат гарму ҳар сӯ сояҳо серуну салқин,
Бод форам, дилкушо боғу чаманҳои баҳорон…

Шеъри пазмонӣ, Раҳимӣ, дар ҳавои нозанине
Дилнишин бошад маро бо сози гӯёи баҳорон.

## БАҲОР

Тӯе ба истиқболи гул
дар бӯстон дорад баҳор,
Аз сабза пойандозҳо
бар гулрухон дорад баҳор.
Аз шиддати сармову ях
гӯё табиат мурда буд,
Дар боди атрафшони худ
пайғоми ҷон дорад баҳор.
Аз санги хоро лолаҳо,
бишкуфта гул аз хори хушк –
Сад сеҳру ҷоду аз нафас
ҳар дам аён дорад баҳор.
Бар наварӯсони чаман
пӯшонда махмалҳои сабз,
Аз баҳри зеби дасташон
гул армуғон дорад баҳор.
Як дона дурри бебаҳо
ҳар қатра боронаш ба мо;
Чун нуқра дар ҷӯборҳо
оби равон дорад баҳор…

## БУНАФШАҲО, ШУКУФАҲО

*(Ба пайравии Қоонӣ)*

Насими шӯх мевазад зи дашту кӯҳсорҳо,
Хушо, чи мужда медиҳад зи фасли киштукорҳо.

Парандаҳои нағзхон ҳамераванд ин замон,
Бурун зи ошёнашон ба сӯи марғзорҳо.

Биё, ба сайри гулситон, нигар ба боғу бӯстон,
Намуда шохи гул макон ҳазорҳо ҳазорҳо.

Дар ин баҳори дилрабо шукуфтаанд ғунчаҳо,
Бунафшаҳо, шукуфаҳо ба боғу сабзазорҳо.

Чи хуш насими дилкушо расида бар машоми мо,
Зи накҳати бунафшаҳо гирифта дар канорҳо.

Дамида лола бар замин зи ҳар канори ҳар камин
Ба тарзи хубу дилнишин чу рӯи гулъузорҳо.

Зи мутрибони нағмагар расида ин дам ин хабар:
«Намо ба кори пахта сар» ба гӯши пахтакорҳо.

Биё-биё, ки мову ту равем сӯи дашту кӯ,
Диҳем ёрии накӯ ба кори пахтакорҳо.

## СУБҲИ БАҲОР

Чун ҷайби шаб зи панҷаи хуршед медарид,
Машриқ зи хоб хеста хамёза мекашид,
Оҳиста бод аз нафаси субҳ мевазид,
Мешуд зи ҷилваҳои шафақ рангҳо падид
Дар ҳусни навбаҳор.
Ҳастӣ ба расму сурати нав ранг мегирифт,
Бодаш зи чеҳра лаккаю ожанг мегирифт,
Оби зулол аз лаби ҷӯ занг мегирифт,
Мурғи саҳар ба авҷи нав оҳанг мегирифт
Дар ҷӯши рӯзгор.
Тоби замин зи сабзаи навхез мефузуд,
Акси танаш зи пардаи зангор менамуд,
Аз ҷайби хеш тукмаи фирӯза мекушуд,
Ҳуши само ба ҳусни дилангез мерабуд
Мӯъҷизкушо баҳор.
Наззораи ситораи рӯз аст бар замин,
Тобад ба ранги тоза ба чашмони дурбин,
Нақше зи ҳар канору нигоре зи ҳар камин,
Чин афканад ба лаҳзаи падруд бар ҷабин,
Аз дил занад шарор.
Хезад насиму бӯса ситонад зи рӯи гул,
Ҳар ҷо бирезад аз нафаси хеш бӯи гул.
Ҳаргиз зи бӯса кам нашавад орзуи гул,
Чашми муроди меҳр бувад боз сӯи гул
Дар мавсими баҳор.
Ин субҳидам, ки муждаи наврӯзиям расид,
Чун файзи навбаҳор дилафрӯзиям расид,
Айёми Боқии тарабомӯзиям расид,
Аз хирмани баҳори сухан рӯзиям расид
Дар субҳи навбаҳор!

## БА МЕҲМОНИИ БАҲОР

Яке аз рӯзҳои сарди фасли баргрезон буд,
Шамоли бӯи барфоранда бар рӯям ситезон буд,
Дар он вақте ки ҳар барги хазон афтону хезон буд,
Ба меҳмонии фасли навбаҳорон рафта будам ман.

Ситода пеши дар хуршедрӯи ман даро мегуфт,
Лаби ӯ, хандаи ӯ, чеҳраи ӯ марҳабо мегуфт.
Ба уммеди ҳамин лаҳза дили ман ҳам худо мегуфт,
Ба кӯяш дар қатори дилфигорон рафта будам ман.

Кашида дар тасаввур сурати рафтори оромаш,
Бидидам ахтарони субҳ дар чашмони чун шомаш,
Уфуқи сурхи дуродурро дар рӯи гулфомаш,
Саҳар гӯё ба сайри лолазорон рафта будам ман.

Зада бар остини куртаи зебои атласро,
Агарчанде фишорад бо муҳаббат дасти ҳар касро,
Бимонад қуллаи кӯҳи баланди дастнорасро,
Ҳамин бас ки ба пои кӯҳсорон рафта будам ман.

Сурудеро, ки вай ҳоло на оҳангу сухан дорад,
Ҳарорат лек аз дилҳо, тароват аз чаман дорад,
Шабу рӯзон барои ӯ дили ҷӯшони ман дорад,
Қасам, бар хонааш чун роздорон рафта будам ман.

Дусад фикру хаёлеро ба сар оварда мебурдам,
Дар ин бозӣ дили худ бой додам, оламе бурдам,
Ҳамеболидаму аз ташнагӣ гӯё ки мемурдам,
Агарчанде ба пеши чашмасорон рафта будам ман.

Яке аз рӯзҳои сарди фасли баргрезон буд,
Табиат гӯиё дӯкони ранги зардрезон буд.
Дар он вақте к-аз оғӯши чаман шодӣ  гурезон буд,
Бале, баҳри тамошои баҳорон рафта будам ман.

## БАҲОРИ БАНДАГӢ ШОДӢ НАДОРАД

Баҳор он гаҳ баҳори зиндагонист,
Ки кас пӯшида бошад, сер бошад,
Замона тинҷ бошад, соз бошад,
Ҳама хушбахту хуштақдир бошад.

Баҳор он гаҳ баҳори зиндагонист,
Ки дил гулхоҳ бошад, зинда бошад,
Ҳавас бошад, раҳи мақсуд бошад,
Талошу рағбати оянда бошад.

Баҳор он гаҳ баҳори зиндагонист,
Ки дил ғамхонаи олам набошад,
Ки хотир ҷамъ бошад, шод бошад,
Ба одам одаме мулзам набошад.

Баҳораш аз хазонаш хубтар нест
Диёреро, ки озодӣ надорад,
Агар аз хок гул не, шодӣ рӯяд,
Баҳори бандагӣ шодӣ надорад.

## ХАНДА

Шуста бурдаст хандаро бо худ
Як замон ашк аз рухи инсон.
Хушк гаштаст буттаи гул ҳам,
Чун расидаст қатрае аз он.

Ханда рафтаст чанд вақт аз ёд,
Ҳамраҳаш бӯи гул, шукуфтани гул,
Гум намудаст қадр дар олам,
Ҳусн беханда, бегулу булбул.

Як саҳар офтоб сӯи замин
Партав афканда боз хандидаст,
Карда боло зи хок гул сари худ,
Хандаи офтобро дидаст.

Лаб кушодаст гул ба хандидан
Карда тақлиди хандаи хуршед,
Ногаҳон қоҳ-қоҳ хандидаст
Дида инсон варо ба чашми умед.

Аз ҳамон вақт хандаи инсон,
Мисли хуршед пурҳарорат шуд,
Бишкуфад кас чу ғунча аз ханда,
Ханда гул гашт, пурлатофат шуд.

## БА НАВРӮЗ ОМАДЕМ…

Ба Наврӯз омадем аз кӯҳи умр оҳиста-оҳиста,
Қадам бигзошта бо роҳи нав шоиста-шоиста,
Нафасҳои ғаниматро ба ҷон поиста-поиста,
Рухи гул дидаву доғи куҳанро ёд меорем.

Надонем аз чӣ гӯши мо паёпай мекашад фарёд,
Паёме оварад оё, ки чун най мекашад фарёд.
Даме нею каме не, дер он ҳай мекашад фарёд,
Мамот оварда пеши рӯ, хиҷил аз кору кирдорем.

Магар ояд ба гӯши мо ҳанӯз афғони арманҳо,
Фиғони зинда бар зинда ба зери хок мурданҳо,
Шунида нолаи ҷонсӯзу дидоре надиданҳо,
Ки чун абри баҳорӣ ашкҳо аз дида меборем?!

Ба рӯи хоки болои Шарора сабза метобад,
Ба гиря кӯдаке аз сабзазораш мом мекобад,
Ба бӯяш баста мегардад, вале онро намеёбад,
Аз ин манзар ту гӯӣ дил ба чанги гург биспорем.

Гули Наврӯзу гулҳои сияҳгӯш аз чаман чида,
Ту чиниву дигар чинад, ба ҳасрат низ ман чида,
Ба қадри дастаи нобастае бе гап задан чида,
Сари гӯри шаҳидон бо дуои хайр бигзорем.

Дареғо, ки надида бегуноҳон базми Наврӯзӣ,
Ба зери хок хомӯшу надоранд азми Наврӯзӣ,
Қалам ларзида мегӯяд аз ин ғам назми Нарӯзӣ:
Агарчи зиндаем, аз марги ногоҳӣ хатар дорем.

Ба Наврӯз омадем аз кӯи умр оҳиста-оҳиста,
Қадам бигзошта бо роҳи нав шоиста-шоиста,
Нафасҳои ғаниматро ба ҷон поиста-поиста,
Рухи гул дидаву доғи куҳанро ёд меорем.

## МАНЗАРА

Пораи абре чу доғи рӯи моҳ
Гашт пайдо вақти пешин дар само.
Тоқа-тоқа рехт борон аз ҳаво,
Якта ин ҷо, якта дар ҷои дигар.

Баччаҳо аз нам-намаш хуррам шуданд,
Мисли гул хандонрух аз шабнам шуданд,
Дар паропар ҳар сӯ пушти ҳам шуданд
Ҳамчу оҳубарраҳо дар кӯҳу ҷар.

Лек ин дам бо мизоҷи дигаре,
Тохт аз мобайни кӯча модаре,
Ҳис накарда заррае ҳам шалпарӣ,
Медавид он сон, ки гӯё дошт пар.

Пои урён медавиду медавид,
Ҳалқи сӯзон медавиду медавид.
Нимгирён медавиду медавид,
Латтааш афтид аз сар бехабар.

Роҳро ӯ гӯиё дармекашид,
Хешро бар кӯҳи Кафтар мекашид,
Бод рағмаш гӯӣ ханҷар мекашид,
Дур мегардид аз деҳ, дуртар.

Аз балое буд гӯё дар гурез,
Бар кучҷое буд гӯё дар гурез.
Бедавое буд гӯё дар гурез,
Гӯиё таҳдид мекардаш хатар.

Абри саргардон варо тарсондааст,
Қатраи борон варо тарсондааст,
Тифли мактабхон варо тарсондааст,
Ки зи пушти пода рафтаст ин саҳар.

* * *

Инак баҳор омад, тарфи чаман шудам ман,
Шайдо зи сози мурғи ғулғулфикан шудам ман.
Гул пеши гул дамида аз дашт то бари кӯҳ,
Маҳви нигоҳи ҳусни дашту даман шудам ман.
Аз шавқи рӯзи хуррам дил ҷӯш зад ба сина,
Гулчин зи рӯи ёри гулпираҳан шудам ман.
Оҳу шуда давидам аз ёд бурда пирӣ,
Гӯӣ ба банд будам, занҷиркан шудам ман.
Аз рӯ ба рӯ парасту боло парид, боло,
Бо ӯ ба роз гуфтан бо як сухан шудам ман.
Чанде наменамудӣ, баргӯ, кучҷой будӣ,
Аз кулфати ҷудоӣ фарёдзан шудам ман.
Як «парт» карду баргашт, омад ба шона биншаст,
Аз дӯстшиносӣ озод ман шудам, ман.
Наврӯз мерабояд аз синаҳо кудурат,
Ихлосманд бар ин панди куҳан шудам ман.
Он сӯйтар гузаштам, қабри шаҳид дидам,
Дар сӯзи куштагони гулгункафан шудам ман.
Гул пеши дидаҳоям шуд хори нешдоре,
Озурда аз мусибат чун бeватан шудам ман.
Як лаҳза шодӣ ояд, ғам лек бешумор аст,
Воқиф аз ин ҳикоят аз сӯхтан шудам ман.

## ГУЛИ ХАЙРӢ

Ба сӯи раҳ нигаҳ дорӣ,
Ҷилое рӯи раҳ дорӣ,
Дили чун пораи оташ,
Рухи чун меҳру маҳ дорӣ,
Гули хайрӣ,
Гули хайрӣ.
Лабони хандаборатро,
Нигоҳи барқворатро,
Парастиш мекунам як умр,
Ба ҷонам, эй шаҳи гулҳо,
Гули хайрӣ,
Гули хайрӣ.
Ту раъноӣ,
Ту яктоӣ,
Ту шоҳиӣ,
Ту кимхоӣ,
Туӣ оғози ишқи ман,
Маро имрӯзу фардоӣ,
Гули хайрӣ,
Гули хайрӣ.
Магар дар ёд дорӣ ту,
Ки боре дар канори ту
Пайи гуфтор биншастем,
Ману он дилбари дилҷӯ?
Ман аз шохи ту бишкастам,
Чу оташ сӯхтӣ дастам.
Қатори ғунчаат дилро
Ба тори мӯи ӯ бастам.

Сухан аз ишқ бикшодам,
Яке қавл аз вафо додам.
Туро ҳамроҳи ишқи ӯ
Ба дил он лаҳза ҷо додам,
Гули хайрӣ,
Гули хайрӣ.
Агарчи аз ту дур астам,
Ман аҳди хеш нашкастам,
Ду даҳ сол аст, як лаҳза
Фаромӯшат накардастам,
Гули хайрӣ,
Гули хайрӣ.
Раҳеро бо ту тай созам,
Дилеро бо ту бинвозам,
Насибам гар шавад дарде,
Ба имдоди ту метозам.
Гули хайрӣ,
Гули хайрӣ.
Дил аз нав майли ту дорад,
Даме осуда нагзорад…
Ҳамон ишқе, ки бурд аз ту,
Маро пеши ту меорад,
Гули хайрӣ,
Гули хайрӣ.

* * *

Дили мо, ки аз аввал буд моил,
Ту аз ман хешро ҷустӣ, ман аз ту.
Ҷудо будем гарчи чун ду соҳил,
Муҳаббат роҳи маҷро шуд ба ҳарду.

Ду дилро чун ду гул пайванд кардем,
Ки чун як дил тапад дар ҷисми ҳарду.
Чӣ хушбахтӣ бувад, эй бахти бедор,
Ту аз ман ёфтӣ худро, ман аз ту!

* * *

Ёд овар ту маро вақти саҳар,
Он даме чеҳраи гул хандон аст,
Шабнами тоза чу дони гаҳвар
Дар лаби ғунчаи гул ғалтон аст.

Ёд овар чу бароянд хуршед
Чоштгаҳ аз бағали абри сиёҳ
В-аз сари меҳр ба рӯю мӯят
Ҳамчу ман дер кунад гарм нигоҳ.

Ёд овар ту маро вақти ғуруб,
Соате абри ҳаво месӯзад,
Дар гиребони уфуқ дасти шафақ.
Даме шерозаи зар медӯзад.

Ёд овар ту ба вақти хуфтан,
Ёд овар ҳама вақту ҳама ҷо…
Чу манам аз ту ту ҳастӣ аз ман,
Ману ту ҳеҷ набошем ҷудо.

* * *

Лона мемонад парасту боз дар айвони хона,
Боз омад навбаҳору рафт соле аз миёна.
Аз барои хотири ман ҳамчу дерин ошноӗ
То баҳори дигаре аз хеш мемонад нишона.
Дар дили хурдаш чӣ сон ғунҷид меҳри беҳисобе,
Ки набуд аз лавҳи хотир то ба соле роҳи хона.
Одамему мебарем аз ёд роҳи хонаи дӯст,
Офарин хонам ба меҳру бо сипоси дӯстона.
Дӣ суроғаш кардаму имрӯз овозе ба ман дод,
Ки навозад ҷону дилро сурати чангу ҷағона.
Хониши гармаш нигардад сард то соле бароям…
Лона мемонад парасту боз дар айвони хона.

## ФАСЛИ МУҲАББАТ

Баҳор омад, ҷаҳон аз нав тарабнок,
Дамид аз нав гулу себарга аз хок,

Хурӯшон чашмаи аз об лабрез,
Шукуфон табъи мурғони саҳархез.

Бубин ороиши кӯҳу даманро,
Либоси рангаи боғу чаманро.

Замин маъвои нуру осмон ҳам,
Табиат пурсуруру одамон ҳам,

Биё ҷоно, ба ту ман лола бахшам,
Нишон аз меҳри чандинсола бахшам.

Дили лола агарчи доғдор аст,
Дили ҳассоси ошиқ беғубор аст.

Дили ошиқ пур аз шавқу умед аст,
Фараҳбахшанда мисли рӯзи ид аст,

Кабӯтар нома дар минқор дорад,
Навоҳо булбул аз гулзор дорад.

Биё, ки вақти сайру гашт омад,
Насими рӯҳбахш аз дашт омад.

Гирифта дасти ҳам, акнун бароем,
Суруди меҳри дилҳоро сароем.

Равему бо ҳабибон дар саф истем,
Ливои арғувонӣ дар каф истем.

Ба ҷо орем шукри ин замонро,
Ҳаёти хуррами насли ҷавонро!

## КАШИДА РӮЗ ДОМАНАШ...

Кашида рӯз доманаш, баногаҳе шабона шуд,
Дилам тапиду пои ман ба кӯи ту равона шуд.

Дарат задам баромадию гуфтӣ ту «хуш омадӣ»,
Китоби Саъдии бузург ба вохӯрӣ баҳона шуд.

Надода бой сирри дил, хамӯш будӣ он нафас,
Ду рӯи сурхгаштаат зи шӯри дил нишона шуд.

Ишора кардам, аз паям баромадӣ ба пушти дар,
Ба кокулони анбари ту панҷаҳом шона шуд.

Лабони ту, забони ту, сари дилу миёни ту
Ба боғи ҳусн ҳар яке анори дона-дона шуд.

Дар он диле ки ишқ ҳаст, ба кина роҳ баста аст,
Ба ишқи безаволи ту дили ман ошёна шуд.

Матарс, эй рамандаам, аз он шабу аз он висол,
Нагуфтаам ба ҳеҷ кас, фақат ҳамин тарона шуд.

## ЛОЛАГӢ

Деҳаяки Лолагӣ,
Куртачакан – гулузор,
Донаи холи базеб
Дар бари рӯи Ҳисор.
Аз сари кӯҳ сӯи мо
Болида чун нигаҳ кард,
Номи хуши наврӯзӣ
Дилро пур аз фараҳ кард.
Ҷилваи баҳора бин,
Лонаи қатора бин,
Кирои сайри наврӯз,
Тӯи лолазора бин.
Лола дар кӯҳу камар
Дар чеҳраи ҳар духтар
Надонам, дар Лолагӣ
Кадоми лола беҳтар?
Суманак шуд зеби хон,
Хурду калон ғазалхон.
Нону кулчаи идӣ
Сурхинарӯ лоласон.
Наврӯз шуд баҳона,
Гаштак дар ҳама хона,
Ояд зи ҳар дари боз
Хандаи кӯдакона.
Лолагӣ, дар назарам
Сурати дилпазират,
Чӣ кунам, ки ҳар замон,
Хуморӣ ту мегирад.

## ЧАНОРИ КОМСОМОЛОБОД

**I**

Эй, чанори Камсомолобод,
Эй марди куҳан,
Эй, сари боло, тани пурзӯр фарзанди Ватан.
Чанги пои солҳои рафта дар андоми ту,
Аз баду некӣ шаҳодат медиҳанд:

Шиштаи андар сари роҳ,
Чашм бар авзои мардум.
Ҳамдаму ҳамроҳи мардум,
Чун сари болои мардум
Асрҳо шуд бори барфу ҷабри борон мекашӣ.

То наафтад Осмон бар рӯи деҳ,
Зарба аз боло набинад кӯи деҳ,
Қоматат гӯё ба гардун тиргак истодааст,
Сояат оромгоҳи мардуми хушгӯи деҳ.

Дидаӣ тобутбарону
Дидаӣ келинбиёрон.
Рӯзҳои офтобӣ,
Шомҳои гиряборон,
Рӯсафедӣ, рӯсиёиҳои инсон…

Аз ҳисоби китфу бозу,
Синаю дил, чашму абрӯ,
Риштаҳои тобноки орзу,
Пайкари пурору номӯсу сари дур аз тавозӯъ,
Шоҳраҳ шуд
З-остони Мавзолей то қуллаи Шуғнону Бартанг…

Дидаӣ ту бо ҳамин роҳ
Чашми бино, дасти гиро,
Нияти нек, хотири ҷамъ омаду сарҳои боло…

Дидаӣ як рӯзи гармо дар паноҳат,
Сӯҳбати Боқию Турсунзодаро,
Лутфи ду шери су суханвар,
Мардҳои мардпарвар,
Ошиқони соддаро.

Санг тафсон, рӯд ҷӯшон буд он рӯз,
Мурғу мӯру моҳӣ рақсон буд он рӯз,
Ҳар дили сангин ки буд, одамгузар шуд,
Чашми бад бар рӯи мардум зору ҳайрон буд,
он рӯз…

**II**

Эй чанори Камсомолбод, эй марди куҳан,
Ҳеҷ мебинӣ, ки бо як савти миҷгон
Мешавад сайёра дар кӯи ту дигар,
Мешавад истора дар кӯи ту дигар,
Нағмаи ҳар хона дигар мешавад,
Маънии афсона дигар мешавад.

Хам накардӣ зери теғу бори гардун гарданат,
Ҳамчу мардон рост рафтӣ.
Шох додӣ, реша рондӣ,
Рӯзи сармо раҳгузарҳоро панаҳ кардиву
Гармо соя мондӣ…
Мардии ту ҳад надорад,
Чун ту Одам қад надорад…
Он қадар мардони шӯху гумраҳу гӯли куҳистон,
Дар паноҳат гиря карда ханда карданд.
Қиссаю афсонаҳое бофтанду якдигарро
Шоҳ карданд, банда карданд.

Ёд дорӣ? Чун сабоҳи Инқилоб,
Аскарони сурх дар дил Офтоб
З-оврингу чар гузашта,
Аз дину аз сар гузашта,
Байрақи даврони навро
Дар сари китфи ту боло карда буданд…

Аз ҳамон дам: бурдборӣ, устуворӣ,
Ҷонсупории ту бар мардум сабақ шуд,
Одамон бар нек фарзандонашон умри ту хоҳанд.
Номи ту бурҷи Шафақ шуд…

Ёд дорӣ? Кӯҳафгон, сангбурру шахшиканҳо,
роҳсозон
Насли ҳафтоду ду миллат, ки сарошон буд аз санг,

Бар замони нав
Ҷаҳони нав, раҳи кӯҳсор танг…

Чанг дигар,
Ранг дигар,
Ҷанг дигар мешавад.

Вусъати ин водиҳои танг дигар мешавад!
Тепаҳои тоқии сабзинапӯш,
Қуллаҳои сарбаланду лабхамӯш,
Лонаю тахти уқобони далер,
Хокдони аср бар асри ниёкон,
Марқади дорову нодорони даврон,
Монда зери баҳр обӣ мешаванд,
Обиҳо бо гашти даврон офтобӣ мешаванд.

Эй, чанори Камсомолбод, эй марди куҳан,
Эй, сари болотани пурзӯр, фарзанди Ватан.
Ту агарчанде зи чашми дӯстонат дур мегардӣ,
Саропо ҳамчу мардони ҳақиқат нур мегардӣ,
Чу начму ахтари умедбахшанда
Ба ҳар як хонадон манзур мегардӣ.

## БОҒИ ПАРРАНДАҲОИ УРМЕТАН

Боғи паррандаҳои Урметан
Ҳамчу ишқе ба ёди ман боқист,
Нолаи чуғзу навҳаи қумрӣ
Чун ғаме дар ниҳоди ман боқист.

Мурғакони нафиси хушпару бол,
Чӯҷаҳои ба хуни худ зомин,
Галапарвозҳои пурғавғо,
Галаовозҳои хушталқин.

Тавқи заррин, гардани пухтак
Монд бар гарданам чу тавқи вафо,
Ҷомавории чӯҷаҳои шоҳин
Дар тани ман ҳанӯз ҳам зебо.

Роҳсозон раҳомаде буданд,
Нақша аз байни боғ бигрифтанд.
Бо камонҳои милдори сабук
Мурғаконро суроғ бигрифтанд…

Боғи паррандаҳои Урметан
Монд танҳо маро ба мулки хаёл.
Гар бубинам ҳазор умри дигар,
Ман намебинамаш ба ҷуз дар фол!

* * *

Дар паси ҳар бутта кабке
Ошиқи рафтори хеш аст.
Дар сари ҳар шоха булбул
Сархуши гуфтори хеш аст.

Дар таҳи ҳар боғ зоғе
Ҳасрате дорад зи доғе.
Дар канори роҳ сулсул
Мекунад равшан чароғе.

Куртаворӣ карда тӯтӣ
Аз нахи тирукамоне,
Ҷӯш дорад базми қумрӣ
Дар лаби оби равоне.

Бо латофатҳои духтар
Мехиромад ширкафтар.
Аз шукӯҳи рӯзи фардо
Акка меорад хабарҳо.

Ё илоҳо, дор эмин
Ин ҳама талқину тазмин
Аз балои чашми беҷо,
Аз садои тири хоин!

* * *

Мерамад аз худ нигоҳам,
Мефишорад шӯъла оҳам.
То гулӯ ғарқи гуноҳам
Узр хоҳам, ё нахоҳам.

Аз сутуни хонақоҳҳо,
Байти рӯи санги хоро

В-он якеро канда аз ҷо,
Дигаре бурдам ба дарё.

Узр хоҳам, ё нахоҳам
Аз китоби шеъри Бедил,
Дасту по сӯзонда будам
Аз алоби шеъри Бедил.

Ҷуфт карда, чаппа карда
Мазраи ҳоҷатбаророн,
Бе кафан бар хок додам
Сураву оёти Қуръон.

Мурғи ҳақро сар буридам,
Қасд бар ҳамсоя кардам.
Тори нуре буд ҳар ҷо,
Бар сари он соя кардам…

Мерамад аз худ нигоҳам,
Мефишонад шӯъла оҳам.
То гулӯ ғарқи гуноҳам,
Узр хоҳам, ё нахоҳам?!

* * *

Шафқати ӯ ба зодаи худ нест,
Ҳар чӣ дорад, ниҳода бар савдо.
Мебарояд ба рӯи минбарҳо,
Мегузорад ба шонаи мо по.
Баъди ин сон «гудозишу сӯзиш»
Бар мане дар ҷаҳон намонад ҷо,
Бишканам дар кадом санг ин сар?
Дар кадом об афганам худро!

## ПАЙҒОМИ НАВРӮЗ

Биё, эй пайки наврӯз, эй парасту,
Ки дар дил аз бароят лона дорам,
Кушо болу насими форам ангез –
Гирифти хотир аз ҷонона дорам.

Ҳавои раҳм ӯро бар сар овар,
Ки ояд чун кабӯтар дар бари ман,
Шавад обод аз нақши қудумаш
Ҳаёти хонаву бому дари ман.

Равам бо ӯ ба сайри кӯҳсорон
Гули наврӯзию наврӯй чинам,
Лаби сарчашмаҳо шинем бо ҳам,
Дар оби соф рӯи ӯ бубинам.

Бипошад обу зуд аз ман гурезад
Ба завқу хандаҳои дилбарона,
Нишинад дуртар аз рӯбарӯям,
Бигирад домани созу тарона.

Парам аз ҷою паҳлӯяш нишинам,
Хамӯш истем чун рози нуҳуфта.
Зи чашми ҳамдигар бинем худро,
Зи шарми якдигар гул-гул шукуфта.

Варо оҳиста гирам рӯи дастам
Чу оҳубарраи рому ҳамида,
Равад ногаҳ ба мисли ҷонам аз тан,
Ба нозе аз мани шайдо рамида.

Хушо наврӯзу наврӯзи ҷавонӣ,
Хушо армони дар вақташ шикаста,
Дареғ аз кӯтаҳии умри инсон,
Дареғ аз ҳалқаҳои баргусаста.

Биё, эй дӯст, чун пайғоми Наврӯз,
Биё, бархон суруди навҷавонӣ,
Ба сарвақтам бирас, манмо тағофул,
Ки метарасам, мабодо дер монӣ!

* * *

Эй ҷамоли баҳру бар, шод омадӣ,
«Эй баҳори сабзу тар, шод омадӣ»[1].
Тозакориҳотро қурбон шавам,
Мисли ҳар соҳибҳунар шод омадӣ.
Дар дилам кардӣ назар бо чашми гул,
Гулҷамолу гулназар шод омадӣ.
Аз қадамҳоят дилам гул мекунад,
Эй арӯси раҳгузар, шод омадӣ.
Дар раги ҳар майсаат маҷрои ризқ
Баҳри абнои башар шод омадӣ.
Дар лаби ҳар ғунча овардӣ паём
Аз саховат, аз самар, шод омадӣ.
Дар канорат мебарад инсон басар
Як дами бе дарди сар, шод омадӣ.
Эй биё, гул гуфтаву гул бишнавем,
Гул ба домон, гул ба сар шод омадӣ.

* * *

Эй ғунчаи хандида, Наврӯз муборак бод!
Эй чашмаи ҷӯшида, Наврӯз муборак бод!
Эй камдили тарсида, аз ишқ фурӯ бигзор,
Эй ошиқи шӯрида, Наврӯз муборак бод!
Эй шохаи хушкида, имсол ту нашкуфтӣ,
Эй пунбаи болида, Наврӯз муборак бод!
Эй ёри аламдида, имсол куҷо рафтӣ?
Эй ёри писандида, Наврӯз муборак бод!
Эй ҳусни барозида, Наврӯз муборак бод!
Эй ҷону дилу дида, Наврӯз муборак бод!

[1]. Аз Шамси Табрезӣ.

* * *

Ба баҳори нав расидам, зи баҳор шукр гӯям,
Ба нигори нав расидам, зи нигор шукр гӯям,
Зи хумори ишқ шодам, ки дили маро ҷавон кард,
Ба хумори дил расидам, зи хумор шукр гӯям.
Зи шарори хандаи гул ба дилам шарора афтод,
Ба дили шарорaборам зи шарор шукр гӯям.
Ғазали ҳазор бошад зи ҳазор ҷилваи гул,
Зи ҳазор нағмаи ӯ ду ҳазор шукр гӯям.
Чу баҳор гул фишонад, ба барори нав расонад,
Зи барои ризқи мардум зи барор шукр гӯям.
Чу шавад шукуфаборон ба сару ба дӯши ёрон,
Зи хазон кунам фаромӯш, зи баҳор шукр гӯям.

* * *

Дар гирди хони Наврӯз хешу табору ёрон
Дуранд ё ки наздик, бояст ҷамъ оянд.
Бошад ки сер бинанд соли дароз ҳамро,
Бо ҳамдигар бисозанд, бо ҳамдигар бипоянд.

Дар рӯи хони Наврӯз бояд ки боз бошад
Ҳам шохаи гули тар, ҳам неши сабзи гандум.
Бошад ки бахти одам бошад чу гул шукуфон,
Бошад ки сер бошанд аз нон тамоми мардум.

Дар рӯи хони Наврӯз рамзи баҳори дунё
Ё ҳафтсин бибояд ё ҳафт навдаи он –
То боғи ҳафт иқлим рӯи хазон набинад,
То боғи умр бошад то ҷовидон гулафшон.

Дар базми иди Наврӯз аз ҳафт навъи бода
Ман ҷоми хештанро пур мекунам, ҳарифон,
Менӯшамаш ба шодӣ бо кулли мардуми даҳр
Рӯи ғаме набинад то ҳафт пушти инсон!

## НАВРӮЗӢ

Наврӯз лола орад,
Май дар пиёла орад,
Пайғоми навбаҳорон
Бар кӯҳу ёла орад.
Наврӯзи навбаҳорон бар дӯстон муборак,
Ҷашни гулу муҳаббат дар бӯстон муборак.

Наврӯз навҷавон аст,
Наврӯз ҷовидон аст.
Аз рӯзгори дерин
Зеботарин нишон аст.
Наврӯзи навбаҳорон бар дӯстон муборак,
Ҷашни гулу муҳаббат дар бӯстон муборак.

## ДИДОРИ ОФТОБ

Суғдиён бар пешвози Офтоб
Ҳар саҳар даф мезаданд.
Ҳар саҳар дар саҳнаи Наврӯзгоҳ
Рақс мекарданд,
Шеър мехонданд,
Бо ҳазорон шавқи дил каф мезаданд.

Ҳар саҳар дар домани самти тулӯъ
Нағма мепечиду оҳангу суруд.
Ханда мепечиду бонги шавқу шӯр
Ҳар саҳар дар домани чархи кабуд.
Ҳар саҳар бар пешвози Офтоб
Завқ буду ханда буд –

То бидонад Офтоб
Зиндагонишон хуш аст.

То бидонад Офтоб
Дар дили онҳо шарори оташ аст.
То бидонад Офтоб
Қисмати ӯ низ рӯзи дилкаш аст...

Чун расад вақти видоъ,
Бегаҳӣ дар домани самти ғуруб
Боз ҳам каф мезаданд,
Боз ҳам даф мезаданд,
То набинад Офтоб
Дар рухи онҳо ғубори хастагӣ.
То нагӯяд Офтоб
Нест ононро ба рӯзи дигаре дилбастагӣ...

Инчунин дар ҳар ғуруб
Завқ буду ханда буд.
Инчунин чангу чағона
Ғулғула андар фалак афканда буд,
То ки фардо ҳам барояд офтоб,
То ҳама бошанд аз ӯ баҳраёб.

## ТАРОНА

Ман аз бар мекунам рӯзе суруди обшоронро,
Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро.
Ман охир корвони рӯдҳоро сорбонӣ мекунам рӯзе,
Паёми об меорад ҷавори даштзоронро.

Ман охир корвони турнаҳоро бо баҳори нав
муборакбод мегӯям,
Ва аз хатти сабзи сабзаи навруста меҷӯям
замони навхатиямро.
Ва аз ҳар навниҳоли гулбасар дархост месозам
замони навқадиямро.

Ман охир корвони кӯҳҳоро бор мебандам,
Ба даргоҳи ҷавонӣ рӯй меорам.
Ба ҳаққи шири модарҳову ҳаққи ҳӯсни духтарҳо
Ҷавониро ҷиҳози тӯй меорам.
Ҷавонии дигар меёбам аз дунёи рӯҳонӣ,
Зи нав таҳрир месозам ба афсӯсу пушаймонӣ
Хатоҳое, ки аз ман рафт дар ишқи ҷавониям,
Хатоҳое, ки бигзашт аз ману аз зиндагониям.
Валекин дар тани деворҳои мактаби деҳа
Нахустин шеърҳои ошиқии хешро дигар намеёбам,
Дигар дар нӯки мӯи духтарони ҳамдабистонам
Ба тарсу ларз мактуби муҳаббат ҳам намебандам.
Раҳо шуд кокули онҳо зи дастонам,
Раҳо шуд номаи ман ҳам.
Дигар ман хоб мебинам рухи ҳамсоядухтарро,
Ки бо ман ҳар саҳар ҳамроҳ мактабхона меомад.
Муҳаббат чист? – мепурсид аз ман духтари сода.
Ба мактаб гӯиё дарси муҳаббатхонӣ меомад.
Дигар ман хоб мебинам нахустин устодамро,
Нахустин дафтари машқу «Алифбо»-и саводамро.
Дигар ман хоб мебинам сари зонуи модарро,
Канори гарми модаррову бӯи мӯи модарро.
Замони беғамии ман гузаштаст,
Ман акнун рангҳои тавъами рангинкамонро
Зи борони сиришки хеш меёбам.
Ман акнун рангҳои равшани давру замонро
Зи мӯҳои сафеди пирҳои давр мекобам.
Ба ёди обшори кокулони духтари тоҷик
Ман аз бар мекунам акнун суруди обшоронро!
Ба номи кӯҳҳо – гаҳвораи мардони оламгир
Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро!

## ДУОИ НАВРӮЗӢ

Боз наврӯз омаду дил шуд ҷавон,
Кӯҳнашаҳру кӯҳнаманзил шуд ҷавон,
Меҳр шуд бедор дар ҳафт осмон,
Офтобо, эй фурӯғи сад ҷаҳон,
То ба наврӯзи дигар моро расон!

Рӯд бо амвоҷ болу пар кушод,
Муғча во бинмуда болу пар кушод.
Майсаи кӯҳ аз ду паҳлу пар кушод,
Эй саҳоб, эй паркушода корвон,
То ба наврӯзи дигар моро расон!

Гарчи сар бар уфқи афлокем мо,
Лек умре реша дар хокем мо,
Саҷдагар бар модари покем мо,
Модари ҷонбахши мо, эй хокдон,
То ба наврӯзи дигар моро расон!

Марди деҳқон сарнавишти нав навишт,
Сарнавиште аз биҳишти нав навишт,
Ёлаҳоро ҷуфт карду дона кишт,
Гуфт деҳқон: – Эй насиби обу дон,
То ба наврӯзи дигар моро расон!

Бо умеди иди Наврӯзи дигар,
Бо умеди боз як соли самар,
Мо ҳама ҳастем сӯят саҷдагар,
Эй худованди замину осмон,
То ба наврӯзи дигар моро расон!

## КАМОНАБРӮ

Намудам андаке то майли тасвири камонабрӯ,
Шудам мисли нишон огандаи тири камонабрӯ.

Чӣ бошад фитнаи Гурдофариду ҳайрати Сӯҳроб
Ба пеши фитнаи чашми ҷаҳонгири камонабрӯ.

Тамоми рӯи оламро сипардам, ҳайратам н-омад,
Шудам дар деҳаи Тагноб тасхири камонабрӯ.

Пайи оҳуи чашмаш оҳувонро мекашад бар дом,
Чу сайд афтодаам дар доми тазвири камонабрӯ.

Замона дар рухи Хуршед агарчи доғ пайдо кард,
Надидам дар рухи зебош тақсири камонабрӯ.

Чӣ ҷои Каъбарафтанҳову майли саҷдакарданҳо,
Биёрам саҷдаҳо бар модари пири камонабрӯ.

Рақиби мо набитвонад, ки аз чашмаш нигаҳ дуздад,
Дар он ҷое Аюбӣ ҳаст нозири камонабрӯ.

## ҲУСНИ БАҲОР

Шамоли нарм-нармак аз бари кӯҳ
Вазад бар ғунчаҳои шохсорон,
Ба сони хандаи ширини духтар
Ба гӯш ояд навои обшорон.

Саҳар аз теғаҳои кӯҳи Шуғнон
Барояд хандарӯ хуршеди ховар.
Навозиш карда кӯҳистони моро
Чу дастони ҳаётомӯзи модар.

Аё мурғи саҳар, дар ҳотаи гул,
Садоят дил барад аз синаи танг.
Шавам сармаст чун савти хуши ту
Ба сози ёри ман гардад ҳамоҳанг.

Хуш он рӯзе, ки ҳамроҳи нигоре
Канори чашмаи Носир нишинам,
Баҳорони Бадахшону рухи ёр
Ба шавқу завқ бо серӣ бубинам.

## АРӮСИ СОЛ

Шод бош, эй Ватанам, боз баҳорон омад,
Мурғи гул боз ба гулбоғ парафшон омад.

Ғарқи гул, ғарқи раёҳин шуда бо нозу адо,
Боз Наврӯзи рухафрӯхта меҳмон омад.

Абри найсон нафасе рӯи саморо бигирифт,
Аз бари соиқаҳо тундари ғуррон омад.

Ғунча дар шох шукуфту лаби ҷӯ сабза дамид,
Навбати сайр пайи чуқриву торон омад.

Дар фироқи гули гумкарда зи нав сӯи чаман,
Хуни дил хурда басе, булбули нолон омад.

Ҷоми май дар кафу бо чеҳраи бишкуфта зи нав,
Лолаи доғбадил сӯи гулистон омад.

Чун ба наргис назар афтод, ба савсан сунбул,
Гуфт бигрез, бубин сарвари мастон омад.

Мушколуда насими саҳарӣ аз дараҳо,
Ҷониби дашту даман шӯху парешон омад…

Марҳабо, духтари Наврӯз, ба истиқболат
Ёри Ширини ту аз кӯҳи Бадахшон омад.

## ГУЛ АРӮСАК ШУД

Гул арӯсак шуду хамёза кашид,
Дод пайғоми шукуфтан ба сабо.
Боди Наврӯз чу пайғоми баҳор,
Нагҳати гул ба ҷаҳон кард ифшо.

Гашт хуршед намоён аз кӯҳ,
Мӯи тиллоии худ кард париш.
Ранг афшонда ҷаҳон рангин кард,
Дид дар қатраи шабнам рухи хеш.

Мурғакон шод зи оҳанги баҳор
Ба чаман замзамапардоз шуданд.
Зада минқор ба парҳои карахт,
Бол бикшода ба парвоз шуданд.

Турнаҳо, то ки бафайз ояд сол,
Зи само паст париданд имрӯз.
Ошиқон сайри гулистон рафтанд,
Гули Наврӯз бичиданд имрӯз.

Кӯдакони деҳа гул чида, ба шаҳр
Аввалин пайки баҳор оварданд,
Ҳам ҷавонон пайи дилёбии ёр
Баста гулдаста ба ёр оварданд.

## САБЗАҲОИ ОРЗУ

Бар диёри ман баҳори ҷомасабз
Боз чун пайки ҷавонӣ мерасад,
Булбулонро боз дар боғу чаман
Рӯзҳои нағмахонӣ мерасад.

Абр аз борони найсонии худ
Мекунад пур ҷомаҳои лоларо.
Боз гулҳо базм барпо мекунанд,
Гулнавозӣ мекунад боди сабо.

Дар дурахши баргҳои сабз боз
Мешавад тасвир нури офтоб.
Мефароянд аз фарози қуллаҳо
Рӯдҳо боизтиобу бошитоб.

Нойи чӯпон медиҳад акси садо
Боз дар кӯҳу дар оғӯши дара,
Мерасад бар гӯшҳо савти баҳор,
Нағмапардозии оби шаршара.

Боз дар дилҳои бесабру қарор
Сабзаҳои орзу сар мекашанд,
Боз бо дасту дили гарм одамон
Зиндагиро тарҳи дигар мекашанд.

## БУНАФША

Ба сафҳаи китоби ман чу рамзи навбаҳори ишқ,
Нишони меҳри аввалин зи ҷӯши чашмасори ишқ,
Ниҳода ёр он баҳор бунафшае ба ёдгор.

Ту дарси ишқи покро ба як ишора хондаӣ,
Ба сафҳаи китоби ман бунафшаро ту мондаӣ,
Ту мондаӣ бунафшаро ба ёди ишқи поки мо.

Агарчи рафта солҳо, вале нарафта бӯи он,
Ҳанӯз ҳам намеканам, ду чашми худ зи рӯи он…

Бунафшае, ки чидаӣ барои ман ту аз чаман,
Чу ёди ишқи аввалин намеравад зи ёди ман.

## ЯК ЧАМАН СУХАН

Қасам ба чашмаки хуршед,
Қасам ба боди сари шохҳои баланд,
Қасам ба хок
Ва оби зулоли синаи ток,
Ки замҳарири заминро шукуфазор кунам.

Қасам ба хандаи оташ,
Қасам ба гиряи шамъ,
Ки шамъхонаи хомӯши ин хиёбонро
Даруни синаи ин раҳравони беово
Ҳазор ояи нурӣ ман интишор кунам.

Қасам ба равзани рӯзу
Қасам ба тавсани шаб,
Ки аз хироми баланду маҳину мушкинаш,
Зи ёли болфишону зи наъли зарринаш
Зи Каҳкашон
Ба хаскашони хиёбони шаҳри сармоӣ
Зи гарди ситора шароразор кунам.

Қасам ба сабзии саҳро,
Ба рӯи гандумгин,
Ба майсаи лаби ҷӯи лабони хубонаш,
Барои зиннати домони духтари наврӯз
Ба кӯҳу дашту даман
Як чаман
Сухан бисабзонам.

## НАВРӮЗИИ ПАНҶРУД

Кардам сафари ҳазорсола
То дайри муғону сайри лола.
Аз нағмаи хусравона дидам
Гаҳ шодиву гаҳ навои нола.
Дунё тарабу нишот дорад,
Дарё зи ҳазор нола-мола.
Ҳар кас, ки шикаст ҷоми моро,
Кардам ба худои худ ҳавола.
Гар ғарқ шавӣ ба мавҷи бода,
Хуни ту ба гардани пиёла.
Аз роҳи ҳазорҳо раҳовард
Он тифли хуҷастаи дусола.
Хоҳам ба ту, эй рамузи фардо,
Умри ғазалу дави ғизола.

## РӮЗГОРОНИ БАЛАНД

Киштаҳо сар мекашад аз киштзорони баланд,
Зиндагӣ сар мекашад бо кӯҳсорони баланд,

Мардумон дар даштҳо бо домани зарташтҳо,
Ибрати мо – ҳиммати ин хоксорони баланд.

Иртифои баҳру дарёи фалак ин ҷо якест,
Нек бодо рӯзи ту эй рӯзгорони баланд!

Шӯълаи хуршед мерезад зи ташти нилгун,
Мезанам худро ба зери обшорони баланд.

Сабзаи сабзи туям, эй хок, эй деҳқони пок,
Бахш бар умрам самар аз оби борони баланд!

## БАҲОР ОМАД

Баҳор омад:
Бояд бо дарахтон буд,
Бо дарахтон аз замин рӯид,
Бо лолазорон дар замин сурхид
Ва бо парвонаҳо буд,
Ки чун гулбарг мерезанду мерезанд
Ва бо рангинкамон буд,
Ки аз он рангҳо ҷорист.

Бояд ошиқ буд, ошиқ буд, ошиқ буд,
Як даме бо резаборон,
Як даме бо бӯсаборон буд.

Баҳор омад, баҳор омад,
Чароғи лолаҳо равшан,
Чароғи дидаҳо равшан,
Агар бо чашм дуриро намебинед,
Бо дурбини чашмҳо бинед,–
Ҳар он кас аз шумо дур аст, мебинед,
Чу дар оина мебинед.

Баҳор омад:
Ҳам ошиқпеша бошед,
Ҳар ҳунарпеша.
Баҳори ошиқон, яъне
Шаби маҳтобии дунё,
Лаби ёре дар ин шабҳо,
Ки дарё аз шумо филме бубардорад–
Пур аз оҳанги дарёӣ.
Навори обҳоро пур кунед аз хеш,
Пур кунед зи ишқ.

Парастуҳо
Хати парвозашонро дар ҳаво чун ришта мебанданд,
Ки фардо ин ҳаворо бо ҳамин ёддошт
Дар ёд бояд дошт.
Шумо ҳам риштаи зулфе гиреҳ бандед
Ва ин ёддоштро дар ёд бояд дошт,
Ки фардо ё пас аз фардо
Чароғи лолазорон мешавад хомӯш
Ва дарё ҳам наворашро
Ба гирди сангҳо печонда, хоҳад дод
Ба Бунёди хазонрезии тиллоӣ.

## БАҲОРИ ФАЙЗОБОД

Мавҷи лола мехезад аз канори Файзобод.
Хуни хуфта меҷӯшад дар баҳори Файзобод.

Аз ҳарорати хокаш, аз таби арақнокаш
Донаҳои табхол аст киштукори Файзобод.

Лола шӯълавар кардаст кӯчаҳои хокистар,
Шамъи лола месӯзад дар мазори Файзобод.

Лола – дар сари бомаш, лола – дар сари девор,
Ин – ливои гулгунаш, он – шиори Файзобод.

Фавҷи лола дар бармол, дар миёни гандумзор,
Лола дар бағал дорад сангу хори Файзобод.

Мо аз оташи гулҳо фасли оташин дорем,
Равшан оташи Зардушт дар шамоли Файзобод.

## ГУЛҶӮШ

Баҳор аз сабзии рӯи ту омад,
Ба ҷои бӯи гул бӯи ту омад,
Парастуи баҳорон норасида,
Парастуи ду абрӯи ту омад.

Ҳаворо нам-нами бориш гирифта,
Камони Рустаму Ораш гирифта,
Ба саҳро бингарам, аз оташи гул
Замину осмон оташ гирифта.

Баҳорон қавси Ораш мекунад гул,
Ба гардун нақши дилкаш мекунад гул,
Ба ҳар фасле табиат мешукуфад,
Зимистон чӯби оташ мекунад гул.

Зи хоки навҷавонон лола рӯяд,
Ба ранги рӯи ҳаждаҳсола рӯяд,
Зи хоки кӯдакон рӯяд сияҳгӯш,
Ки зебад кӯдаконро дар баногӯш.

Баҳор омад, ба як ҷо сабза сабзид,
Ба як ҷои дигар сабзина сабзид,
Миёни сабзаю сабзина охир
Асои дасти ман дар қабза сабзид.

## НАВРӮЗИ ДИЛ

Аз шукуфоӣ ту пур кун ҷони мо,
Сабзу хуррам кун ҳама армони мо,
Аз муҳаббат, аз садоқат, аз сафо
Бозсозӣ кун сару сомони мо.

*Нақарот:*

Эй, Наврӯзи тар,
Эй, Наврӯзи шод,
Ғуссаи моро бару шодӣ биёр.
Эй, Наврӯзи дил,
Эй, Наврӯзи ёд,
Баҳри мо борони хушбахтӣ бибор.

Аз ту ҳиҷрон мегурезад сӯ ба сӯ,
Мерасад васл аз қудумат кӯ ба кӯ,
Эй ҳама мӯйи ба мӯят базми ишқ,
Ишқ бахшо, ишқ моро мӯ ба мӯ.

*Нақарот.*

Ту гузар кун аз ҳама роҳи ҷаҳон,
Ту зафар кун бар дами сарди хазон.
Зиндагиро навҷавонӣ ҳадя кун,
Бар ҳазорон рӯзи нав моро расон.

*Нақарот.*

## ЧАКОМАИ НАВРӮЗӢ

**1.**

Дил канори мо намегунҷад,
Лола дар саҳро намегунҷад,
Мавҷи пуршӯри раҳогашта
Дар дили дарё намегунҷад.
Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз
Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.

Сабзаи дашту даман, бархез,
Нағмаи боғу чаман, бархез.
Эй суруди ваҳдату шавкат,
Аз дили ҳар марду зан бархез.
Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз
Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.

Эй ҷавонӣ, навҷавонӣ кун,
Ту уқобӣ, парфишонӣ кун.
Зиндагӣ, эй зиндагии сабз,
Зинда бошу зиндагонӣ кун.
Иди Наврӯзи ҷаҳонафрӯз
Мекунад сайри ҷаҳон имрӯз.

**2.**

Тоҷикистон ҷойи хуршед аст,
Хонаи армону уммед аст,
Ҳар кучое бингарӣ, меҳр аст,
Ҳар кучое по ниҳӣ, ид аст.
Марҳабо Наврӯзи Истиқлол
Парчами пирӯзи Истиқлол.

Оби мо софу дили мо соф,
Остони манзили мо соф.

Кас наметонад биолояд,
Баски буда аввали мо соф.
Марҳабо Наврӯзи Истиқлол
Парчами пирӯзи Истиқлол.

Дасти мо бо дасти инсонҳост,
Ҷони мо пайвастаи онҳост,
Дар сари мо ёди фардоҳо,
Дар дили мо аҳду паймонҳост.
Марҳабо Наврӯзи Истиқлол
Парчами пирӯзи Истиқлол.

**3.**

Чеҳраи мардум фурӯзон аст,
Ғунчаи дилҳо шукуфон аст,
Иди аҷдодии мо имрӯз
Рӯнамои Тоҷикистон аст.
Ёла то ёла – ҳама гулпӯш,
Сина то сина ҳама пурҷӯш.

Ҷашни Истиқлол – Наврӯз аст,
Хандаи иқбол – Наврӯз аст.
Ин шукӯҳу шаҳмати олӣ
Марҳабои Тоҷикистон аст.
Ёла то ёла – ҳама гулпӯш,
Сина то сина ҳама пурҷӯш.

Кӯҳҳову сарбаландиаш,
Боғҳову дилписандиаш,
Ин ҳама зебу фари Фирдавс
Аз барои Тоҷикистон аст.
Ёла то ёла – ҳама гулпӯш,
Сина то сина ҳама пурҷӯш.

То ки нури тоҷикӣ барҷост,
То ғурури тоҷикӣ барпост,
Осмон чун қолии нилӣ
Зери пойи Тоҷикистон аст.
Ёла то ёла – ҳама гулпӯш,
Сина то сина ҳама пурҷӯш.

Умри мо сабзу гулафшон бод,
Рӯзи мо неку пурэҳсон бод,
Бахри мо ин файзи наврӯзӣ
Аз атои Тоҷикистон аст.
Ёла то ёла – ҳама гулпӯш,
Сина то сина ҳама пурҷӯш.

## ЁДГОРИ ОРИЁН

Наврӯз зи шӯҳрати Каён меояд,
Пирест, ки ҳамвора ҷавон меояд.
Бо Ҷоми Ҷаму ратли гарон меояд,
Аз базми шукӯҳи Ориён меояд!

## ШАҲИ НАВРӮЗ

Шаҳи наврӯзи ман
аз кишвари уммед меояд,
Ба дасташ Ҷоми Ҷам
бо номаи Ҷамшед меояд.
Дарахти сабри ман
аз ишқ ҳалвои самар дорад,
Сафири ишқи ман
бо парчами хуршед меояд.

## МУБОРАК БОД

Муборак бод наврӯзе,
ки боғи гул
ба бар дорад,
Дили ошиқ ба каф,
гулчанбари шодӣ
ба сар дорад.
Зи номи мардуми дирӯз
баҳри миллати фардо,
Паёми ишқ
дар сози Накисои назар дорад.

## ЭҲЁ

Ишқ ҳамчун моҳи нав дар гӯшаи бом аст,
Фасли эҳсон, фасли илҳон, фасли илҳом аст.

Фасли дар барги нигоҳе сабз печидан,
Фасли аз барқи нигоҳе сурх ҳечидан,

Фасли дар оинаи чашме аён гаштан,
Бо нигоҳе дар нигоҳе ҷовидон гаштан…

Андар ин ҳангомаи ҳангоми беҳангом,
Андар ин зебоии бадномии хушном,

Озарахше дар қиёми набз месӯзад,
Хуни сурхи орзуҳо сабз месӯзад,

Хок дар гул, ток дар май ранг мерақсад,
Нола дар най лолаи оҳанг мерақсад…

Зиндагӣ барбатнавози базми духтарҳост,
Фасли бебаргии маргу мотами ғамҳост.

Фасли эҳё, фасли эҳдо, фасли инъом аст,
Ишқ ҳастӣ, ишқ мастӣ, ишқ пайғом аст.

Миннати лутфи ҷазоро сахт пазмонам,
Ҳадябахши босазоро сахт пазмонам,

Аз расули ишқ сӯзи тоза мехоҳам,
Маҳбаси овозаро дарвоза мехоҳам.

Мепарад чашми дилам..,
сабри хуморам ман,
Ишқ – инъоми худоро – интизорам ман!

## НАВРӮЗИ КӮҲАНРӮЗ

Бо номи ту фол мекушоям ҳама умр,
Сарриштаи ҳол мекушоям ҳама умр,
Бо болу пари шикастаи танҳоӣ,
То боми ту бол мекушоям ҳама умр:
Эй боиси худсозиву худсӯзии ман,
Эй дар ҳама фасли сол наврӯзии ман!

Умрам бигузашту сӯзи ишқат нагузашт,
Дай омадаву тамузи ишқат нагузашт.
Дар созу тарона сӯзи ишқат нашукуфт,
Дар нойи ҳиҷо рамузи ишқат нагузашт:
Эй ҳасрати ҷовидонаи шодии ман,
Завлонаи дастunion озодии ман.

Бо ҷамъияти ҷамъ тани танҳоям,
Олам пури марду ман зани танҳоям.
Монандаи оҳи сард андар лаби дард,
Дар шеваи ҳаҷр шевани танҳоям:
Эй маънии зиндагонии фонии ман,
Эй ишқи фалакнамои ирфонии ман!

Дар домани шаб ситоракорӣ дорам,
Дил дар кафи пойи интизорӣ дорам,
Дар роҳи ту дидаи хуморӣ дорам,
Монандаи рӯд беқарорӣ дорам:
Боз о, ки баҳор ояду дигар наравад,
Нур ояду сур ояду дигар наравад!

Боз о, ки зи дидори ту хушнуд шавам,
Дар пардаи ғам нағмаи падруд шавам,
Чун шӯъла бурун зи зулмати дуд шавам,
Нобудаму аз будани ту буд шавам:

Аз ҳар нигаҳи гарм туро меҷӯям,
Аз озару озарм туро меҷӯям.

Аз умри наоянда туро металабам,
Аз бахти нопоянда туро металабам,
Эй гумшудаи дар нафаси ман пайдо,
Аз рафтаву оянда туро металабам,
Фарнозу фараҳсозу фаромӯз биё,
Бо рози нав аз равзаи наврӯз биё!

Эй боиси худсозиву худсӯзии ман,
Эй дар ҳама фасли сол наврӯзии ман!

## АРҒУШТИ НАКҲАТИ ГУЛ

Арғушти накҳати гул дар бӯстон муборак,
Рақси фари парасту дар осмон муборак.

Рав дарду ғам, ки шодем, хони фараҳ кушодем,
Паймонаи фараҳзо бар ғамкашон муборак,

Дунё пур аз фасона, дилҳо пур аз тарона,
Фасли фасонаи ишқ бар ошиқон, муборак.

Дар ҷодаи халосӣ, аз бодаи халосӣ,
Бе неш нӯш кардем, шодии ҷон муборак.

Як дастро садо нест, як тор хушнаво нест,
Пайванди ҳамҷаворон то ҷовидон муборак.

Мо як танему як ҷон, мо як дилему як рӯҳ,
Эй рӯҳи хастаармон, тобу тавон муборак.

Аз сад бало гузаштем, аз Карбало гузаштем,
Охир ба худ расидем, бахти гарон муборак!

## НАВРӮЗИ ҶАҲОНӢ

Рӯед чу гул дар дили ҳам бо ғазали ишқ,
Оғӯш кушоед ба ҳам бо бағали ишқ.
Резед ба лабҳо зи муҳаббат асали ишқ,
Аз бодаи Ҷамшед ба ҳар як маҳали ишқ.

*Нақарот:*

Наврӯз муборак,
Наврӯзи ҷаҳонӣ,
Наврӯзи амонӣ.

Бошед ба ҳам якназару дӯсти ҷонӣ,
Бо шаҳдзабонӣ,
Бо шукри амонӣ.

Наврӯз биёред ба дилҳо ба накӯӣ,
Оред нафасҳои хуш аз ҳандалабӯӣ,
Аз фалсафаи ошиқию покизарӯӣ,
Аз арши дилу манзалати мартабаҷӯӣ.

*Нақарот.*

Тоҷикӣ садо дод чу Наврӯз зи лабҳо,
Бояд зи раҳи меҳр шиносем насабҳо.
Чун сулҳу амонист дар ин базму тарабҳо,
Оҳанги амонӣ расад аз тори асабҳо.

* * *

Эй дӯст, биё, биё, ки наврӯз хуш аст,
Наврӯз ба чеҳраи дилафрӯз хуш аст
Наврӯз Шумо,
Наврӯз ба чеҳраи дилафрӯз Шумо,
Наврӯз Шумо.

Эй дӯст, биё, биё, ки пазмон шудаем,
Пазмони ҳавои бӯсаборон шудаем.
Пазмони Шумо,
Пазмони ҷамоли навбаҳорони Шумо,
Пазмони лаби зи бӯса хандони Шумо,
Пазмони Шумо.

Эй дӯст, биё, биё, ки боз оғӯш аст,
Боз оғӯши зуҳрваши гулпӯш аст,
Гулпӯш Шумо,
Гулпӯш – ба боғ чун лаби нӯш Шумо,
Гулпӯш – ба ҷон кушодаоғӯш Шумо
Гулпӯш Шумо.

Эй дӯст, биё, биё, ки сози тараб аст,
Сози тараб асту зери лаб барги лаб аст.
Дилсӯз Шумо,
Дилсӯз ба хандаҳои чун рӯз Шумо
Дилсӯз ба бӯсаи ҷигарсӯз Шумо,
Дилсӯз Шумо.

## НАВРӮЗӢ

Бо гулу гулбодҳои навбаҳори гулфишон
Бар шумо бодо муборак рӯзи Наврӯзӣ ҷавон!
Дар ҷаҳон бигзор бишкуфад гули бахту мурод,
Ҷовидонӣ то шукуфтан бошад оини ҷаҳон!

Пеш оред олами аз меҳри дил наврӯзро,
Чангу даф гиреду ҷоми бодаи фирӯзро.
То гунаҳ сӯзеду бо исмат раҳи дил биспаред,
Барфурӯзонед гулханҳои зулматсӯзро.

Наварӯсон! Чодаре дар домани саҳро занед!
Ошиқон! Дар кокулони дилбарон гулҳо занед!
Машъал аз дилҳо фурӯзонеду пеши пои ёр–
Ҳар чие доред агар аз давлати дунё занед!..

Тирагии шоми наврӯзӣ намехоҳед агар,
Оташи афрӯхта бояд намирад то саҳар…
Рӯҳи аждодӣ шавад то шод, бояд, ки зи мо–
Зиндагии бевафо бинад вафои бештар…

## НАВРӮЗ МУБОРАК БОД

Олам ҳама хандон шуд, Наврӯз муборак бод!
Ҷон дар бағали ҷон шуд, Наврӯз муборак бод!

Ёре бари ёр омад, ду кабк қатор омад,
Андӯҳ гурезон шуд, Наврӯз муборак бод!

Рӯе бари рӯ омад, соғар ба сабӯ омад,
Лабҳо шакаристон шуд, Наврӯз муборак бод!

Аз халқаи оби ҷӯ, аз силсилаи гесӯ,
Дил силсилаҷунбон шуд, Наврӯз муборак бод!

Аз нозу итоби ёр, аз бӯи гулоби ёр,
Ошиқшуда ҳайрон шуд, Наврӯз муборак бод!

Шамси саҳарӣ хандон, шоми қамарӣ хандон,
Лабханда фаровон шуд, Наврӯз муборак бод!

Бар ёр сафо оред, дунёи вафо оред,
Дунё, ки зи ёрон шуд, Наврӯз муборак бод!

Нахли қади мавзуне, шабҳои пурафсуне,
Ҷуфти дили инсон шуд, Наврӯз муборак бод!

Аз ёри ғазалбофе, аз шӯхи маталбофе,
Ҳақбачча ғазалхон шуд, Наврӯз муборак бод!

Аз ёр сухан гӯед, атри тани гул бӯед,
Навбат ба ҷавонон шуд, Наврӯз муборак бод!

Бошед ба якдигар, дар ин дами ҷонпарвар,
Бо ҳам будан осон шуд, Наврӯз муборак бод!

Шамс омаду нур омад, дунёи ҳузур омад,
Абр омаду борон шуд, Наврӯз муборак бод!

Ғамро зи дил андозед, бо шодии дил созед,
Шодӣ ба ғамистон шуд, Наврӯз муборак бод!

Бо оини дилсӯзӣ, бинед зи ҳам рӯзӣ,
Рӯзӣ, ки фаровон шуд, Наврӯз муборак бод!

## ЭЙ ҲАМНАФАСОН

Эй ҳамнафасон, мужда, ки Наврӯзи баҳор аст,
Дар субҳи фазои Ватанам турна қатор аст.

Он мард, ки дилтанг буд аз хонаи тангаш,
Бар аспи саманди ҳавасаш боз савор аст.

Дорад нафаси гарм дигар обу гили сард,
Дар шираи гул чаҳ-чаҳи ширини ҳазор аст.

Ғофил машав аз ашки фиребандаи тундар,
Бархез, баҳор андаку фурсат ба шумор аст.

Бар омадани маҳваши гулбӯи баҳорон,
Чашми фалаки ғамзада ду дидаи чор аст.

Аз бонги саҳаргоҳии мурғони саҳархез
Мардум пайи рӯзӣ ба умед аз паи кор аст.

Дар дашту даман, шаҳру гузар, деҳи қаторак
Бо шеваи ҷӯ нағмасаро чангу дутор аст.

Файзе, ки зи ҳар ноҳия резад ба Душанбе,
Сарсабз аз он водии дилҷӯи Ҳисор аст.

Аз покии хокии гулафшонии Наврӯз
Он душмани порина бубин, хешу табор аст.

## ТАРОНАИ НАВРӮЗ

Омад баҳори нозанин саҳро саросар фавҷи гул,
Домони кӯҳу боғҳо шуд шӯълазори мавҷи гул,
Аз хок сар берун кашид ҳар як гияҳ бо ин калом:

Айёми Наврӯз, ассалом!
Эй оламафрӯз, ассалом!

Пиру ҷавон имрӯзро сарфи назарбозӣ кунанд,
Гулдухтарони гулназар болида таннозӣ кунанд,
Ҳар кӣ ба ёди фасли гул хонад суруди бардавом:

Айёми Наврӯз, ассалом!
Эй оламафрӯз, ассалом!

Дар шохсорон рӯзу шаб мурғони хушхон дар наво,
Булбул бихонад сози нав дар боғ дар гулзорҳо,
Аз чаҳ-чаҳи онҳо расад бар гӯш ҳар дам ин паём:

Айёми Наврӯз, ассалом!
Эй оламафрӯз, ассалом!

## МО ОШИҚИ НАВРӮЗЕМ

*(Суруд)*

Эй оби равон, сабзаи навхези баҳорӣ,
Эй булбули бар хандаи гул гашта хуморӣ,
Эй лолаи танҳо, ту магар ёд надорӣ?

Мо ошиқи Наврӯзем,
Бо ёри дилафрӯзем.

Эй кабки дарӣ, селаи мурғони хушоҳанг,
Эй абри баҳорон, ки гуҳар дошта дар чанг,
Эй чашма бизан ҷӯш, баро аз дили ҳар санг,

Мо ошиқи Наврӯзем,
Бо ёри дилафрӯзем.

Эй моҳи шабафрӯз, фурӯғи маҳи найсон,
Эй нахли қадафрохта, эй боғи гулафшон,
Эй мурғи саҳархези ба ҳар ғунча ғазалхон,

Мо ошиқи Наврӯзем,
Бо ёри дилафрӯзем.

Эй ҷилваи гулҳои бари домани Варзоб,
Эй хандаи мастонаи дилдодаи бехоб,
Эй нағмаи ҷонпарвари дарёи чу симоб,

Мо ошиқи Наврӯзем,
Бо ёри дилафрӯзем.

## ҲАДЯИ НАВРӮЗ

Баҳорон омадӣ, то аз баҳоронам биёрӣ ёд,
Ки сад боғи гул аз ёдат шукуфон доштам дар дил.
Чӣ гуфтам, доштам, маъзур аз ин ҳусну ҷамоли ту,
Шукуфтам сад чаман ҳоло, магар гул будам обу гил.

Чӣ шавқу шӯри ҷонафзо, вале, ҳайфо, сухан кӯҳна-ст,
Ҳамон ҳусну ҷамолу гул, ду ҳарфи тоза мебояд.
Худо ҳам гар гуле аз ту наёрад офаридан беҳ,
Зи дасти ман, мани банда-ш, бигӯ, охир чӣ меояд?!

Замину осмон то ҳаст, ҷони ошиқе ҳам ҳаст,
Ки бартар ояд аз ҳарфи қиёсу беқиёси кас.
Чӣ суд аз атласиҳои шақоиқҳои ишқангез,
Агар рӯзе нагирам ман туро аз домани атлас.

Чӣ суди домани атлас, агар субҳе нагардад пур
Зи себи сурхи хубонӣ ва ё аз санҷиду гирду.
Чӣ суд аз гирдгаштанҳои чархи нобасомон аст,
Агар дар гирди ҳамдигар намегардем мо ҳар ду.

Биё, аз осмони гирдгардон бар замин оем,
Ки сӯят чун дарахте даст меёзам, агар ҳастам.
Бигир аз шохаи дастам, ки аз гулбоди домонат
Сарафшон, шох андар шох дар албонҷаму мастам.

Биё, то муғчаҳо бо ту сухан гӯянду бикшоянд,
Бигирад шох домонат ба сабзу сурх ангушташ

Ва бар чашми гулаш молидаву бӯсад ҳазорон бор,
Биё, к-инро надида Лайлию Маҷнун ба сад пушташ.

Ва ё шояд, на шояд, бал яқин сад пушт қабл аз ин
Ба ҳам омехт хоки мо, вале ҳар сӯй бурдаш бод.
Туро ин боди наврӯзӣ, ки меояд, ба ман овард,
Ба ту Наврӯзу бар ман ишқи навсӯзат муборак бод!

## ДОСТАК

Достак, омадӣ ин субҳ, биё,
Хуш биё, пайки баҳор овардӣ.
Ман, ки пазмони баҳорон будам, ин ҳама дай,
Бе туям гарм намешуд маҳфил,
Чашм гашта ба раҳат, чашму чароғам,
Ҳама ҷону ҳама дил.

Гӯши ман ташнаи овози баҳоронаи туст,
Чиқ–чиқи сода ба ҷону дили ман мефорад,
Ки ба ин содагию ҳиммату бедаъвоӣ
Олами савту наво меорад.

Хуш биё, лонаи ту дар айвон,
Дер бар омаданат мунтазир аст,
Гарчи дар ҷону дилам чӯҷаяконатро боз
Лонаи ишқу вафои дигар аст.

Дилам имрӯз, ки сармозадаи фасли
фиреб асту дурӯғ,
Натавонад, ки раҳад з-ин ҳама ранҷу озор.
Сахт бовар ба ту хоҳад кардан,
Ки навои ту наво,
Ки баҳори ту баҳор.

Достак, боз ба миқрози пару боли баланд
Сар ба сар марзи диёрам пар зан
Ва бибур риштаи ҳар фанду фиреб,
Ғаразу ҳилаву макру тазвир.
Оқибат,
бахри Худо,
хаста мабошу навмед,
Ва таги реги ҳаҷиру тафта
Сар фурӯ бурда намир!

Ҳол, к-оғози баҳор оварӣ, эй дӯст, биё,
Гарчи сард аст дили ман шояд,
Лек шодам, ки маро дар хона –
Ҳамчу дар лонаи ту мебояд,
Чандто чӯҷаяке ҳаст, ки дар дил лона, –
Ҳама гарму ҳама нарм,
Чашм ба роҳи ту дорад имрӯз,
Ки биёӣ ба зимистон пирӯз.

## АВВАЛУ ОХИРИ ДУНЁИ НАВРӮЗ

Дар дилам шохаи Наврӯз шукуфт
Ҳамчу гелос, ки пушти дарам аст.
Ду ҷаҳон аз нафаси боди сабо атрӣ шуд,
Ҳушёрони дами сарди зимистон гаштанд
Ҳама аз накҳати обу алафу гулҳо маст.

Рафтам аз хона бадар
Чун насиме, ки равад аз бари дарё берун,
То кунад ҷумла ҷаҳонро як субҳ
Аз гулу сабза хабар.

Кӯфтам ман дари ҳамсояи дуру наздик,
Ки, биё, дар бикушо, шод бибошу мамнун.
Бас нишастан ҳама дар хонаи сарду торик,
Ки ҷаҳони гияҳу нурат хонад акнун.

Атри рагҳои ману хандаи лабҳои гулам
Боғ дар боғу чаман дар чаман аст
Дар диёри куҳии сабзаву борону суруд.
То ба Саҳрои Кабиру ба Биёбони Араб
Барам аз накҳати Варзобдара
Абри боронии он пайку duруд.

Хоҳам он ҷо, ки замину инсон
Ташнаи чашмаи меҳранду фароби найсон,
Меғ зорад ҳама шаб,
Меҳр борад ҳама рӯз.

Хоҳам имрӯз равам аввали дунё, бинам,
Ки Худо торами атласро бармеафрӯхт,
Рӯҳи худро ба саропойи ҷаҳон дошт
ҳаме густардан,
Дар замин обу алафро месохт,
Ба наҳангу далфин
дарси шино меомӯхт
Ва хазидан ба хазанда,
ба паранда парвоз
Ва ба Одам ба ҳама ҷинс ҳукумат кардан.

Ҳафтаи аввали дунёи Худо буд он рӯз,
Ки сари мояи ҳастӣ ба адам шуд пирӯз.
Буд он рӯз нахустин Наврӯз.

Чун ҳама боз ба аслаш гардад,
Гул ба гул, хор ба хору булбул бар булбул.

Буд чун аввали ин даҳр ҳама савту садо,
нуру сафо, обу алаф,
Гар бувад охири дунё як рӯз,
Бувад он рӯз яқинан Наврӯз,
То нагардад ҳаргиз заҳмати он рӯз талаф!

## БИЁ, КИ БИЁ

Расад шамими баҳор аз ҳаво биё, ки биё,
Зи оби ҷӯй нав ояд наво биё, ки биё.

Суруди сабзи чаман ояи муҳаббати туст,
Ки ояд аз лаби баргаш сало биё, ки биё.

Ниҳам чу гӯш фаро бар ғиреви синаи хеш,
Ба ғайри ин нанøюшам садо биё, ки биё.

Дилам ба нисбати офоқ чист, як зарра,
Ки хезад аз ҳама олам нидо биё, ки биё.

Агарчи камтарам аз хок зери пояи арш,
Замин шавад таҳи поям само биё, ки биё.

Банӣ башар зи Худо ҳар чӣ илтиҷо дорад,
Ман аз Худо кунамат илтиҷо биё, ки биё!

Ба ҷойи ҷон натавонӣ, ки ҷо шавӣ ба танам,
Ба вақти додани ҷони Худо биё, ки биё.

Набошадам, чу набошӣ, ризойи ҷон додан,
Равам ба додани ҷон дар бақо биё, ки биё.

Зи асли мавҳибати хеш то нишон ёбам,
Зи бенишон чу нишони Худо биё, ки биё.

## ТАРОНАИ НАВРӮЗӢ

Ҷашни сурур омад,
Бо пайки нур омад.
Дар хонаи дили мо
Бо шавқу шӯр омад.
    Наврӯзи нав муборак,
    Наврӯзи нав муборак!

Дашту даман дилоро,
Боғу чаман дилоро.
Бӯи Ватан дилафрӯз,
Рӯи Ватан дилоро.
    Наврӯзи нав муборак,
    Наврӯзи нав муборак!

Ҳар чашмаи дамида
Бахшад сафо ба дида.
Гардад фазои сина
Саршор аз сапеда.
    Наврӯзи нав муборак,
    Наврӯзи нав муборак!

Наврӯзи бостонӣ,
Акнун шуда ҷаҳонӣ.
Хурду калони олам,
Бо ҳам кунад ҷавонӣ.
    Наврӯзи нав муборак,
    Наврӯзи нав муборак!

## БОРОНИ БАҲОР

Борони баҳор шеъри тар мехонад,
Сарводаи Наврӯзи дигар мехонад.
Чун баччаякони идгардак аз субҳ
Ҳамроҳи насим дар ба дар мехонад.

Борони баҳор армуғон мехоҳад,
Бекинагӣ аз пиру ҷавон мехоҳад.
Ҳар гарду ғуборро бишуста бо худ,
Ойинагӣ аз сияҳдилон мехоҳад.

Борони баҳор тар кунад, боке нест,
То тар нашавад, кароматй хоке нест.
Мекӯш, ки борони ғазаб тар накунад,
Борони ғазаб нишона аз покӣ нест.

## НАЗДИКИ ДУР

Эй шӯхи нозанинам,
Эй дури дидагонам,
Бе ман будан тавонӣ,
Бе ту наметавонам.

Ҳаҷрат китоб кардам,
Бинмуда хоби худ гум,
Ҳар рӯзу ҳар шабамро
Бо сарҳисоби худ гум.

Гелос агар намояд
Ҳамранг бар лаби ту.
Аз себи даст бинам
Сурхии ду бари рӯ.

Чун чашми нилгунат
Гар осмон намояд,
Аз сози чашмасорон
Овози дурат ояд.

Ҷои ту кокули бед
Ман мекунам навозиш.
То чанд мекунам боз
Бо дурии ту созиш?

Ҳарчанд Тоҷикистон
Дорад захираи об,
Нашкаст ташнагиам
Ин бор оби Варзоб.

Роҳҳои нав бино кард,
Бар ҳар канор тоҷик,
Роҳи дили ману ту
Аммо нагашт наздик.

## ХАТИ САБЗ

Ҳоло, ки наёмадаст шомам,
Аз бодаи субҳ шодкомам.

Пойизи ҳаёти ман, ки сабз аст,
Сабз аст аз он хату каломам.

То зиндагиам ба пухтагӣ бурд,
Бо гармии дил бипухт хомам.

Таслим ба қисматам нагаштам,
Сайёд намекашад ба домам.

Бисёр чакид хонаи дил,
Подор бимонд боз бомам.

Бас рӯсияҳон сияҳ намуданд,
Шодам, ки нагашта доғ номам.

Ман мансабу ҷо талаб надорам,
Дар шеър биёфтам мақомам.

Омӯхт низоми дил Низомӣ,
Ман раҳрави шеъри бонизомам.

Эй марг, наё ба сӯи субдам,
Ҳоло, ки наёмадаст шомам.

## БАХТИ БАРГАШТА

Ёри баргашта, зи нав гашта биё,
Дигар аз ман ту марав, гашта биё.

Рашк бинмудию бемеҳр шудӣ,
Меҳрубонам ту бишав, гашта биё.

Бидарав ҳар гияҳи шубҳаю шак,
Кишти бовар мадарав, гашта биё.

Дилам аз рафтани ту сард нашуд,
Дар дилам дорам алав, гашта биё.

Ғуссаву ғам шуда ғавчӯби раҳам,
Аз раҳам гир ту ғав, гашта биё.

Моҳ гаҳ нав шаваду кӯҳна шавад,
Эй маҳи кӯҳнаву нав, гашта биё.

Баҳри ту ҷон ба гарав монда будам,
Эй туро ҷон ба гарав, гашта биё.

## ГУЛИ СЕБ

Ин қадар аз мағз-мағзи ҷисму ҷонат во шукуфтӣ,
Ин қадар дар нахли ҷон озодаву зебо шукуфтӣ.

Бо чӣ эъҷозе ту ин рози муҷаллоро бурун овардаӣ,
Ин шукӯҳи осмониро чӣ гуна
Аз дарун овардаӣ?

Эй Худо! Ин аст ишқ, ин аст ишқ, ин аст ишқ,
Ин қадар бе мислу бе монанд рангин аст ишқ…
Барг-барг аз барг-баргат мешукуфад ҷисму ҷонам,
Бо ҳавое, ки нафас мегирам аз ту
Ин шукӯҳ, ин файз, ин эъҷози ҳастиро
Мекунам ҷо дар равонам.

Нусрати хайру саховат,
Накҳати меҳру саодат
Мешавад ҷо дар ниҳодам
Аз ниҳодат, аз ниҳодат, аз ниҳодат…

Эй Худо, бар мо чунин нерӯ бубахш
Чун дарахти себ будан,
Осмон бар сар чунин зебову бе осеб будан.

Ишқро бо накҳати ҷонбахши рӯҳафзо шукуфтан,
Аз сиришти тоза бо сад нусрату маъно шукуфтан…

## АРҒУВОНИ ҒАРҚИ ГУЛ

Эй арғувон, эй арғувон,
Эй арғувони ғарқи гул,
Аз худ фурӯзон гаштаӣ
Чун барқи дил, чун барқи дил!

Эй арғувони армуғон,
Эй арғувони ғарқи ишқ,
Бишкуфтаӣ аз хуни дил,
Эй барг-баргат барги ишқ.

Ин гуна бояд рӯ занем
Аз мағзи ҷон, аз мағзи хун,
Ин гуна бояд во шавем
Аз банду арванди[1] дарун.

Гул руста аз худ, во шавем,
Як гулхани зебо шавем,
Аз маҳбаси ишқи ниҳон
Озодарӯ пайдо шавем.

Гӯё ту аз ман рустаӣ,
Ман аз ту мерӯям кунун,
Эй арғувони гарқи ишқ,
Эй арғувони ғарқи хун!..

## БОРИД БОРОН

*(Суруд)*

Борид борон, борид борон,
Чун ашки ошиқ шорид борон.

---

[1] Арванд – иқтидор, таҷриба

Дар боғи гулҳо, дар боғи дилҳо
Сад донаи ишқ корид борон.

Худро рабудам аз сарнавиштам,
Дар боғи ишқат худро бикиштам,
Аз ҳар навоят худро навиштам,
Аз ҳар сурудат худро сириштам.

Рӯдест ҷорӣ андар равонам,
Ман ҷонибин ту рӯди равонам.
Дар лаб тарона, дар дил фасона
Сози муҳаббат дар тори ҷонам.

Ман барг-барге барги нигоҳам,
Ман барқ-барқе барқи нигоҳам.
Чун ашки шодӣ андар баҳорон,
Чун ашки ҳасрат дар тирамоҳам.

Борони ашкам, борони ашкам,
Борони ишқам, борони ишқам,
Ман бӯса-бӯса бар ту бирезам,
Бар ту бирезам ҳамчун сиришкам.

Борид борон, борид борон,
Чун ашки ошиқ шорид борон.
Дар боғи гулҳо, дар боғи дилҳо
Сад донаи ишқ корид борон.

## ДАР РӮИ ГУЛЕ

Дар рӯйи гуле рӯйи сафоро дидам,
Дар бӯйи гуле бӯйи вафоро дидам.
Дар ҳар гули покиза шукуфони баҳор
Эҳсони шукуфтаи Худоро дидам.

## НАВРӮЗИ ВАТАН

Наврӯзи Ватан, Ватан муборак бошад,
Эҳёи гулу чаман муборак бошад.
Наврӯзи Ватан чаман-чаман гул дорад,
Боғи дили ман Ватан-Ватан гул дорад.

## БО БӮИ БАҲОР

Бо бӯи баҳор бӯ ба бӯ боз биё,
Бо рӯи баҳор рӯ ба рӯ боз биё.
Покиза чу чашмаҳо бурун рез аз худ,
Бо ҷӯи баҳор ҷӯ ба ҷӯ боз биё.

## БАҲОР ОМАД

Баҳор омад, дили бекина дорам,
Ба ҳар барги гуле оина дорам.
Баҳор омад, бирезад мисли борон
Ҳама дарде, ки ман дар сина дорам.

## БАҲОР МЕРАСАД

Бирав, бирав, ғубори ғам,
Бирав, хазони изтирор,
Ҳавои ғуссарӯ, бирав,
Баҳор мерасад, баҳор…

Бирав, ғубори рӯи гул,
Бирав, зи синаҳо ғубор.
Бибор раҳмати Худо,
Баҳор мерасад, баҳор…

Биё, фурӯғи рӯйи дӯст,
Фирор кун зи ман фигор,
Бирав шамоли сарди дай,
Баҳор мерасад, баҳор…

Бишин наванди ишқро,
Навои зиндагӣ нав ор,
Наварди рӯшанӣ навард,
Баҳор мерасад, баҳор…

Шукӯҳи мо шукуфта боз,
Расида сабри мо ба бор.
Муборак, эй дили сабур,
Баҳор мерасад, баҳор…

Биё, ғами гузаштаро
Ба обу бодҳо супор,
Қабои ишқ кун ба бар,
Баҳор мерасад, баҳор….

Шукуфта дар лабони гул
Паёми чеҳраи нигор,
Саломи бӯсаҳо ба лаб
Баҳор мерасад, баҳор…

## БАҲОРИ РАСТАГОР

Ин баҳор акнун баҳори дигар аст,
Ин нигор акнун нигори дигар аст.

Аз кудуратҳо ҳаво покиза шуд,
Бе тамаъ ин ёр ёри дигар аст.

Оби абраш менашӯяд оби рӯ,
Обшораш обшори дигар аст.

Нест абраш шӯълаи хашму ғазаб,
Озарахше аз шарори дигар аст.

Нест боронаш сиришки ғуссабор,
Оби раҳмат, файзи бори дигар аст.

Хандаи гул дар ниқоби макр нест,
Нусрату нури наҳори дигар аст.

Шуд канор он ранҷҳои беканор,
Ин канор акнун канори дигар аст.

Ёлафшон мерасад Рахши мурод,
Шаҳсавораш шаҳсавори дигар аст.

Мебарам боре ба сар бо ройи худ,
Бори ӯро, чунки бори дигар аст.

Хуш расидӣ, эй баҳори растагор,
Раҳгузорат растагори дигар аст.

Бо мадоро бошу бо дору мадор,
Тоҷикистон дар мадори дигар аст!..

## НАВРӮЗ

Наврӯз, эй хуҷастатарин рӯзи рӯзгор,
Наврӯз, эй баробарии рӯзу шаб, дуруд!
Эй ҷашни офтобии пирӯзии фурӯғ
Дар сарзамини дойирабазми куҳансуруд!

Эй ҷашни обу оташу хоку ҳаво, зиҳӣ!
Ойини сабзи сабзаву ойинаи умед!
Шогуни поки пок ба некӯтарин шугун,
Дар навдаи кабуд шукуфоии сафед!

Наврӯз, эй паёми пагоҳии рӯшанӣ,
Дарвозаҳои баста ба рӯят кушодаем.
Дар хонаи такидаи худ аз ғами ҷаҳон
Пеши ту боз суфраи рӯзӣ ниҳодаем.

Наврӯз, эй навиди кулангии навбаҳор,
Эй муждаи шукӯҳи фурӯзони лолайӣ!
Фархундапай биё, ки ба роҳат задем об,
Нӯшем май барои ту як-ду пиёлайӣ.

Наврӯз, эй ҳамешабаҳор, эй ҳамеша сабз,
Эй такдарахти рустаи тагрешаи Аҷам!
Сабзидаӣ ба шохи тари худ фаротарин
Гул-гул пур аз шукуфа аз андешаи Аҷам.

Аз орзуи бахт ҳазорон ҳазор сол
Меҷӯшад ормони ту дар хуни тоҷикон.
Наврӯз – зодномаи фарҳанги Бохтар,
Наврӯз – зодрӯзи ҳумоюни тоҷикон!

## ГУЛБОРОН

*(Дубайтиҳо)*

Намоз овар, ки ҷашни офтоб аст,
Сипос овар, ки поси хоку об аст.
Кушо сархони наврӯзӣ, ки имрӯз
Дуои неки мардум мустаҷоб аст.

Парастуи баҳорон дар паропар,
Шукуфон гул таротар, гил саросар.
Шабу рӯзи баробар гашт Наврӯз,
Расад то рӯзии мардум баробар.

Ба сони хирмани гул дар сари ҷуфт
Шабонгаҳ гулхани Наврӯз бишкуфт.
Шунидам аз забони оташи ӯ,
Ки боре ҳамчу ман сӯзед, мегуфт.

Чу найсон най кашид, оҳанг бишкуфт,
Ба рангорангии гул ранг бишкуфт.
Ба як чак хандаи худ чакра-чакра
Гули борон ба рӯи санг бишкуфт.

Хушо, борони сабз, эй ғаллаборон,
Хушо, хуршеди гарми ғаллазорон.
Расад аз хок бӯи нони гандум
Баҳорон бар димоғи ғаллакорон.

Баҳор омад, биё, суре бифармо,
Арӯсак шуд гули сурии гармо.
Хурӯси офтоб овоз афканд,
Хурӯсак шуд гулӯи боди сармо.

Бидеҳ ҷоми май, эй пири муғонам,
Биёр аз навбаҳорон армуғонам.
Шунав аз арғунуни дил фиғонам,
Гули оташ бибӯй аз арғувонам.

Гули баҳман, гули барфак, гули барф,
Кушодӣ лаб ба як ҳарфак, гули барф,
Ки дар печу хами роҳи баҳорон
Гули афтодаӣ аз кокули барф.

Парид уштуркуланги абри найсон
Ба боли ҳафтранги абри найсон.
Чу борон рез–рез аз гардани ӯ
Расид овои занги абри найсон.

Парасту, мурғи шоди навбаҳорон,
Ба гардуни кушоди навбаҳорон
Ба бозӣ он қадар пар зад, ки охир
Мубаддал шуд ба боди навбаҳорон.

Суруди навбаҳорон дар лаби дил,
Набудам дар ғами рӯзу шаби дил.
Кунун чун кӯдаки доғ аз таби гул
Ба доғи кӯдакӣ дорам таби дил.

Чу тифлони баҳорон медавидем,
Ба сӯи лолазорон медавидем.
Пайи дармон шукуфа бар сари луч
Шукуфон зери борон медавидем.

Дареғо, модари озурда будӣ,
Ба пирӣ гул ба кокул карда будӣ.
Ту чун бодоми азбармонда аз нав
Баҳори охирин гул карда будӣ.

Сияҳчашме ҳавас дорад кабудӣ,
Баҳори нав агар борад кабудӣ,
Ба фикраш, дар қади зан чашми фарзанд
Нагардад то кабуд, орад кабудӣ.

Ба ҳасрат духтари танҳои сода
Чу бахти сабз бар сар гул ниҳода.
Ба дунё наргиси шаҳло кушода,
Вале дар чашми дунё гул фитода.

Сиёгӯш, эй сиёгӯш, эй сиёгӯш,
Туро ёрон ниҳода дар баногӯш,
Ки то аз ишқ гӯӣ бехгӯшӣ
Ба онҳо дар баҳори сабзи гулпӯш.

Баҳорам навгули рӯи ту дорад,
Ҳавоям боли абрӯи ту дорад.
Набурдам аз гули бодом бӯе,
Димоғам атри гесӯи ту дорад.

Баҳор асту баҳор асту баҳор аст,
Шукуфон ғунчаи лабҳои ёр аст.
Таги долону зери резаборон
Ғанимат бӯсаҳои обдор аст.

Гули садранг дорад тозарӯӣ,
Гули фарҳанг дорад тозабӯӣ.
Ба гӯши кӯҳи хомӯши баҳорон
Гули ҳар санг дорад тозагӯӣ.

Баҳори нозанин нози фузун кард,
Ба ишқи лола моро лолагун кард.
Туро аз хонаат охир баровард,
Маро аз банди худ охир бурун кард.

Парасту лона дар долони ман монд,
Фиғонаш дар дили нолони ман монд,
Ки ҳамболони ӯ сӯи баҳорон
Миёни раҳ чу ҳамсолони ман монд.

Ба рози дилфурӯзе гул барояд,
Ба нозеву ба сӯзе гул барояд.
Тамошо кун, тамошо кун, мабодо
Ба чашмони ту рӯзе гул бароядд.

Гули шохи чаманзорон шукуфа,
Гули абру гули борон шукуфа.
Агар аз нам-нами борон гурезанд,
Бароядд дар рухи ёрон шукуфа.

Баромад боз бо сад ноз лола,
Вале ёрам наомад сӯи ёла.
Ба ҷӯ гулдастае кардам ҳавола
Ба ёди ошиқии порсола.

Баҳори ман гузашту бо умеде
Зи нав дар навбаҳори хушнавиде
Суроғи кӯдакии худ давидам
Қафои шаҳпаракҳои сафеде.

Гул ҳулбӯ, гули худрӯ, гули ман,
Гули хушрӯ, гули хушбӯ, гули ман.
Агар ту дар канори ман нарӯӣ,
Ҳамехушкам ба сони ҷӯ, гули ман.

Набинад ҳар кӣ рӯз аз рӯзгорон,
На ҳар кас мерасад то навбаҳорон.
Вале сӯи баҳори ҷовидон аст
Кашол андешаи уммедворон.

## ОИННОМАИ СУБҲ

Гунҷишкон аз вараҷи барг
оинномаи субҳ мехонанд.
Зебоӣ аз боғҳои урдубиҳшт
фарёд мезанад.
Фарёди шавқу шодӣ,
Фарёди изтироб.
Сабзаҳо низ номаи камол мегиранд
аз дабистони офтоб.
Ман низ бо баҳор
паймони ишқ бастам.
Ман бо нигоҳи тоза сафар кардам,
дар ҷавфи ҳар гиёҳ нишастам.
Медонам, дар кишвари баҳор риё нест.
Ҷуз меҳрубониву ишқ,
ҷуз васли содиқонаи гулҳо нест.
Медонам, фурсати ваҳдати ман бо баҳор кӯтоҳ аст.
Замон маро аз хеш раҳо хоҳад кард.
Ва оина бо ман сухан аз таҷзияи зебоӣ хоҳад гуфт.
Табассум
ба шодбодии чашмони ман нахоҳад омад.
Ишқ аз вуҷуди ман хоҳад шармид.
Чунон ки пиразани садсола ба нохунҳояш лок
мезанад.
Лок бегона метарошад худро.
Лок – қандили булӯрин аст дар кулбаи ҳақири гилӣ.
Аммо, эй ёр,
Ту метавонӣ дар нигоҳи беғурубат
ишқро ҳифз кунӣ.

Ту метавонӣ ба тақвими баҳор
рӯзҳои наве замима ниҳӣ.
Ту метавонӣ ба чашмони ман фурӯғи таманно резӣ.
Ва диламро чу нинии урён дар парниёни ноз бипечӣ.
Гунҷишкон
Оинномаи субҳ мехонанд.
Эй ёр, биё мо низ номи худро
Дар ҷадвали баҳор нависем.
В-аз дабистони офтоб сабақ гирем.
Эй ёр, биё мо низ аз корвони субҳ
Ҳарчӣ ирсол шуд, пазирем.

## ДУХТАРИ МАҶНУНБЕД

Аз нафасҳои замин
нафҳаи отифа меояд.
Нафҳаи ҷангали мастуре дар аҳди қадим
дар ибтидои офариниш
ва атри Ҳурмузд гоҳи берун шуданаш
аз даруни Зарвон.
Замин ҳастии бемуқовиматашро
ба шаҳвати борон мебахшад.
Милоди сабзаҳо нишонаи балоғати хок аст.
Эй баҳор! Эй таҷаддуди зебо!
Эй наҳзати ҷавонӣ,
Бо дили ман чӣ кор хоҳӣ кард?
Ман аз авлоди наботам.
Ҷаъди ман Маҷнунбеде буд ва шабҳо
ситорагонро
чашмони ғизолони маст мепиндошт.
Ман намедонам, чӣ сон зи тухмаи
маҷнунбед ҳосил шудаам.

Ман намедонам, чӣ сон набот башар
хоҳад шуд
Ва башар боз ба шакли набот хоҳад
баргашт.
… Садои пои касе меояд.
Ақрабакҳои соати набзам
муташанниҷ шудаанд.
Ҳамчунон барг аз вазидани бод,
Фурсат омад. Ба пири иршод
маъзарат хоҳам гуфт,
ки ман аз қавми наботам.
Яъне
аз гароишҳои ҷомеаи инсонӣ озодам.
Дар ҷодаи дароз
ду қофила утбус ба ду самти муқобил
равонанд:
Яке ба мулки Ҳиҷоз,
Дигар ба сӯи Фаранг.
Маро бубахш, аё қофиласолори азиз!
Дар ин утбусҳо
Ман намеғунҷам.
Ман мазҳари ҳақиқатам, бояд ба худ расам.
Бояд садои офаридагорамро
дар ҷавфи хеш бишнавам,
Бояд аз хештан Ҳиҷози дигаре созам.
Вақте ки ман андешаи мунирамро
дар набарди ҷаҳл пирӯз мекунам,
Худо намози маро қабул хоҳад кард.
… Баҳор меояд ва ман аз панҷараҳо
боғро менигарам.
Чашме бояд овард, чашме чу
дурбини офтоб,
Ки хутути кафи ҳар баргро мутолиа созад.

## БОЗГАШТИ ҶОН

Эй осмон, кушой ҷабини фишурдаро,
Табрик кун таҷаддуди хуршеди мурдаро.
Мо бозпас гирифтем ҷони супурдаро.
Ҳоло, ки ҷони мурдаи мо ишқзор шуд,
Ҷоно, баҳор шуд.

Оғӯш во кунед, эй бекаронаҳо,
Пур мекунам димоғи шуморо зи атри ёс,
Пур мекунам зи пайки сапеди таронаҳо.
Дар зеҳни ман занед таҷалло, ҷавонаҳо.
Ҳоло, ки хуни беҳиси ман беқарор шуд.
Ҷоно баҳор шуд.

Эй қалби кӯҳна, ошиқи будан шавем боз,
Эй чашми хаста, барқ зан, офоқро навоз.
Бо ёди ӯ вузӯ бикун, эй рӯҳи бенамоз.
Дар ҷони ман сабоҳати ту интишор шуд.
Ҷоно, баҳор шуд.

## НАВРӮЗИ ТОҶИКИСТОН

Нахлҳои гулбасар дорем мо,
Боғҳои пурсамар дорем мо,
Рӯзгори чун шакар дорем мо,
Шодӣ аз пайки зафар дорем мо,
Ҳар даму ҳар рӯзи мо Наврӯзи мост,
Ин далел аз қисмати фирӯзи мост.

Кишвари мо кишвари доимбаҳор,
Сарзамини хоку сангаш обдор.
Об байни сабзаву себаргазор,
Осмонаш чун дили мо беғубор.
Чор фасли мулки мо, Наврӯзи мост,
Мужда аз ояндаи фирӯзи мост.

Парчами мо аз ҳама бошад баланд,
Бар ҳама бошад нишони мо писанд.
Мо ба фикри неки фардоем банд,
Банди фикри ин диёри арҷманд.
Ин ҳама осор аз Наврӯзи мост,
Мужда аз ояндаи фирӯзи мост.

## НАВРӮЗ

На сардӣ ҳасту не сӯз аст,
На дигар тирагун рӯз аст.
Ба зулмат рашанӣ ғолиб,
Зи худ розӣ худафрӯз аст.
Ҷаҳон бар ҳукми пирӯз аст,
Амири даҳр Наврӯз аст.

Гулу себаргаҳо зебост,
Замин зебо, само зебост.
Гилеми рангаи саҳро
Ҳазорон нақшро дорост.
Ҷаҳон бар ҳукми пирӯз аст,
Амири даҳр Наврӯз аст.

Гуворо зиндагонӣ ҳаст,
Замони меҳрубонӣ ҳаст.
Ба дилҳо низ пиронро
Ҳавасҳои ҷавонӣ ҳаст.
Ҷаҳон бар ҳукми пирӯз аст,
Амири даҳр Наврӯз аст.

## ФАСЛИ ДИЛАФРӮЗ

Олам дигаргун гаштааст,
Афсона афсун гаштааст.
Аз нав ба ҳусни зиндагӣ
Дилмонда мафтун гаштааст.

Фасли дилафрӯз омадаст,
Айёми Наврӯз омадаст.
Гармӣ ба сардӣ ғолиб аст,
Бар тахт пирӯз омадаст.

Хуршед пайдо гаштааст,
Уммед пайдо гаштааст.
Гӯё ки баъди қарнҳо
Ҷамшед пайдо гаштааст.

Фасли дилафрӯз омадаст,
Айёми Наврӯз омадаст.
Гармӣ ба сардӣ ғолиб аст,
Бар тахт пирӯз омадаст.

## ҚАДАМИ НАВРӮЗ

Наврӯзи файзбахш ба даргоҳи мо расид,
Бӯи гулу гиёҳ ба боди сабо расид.
Аз ҳар канор савти хуши ошно расид,
Бар дарди интизор паёми даво расид.

Барф об аз шарори дили офтоб шуд,
Аз сози ҷӯ баландтар оҳанги об шуд.
Шабро ба рӯз низ баробар ҳисоб шуд,
Наврӯз шуд, раҳо ҳама аз банди хоб шуд.

Наврӯз омаду ҳама табли фараҳ занем,
Болем аз он ки шод дар оғӯши меҳанем.
Бар аҳд ҷаҳд кардаву паймон набишканем,
Дар кору разм Кӯҳканему Таҳамтанем.

## ТАРОНАИ НАВРӮЗӢ

Омад баҳори гулфишон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Рӯсурху сарсабз одамон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Озурда хушҳолӣ кунад, дилро зи ғам холӣ кунад,
Як ҳарф бошад дар забон: – Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Гӯё ки аз абри сипеҳр борад фақат борони меҳр,
То кина гардад бенишон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Дар шохаҳову лонаҳо, дар гӯшабоми хонаҳо
Хонанд ширин мурғакон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Дарё шуда лабрези об, рахшандатар гашт офтоб,
Андар замину осмон Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Аз ханда пур овозҳо, густурда пойандозҳо
Аз атласи рангинкамон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Пирони ҷӯёи Худо гӯянд ҳангоми дуо
Сад шукри султони замон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.
Дар баҳри шодӣ ҷумла ғарқ, Наврӯз дорад Ғарбу Шарқ,
Ҷашн аст дар рӯи ҷаҳон, Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

## ВАТАНИ НАВРӮЗ

Базми гул дар чамани Наврӯз аст,
Даври ғул-ғулфикани Наврӯз аст,
То ба гардун сухани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Бӯи Наврӯз расад аз ҳама дар,
Рӯи Наврӯз расад аз ҳама дар,
Ҳама дар пираҳани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Ном Наврӯзу насаб Наврӯз аст,
Исми ҳар бахтталаб Наврӯз аст,
Фасли армоншикани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Сабзгун пуштаву саҳрои ватан,
Сабзпӯш аст ҳама ҷои ватан,
Сабз ҷон дар бадани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

Ба муродаш ҳама дилдода расад,
Ба ҳама бахти худодода расад,
Ҳама ҷо анҷумани Наврӯз аст,
Тоҷикистон ватани Наврӯз аст.

## ЧАКОМАИ БАҲОР

Ғуссаи фасли зимистон,
Буғзи танҳоиву сармо ба гулӯ,
Наъраи абри сияҳ гашт бадар,
Ҷаст аз дидаи намнок шарар…

Кӯҳсорони карахт
В-ин ҳама долу дарахт,
Ки ғунуда ҳама бо пираҳани симингун,
Ҷумла ҳамёза кашиданд ба ноз…

В-аз сари хашм ба мастии тамом,
Ҳамчу он селаи аспони бираста аз банд
Шӯру ҳангомаву ғулғулафкан
Аз сари кӯҳи баланд
Бандаи озу ниёз
Тарма омад бар зер…

Ларз-ларзон, на, ки бо бозии ҷон,
Кӯрасангу дараҳо яхбаста,
Хасу хошок ниҳода таги сар,
Ҷомаи бурс ба тан,
Фориғ аз ғуссаю ғамҳои ҷаҳон,
Гӯӣ дар қасри шаҳаншоҳи бузург
Сахт хобида буданд,
Як каме ҷунбиданд…

Чак-чаки шӯша бизад зангӯла бар гӯши фалак,
Ҷӯшиши чашма ба нармову сафо

Зулфи ҳулбӯ тобид,
Ҷӯй ҳам ҷон бигирифт,
Дасту почак бизаду пеш давид…

Дуди ҳасрат ҳама аз синаи хок,
Бардамид, абр бишуд
Ва ба сони ғарами пахтаи кунҷидасафед,
Пилта-пилта, ришта-ришта, ғоздода…
Ҳамчу мӯҳои парешону сафеди кампир
Гӯй бо сеҳру фасона,
Ин қадар нарм шиновар гаштанд.

Қақра зад кабки дарӣ боз ба оҳанги дигар,
В-аз сари теға уқобе ба фазо бол кушод;
Мижа соида ба рӯи шабнам,
Нилуфар дида кушод
Ва бирақсид ба лабхандаи бод…

Ғӯк булбул шуда, «ман доғ» суруд,
Зоғ ҳам табли худоӣ заду рафт…
Ва ғизоле таги шах,
Мурдаву зинда шуда
Ҷонаш аз дард раҳид.
Табу тобе бар дил,
Шақ-шақи шақшақаву нӯлаи гурге бар гӯш,
Тани ларзонаки тифлаш лесид…

Нури хуршед ба сар мепӯшад
Чатр аз сояи мурғони биҳиштӣ ҷо-ҷо,
Дар яке водии гулпӯш занад чангу чағона борон.
Рӯди сармаст шутурхез зада,
Ба лабаш кафк чӣ исён дорад?

Шаршара нарм ба ӯ мегӯяд:
«Ҳой, девонаи ҷун, дамдама поён дорад!».

Нағмапардози само – лаклаку сору қумрӣ,
Сояи бед нишемангаҳи кафтор шуда.
Раммаҳо паҳну пароканда ба кӯҳу барзан,
Гург ҳам бо саги чӯпон ту бубин, ёр шуда…

Наштари хор ба пояш,
Дил, чу дарёи умед.
Марди деҳқон ба кафи обиладор,
Ризқи каргас
Малаху мушу магас…
Тухми эҳсон корад…

Хоҳари ғамзадаам – маҷнунбед,
Ғозаи сабзи ҷавонӣ дарёфт
Мӯй бикшод ба рӯи хуршед,
Шона зад зулф ба сарпанҷаи бод…

Бо тани куртасафедаш бибиолуча ҳанӯз
Ҳаст андар лаби ҷар овезон.
Бо ҳама пириву қоматчангӣ,
Гулфишон аст ҳаме, гулафшон…

Он ки дар шӯълаи гул мерақсад,
Рашки сад боғу чаман – шафтолу
Мезанад ханда ба ҳар ғамзаи тар.
«Шарм дор аз гули бӯр, ай олу!»

Гул ба себарга кунад гӯшакӣ аз файзи саҳар,
Ва шамолак, ки надорад ором.
Дар ба дар, дашту даман кӯҳу камар.
Балки ҳар решаву ҳар шохаи тар,
Мебарад бо нафаси гарм хабар.
«Ғофило, хез, баҳор омадааст,
Гӯш бикшой, ҳазор омадааст»…

## НАВРӮЗ МЕРАСАД

Аз мақдами баҳор
Гулхез ҳар канор,
Чун куртаи чакан
Домони кӯҳсор.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

Саҳрост сабзранг,
Ҳар ҷост сабзранг,
Сабз аст шаҳру деҳ,
Дунёст сабзранг.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

Абри равон базеб.
Барқи давон базеб,
Дар чатри нилгун
Тирукамон базеб.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

Оҳанги тор шуд,
Савти ҳазор шуд,
Гул дар чаман шукуфт,
Дил беқарор шуд.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

Ин нури раҳмат аст,
Ин файзи ваҳдат аст,
Аз Арш бар Замин
Пайки саодат аст.
Наврӯз мерасад,
Наврӯз мерасад.

## ПАЙКИ НАВРӮЗ ОМАД

Насими мушкбезу атри гул аз кӯҳсор омад,
Зи ҳар зову дара бар гӯш савти обшор омад.
Навои мурғи хушхони чаман аз шохсор омад,
Ба олам чевари гулдаст бо нақшу нигор омад,
Табиат зинда шуд аз нав, баҳор омад, баҳор омад!

Замини нозанин аз сабзаву себарга нақшин шуд,
Камони ҳафтранг акси замин дар чатри симин шуд.
Зи мавҷи лолаи аҳмар канори дашт рангин шуд,
Хиромон лоларӯи мо ба сайри лолазор омад,
Табиат зинда шуд аз нав, баҳор омад, баҳор омад!

Саҳоби даргузар аз осмон лӯълую гавҳар рехт,
Шамолак зулфафшонӣ намуду мушку анбар рехт,
Ба марзи деҳқон Шеди самовӣ домани зар рехт.
Арӯси фаслҳо гул дар бару гул дар канор омад,
Табиат зинда шуд аз нав, баҳор омад, баҳор омад!

Аҷам ойинадори ҳусни субҳи оламафрӯз аст,
Дигар нуру зиё бар зулмати даймоҳ пирӯз аст,
Тамоми Тоҷикистон дар рикоби мири Наврӯз аст,
Ба кишвар навбаҳори хуррами деринтизор омад,
Баҳор омад, баҳор омад, баҳор омад, баҳор омад!

## ҶАШНИ НАВРӮЗИ ҶАҲОНӢ ДОРЕМ

Ҷашни Наврӯзи Аҷам омадааст,
Фасли гулдӯзи Аҷам омадааст,
Базми ғамсӯзи Аҷам омадааст,
Пурҳашам рӯзи Аҷам омадааст.

*Нақарот:*
Ҷашни Наврӯз муборак бошад!
Бахти фирӯз муборак бошад!

«Ҳафтшин» хони пур аз алвон аст,
«Ҳафтсин» файзи кафи деҳқон аст,
Ҳар су деги суманак ҷӯшон аст,
Нозу неъмат ҳама дар майдон аст.

*Нақарот:*

Шамси тобон ба Замин зар резад,
Абри найсон дуру гавҳар резад.
Субҳ шабнам ба гули тар резад,
Ганҷ бар домани кишвар резад.

*Нақарот:*

Гулрухон гул ба бару дӯш зада,
Дар биногӯш сияҳгӯш зада,
Соғар аз лаъли лаби нӯш зада,
Ишқ дар сина зи нав ҷӯш зада.

*Нақарот:*

Лола дар ёла гули хандон аст,
Дар само тирукамон рахшон аст,
Боғ ойинаи гулгардон аст,
Деҳаву шаҳр баҳористон аст.

*Нақарот:*

Сарв дар саҳни чаман меравқсад,
Бо ҳавас куртачакан мерақсад,
Тифлаки шоди Ватан мерақсад,
Дар ҳаво шеъру сухан мерақсад.

*Нақарот:*

Тоҷикон фарри каёнӣ доранд,
Бошараф ному нишоне доранд,
Ваҳдату сулҳу амонӣ доранд,
Ҷашни Наврӯзи ҷаҳонӣ доранд.

*Нақарот:*

## САБЗКАНОР МЕРАСАД

Пайки насими кӯҳсор,
Накҳати зулфи тобдор.
Савту навои обшор,
Сарви канори ҷӯйбор,
Ҷилваи қомати нигор,
Мужда диҳад зи навбаҳор.

Боз ҷаҳон бишуд ҷавон,
Нози ба ноз гулрухон,
Рақскунон, таронахон,
Ишвазанон баранд ҷон,
Гулбуни ишқ гулфишон,
Нур дамад ба дидагон.

Гул лаби бом омада,
Ёр салом омада,

Савту калом омада,
Соғару ҷом омада,
Шаҳд ба ком омада,
Айши тамом омада.

Хез, нигор мерасад,
Чашмхумор мерасад,
Лолаузор мерасад,
Файзи баҳор мерасад,
Сабзканор мерасад,
Ёр ба ёр мерасад.

Раҳмати Кирдигор шуд,
Рӯзи наву баҳор шуд,
Равнақи рӯзгор шуд,
Нағмаи чангу тор шуд,
Савти хуши ҳазор шуд,
Ид ба ҳар канор шуд.

## БӮИ ҶАВОНӢ

Баҳор омад, дилам мехоҳад имрӯз
Бигирам боли мурғони ҳаворо,
Ба сӯи пуштаҳо гардам ҳавоӣ,
Гузар созам ман аз дашту даманҳо.

Дилам монанди борони баҳорӣ,
Бигардад ҳамнавои обшорон.
Ки мехоҳам бигардад аксандоз,
Садояш дар тамоми кӯҳсорон.

Дигар ман бошаму тарфи чаманҳо,
Бигирам навбаҳоронро дар оғӯш.
Бичинам раҳ ба раҳ аз кӯҳсорон
Гули худрӯй – гулҳои сияҳгӯш.

Бипошам шаддаи армони худро,
Ба рӯи лолазорони шукуфон,
Бибандам бар сарам шоли арӯсӣ,
Ман аз абри сафеди навбаҳорон…

Баҳор омад, дилам мехоҳад имрӯз,
Ба ҳар барге намоям ҳамзабонӣ,
Шавам ҳамрози гулбоди сабуктоз,
Биёрам аз чаман бӯи ҷавонӣ.

## НАВРӮЗ

Рӯзи Наврӯз ба бар куртаи наврӯзӣ кунам,
Ба сар аз нусхаи гул тоқии гулдӯзӣ кунам.
Гоҳ аз чашмаи гӯёву гаҳ аз рӯди равон,
Ба хаёли ғазали нав суханомӯзӣ кунам.

Биравам пои паиёда ба тамошои чаман,
Бӯса гирам зи рухи лолаю садбаргу суман,
Ханда бар гирди лабаш наргиси шодоби баҳор
Ҳамчунон ҳамнафасе роз бигӯяд бо ман!

Ҳар тараф кӯҳу даман оби ҷавонӣ дорад,
Бод аз доманаҳо бӯи шибит меорад.
Абри найсон зи сари мижжаи гавҳарафшон,
Ба рухи сабзаву себарга гуҳар меборад.

Мерасад боз навои наю овози ҳазор,
Мекушояд дили моро нафаси боди баҳор.
Қуллаҳо ҷомаи идона ба тан пӯшида,
Ҳамчу шерозаи симдӯзӣ намояд анҳор.

## ЗАМИН

Аз хоби ноз наргис,
Аз хок мекашад сар.
Саҳро зи накҳати ӯ,
Пурнашъаву муаттар.

Селобаи баҳорӣ,
Дар ҷӯй беқарор аст,
Аз дурӣ аксандоз
Овози обшор аст.

Замин чу шоли гулдор,
Замин – гилеми ранга.
Мерезад аз дарахтон,
Шукуфа танга-танга.

Наврӯз шуд, гул омад,
Замин пур аз ҷавонист.
Чун духтари арӯсӣ
Рухсора арғувонист.

Монанди кишвари ман,
Набвад диёри зебо.
Монанди навбаҳораш,
Набвад баҳори зебо.

## БИЁ, БАҲОР ОМАДА

Биё, баҳор омада
Гулҳо қатор омада,
Савту навои булбул,
Аз шохсор омада.

Биё, бас интизорӣ,
Дилам ба ту хуморӣ,
Ба мисли бӯи гулҳо,
Гулҳои навбаҳорӣ.

Замин чу қолӣ рангин,
Чу қолии махмалин,
Фаслу гулу ошиқист,
Ҳоло ба рӯи замин.

Чи ҷои ноз, итоб аст,
Фасли накӯ шубоб аст,
Биё, ки оби ҷӯбор,
Чу умр дар шитоб аст.

## ВАТАН

Дар баҳорон ҳамчунон паррандае
Кош гардам кишварамро сар ба сар,
То бубинам ҳар вацаб хоки варо,
То бигардам аз баҳораш баҳравар.

Гарчи бинам кишварамро кӯ ба кӯ,
Боз дар дил монад армони дигар.
Гар бубинам осмонаш дар ғуруб,
Боз дидан хоҳамаш гоҳи саҳар.

Дар зимистон гар бубинам манзараш,
Боз хоҳам бинамаш фасли баҳор.
Аз ҳама нуқлу наво серам, вале
Дил надорад серӣ аз ҳусни диёр.

Бегумон, ҳар лаҳза аз цону дилам
Ман Ватанро дӯст дорам сахттар,
То замоне ишқи покаш дар дил аст,
Кист аз ман шодтар, хушбахттар?

Ҳар чи дар дил, бар забон ояд мудом,
То ки ҳастам, мекашам бори Ватан.
Баъди мурдан ҳамчу фарзандаш маро
Ёд орад, ё ки не, кори Ватан.

## БАҲОРО…

Баҳоро, духтари ошиқ,
Ғазалхон омадӣ имрӯз,
Ҳарири абрҳо бар сар,
Хиромон омадӣ имрӯз.

Чу хандидӣ, ало маҳрӯ,
Зи лабҳои ту гул борид,
Ба рӯи ёлаю пушта
Ту гӯӣ, рехт марворид.

Ба ҷони даҳр шӯр афтод
Зи рақси дилнишини ту,
Параст гашт парвозӣ
Зи қуфли остини ту.

Чу пошидӣ ба рӯи хок
Ақиқи сурхи оташгун,
Ту гӯӣ, машъалистон шуд
Зи рақси лолаҳо ҳомун.

Замини сабз шеъри туст,
Баҳор, эй соҳиби эъҷоз,
Аё дар шоирӣ устод,
Аё ҳамшеваю ҳамроз!

## ПАЁМИ БАҲОР

Дар фарози қуллае,
Рӯи харсанге сиёҳ
Чеҳраи худро кушод
Лолаи сурх ин пагоҳ.

Ҳукм ронад фасли дай,
Кӯҳу барзанҳо сафед.
Дар баландӣ чун шукуфт
Лолаи сурхи умед.

Чашм дӯзад сӯи кӯҳ
Аҳли деҳа беқарор,
Баҳрашон овард субҳ
Як нишоне аз баҳор.

Баччае бар кӯҳ рафт,
То биёрад лоларо,
То диҳад таскин даме
Духтарони воларо.

Лола не, дар тори кӯҳ
Духтари ҳамсоя буд,
Ҷомаи сурхаш зи дур
Лолаи тар менамуд.

## БАҲОРИ ДУХТАРОН

Гули ишқу умедам ғунча-ғунча
Зи боди навбаҳорӣ мешавад во.
Ниҳоли орзуро дар баҳорон
Шавад навшохаи сарсабз пайдо.

Дилам хоҳад, ки момоям дубора
Ба мӯи кӯтаҳам бофад ҷамолак.
Ба нӯги кокулони ман бубандад
Зи тори навдаҳои бед пӯпак.

Зи нав бо духтарони шӯхи деҳа
Бихонам ин тарона зери борон:
«Ҳамал, мӯи маро то соқи по соз,
Ҳамал, ҳусни маро бинмо дучандон…»

Кашам бар абрувонам усмаи тар,
Ҳино бандам зи нав як шаб ба дастон.
Зи барги лола бар худ курта дӯзам,
Сарандозам бигарданд обшорон.

Барад сабру қарорам боди густох,
Гулу сабза дилам бинмояд афсун.
Биёбам ҳусни нав аз навбаҳорон,
Шавад ҳусни баҳорон аз ман афзун…

## БО САДОҲОИ БОРОН

### Наврӯзгоҳи мо

Ҷуста-ҷуста, чун ҷаҳоне дар ҷаҳонат ёфтем,
Чун ҷаҳон дар тангое бекаронат ёфтем,
Дар миёни кӯҳсорон ҳамчу конат ёфтем,
Ҳамчу коне дар таҳи рангинкамонат ёфтем.
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Тангноятро ба ҳиммат бекарон кардем мо,
Хоки покатро ба қимат ганҷи кон кардем мо,
Бо баландии нигоҳат осмон кардем мо,
Бо умеди ҷовидонат ҷовидон кардем мо.
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Бо ҳақиқат ҷовидонӣ, бо садоқат ҷовидон,
Аҳли дилро беҳ зи ҷонӣ, беҳ зи ҷонӣ, беҳ зи ҷон,
Чун ҷаҳон пиру ҷавонӣ, чун хирад пиру ҷавон,
Асли Наврӯзи ҷаҳонӣ, асли Наврӯзи ҷаҳон!
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Дар канорат ҳар диле бишкуфта ҳамчун гул бувад,
Ҳамчу мурғи дил туро дар шохи гул булбул бувад,
Булбули ҷону дил аз шавқи ту пурғулғул бувад,
Кул ҳақиқат нест, аммо ин ҳақиқат кул бувад:
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

Лолаат – рӯсурхии мо дар баҳору дар хазон,
Барфи симинат – сафедиҳои роҳи бекарон,
Сабзаат сарсабзии мо бод умре дар ҷаҳон,
Парчами серангаат садранг бодо парфишон!
То биҳишти ҷовидони бахт роҳи мо туӣ,
Тоҷикистон, то абад наврӯзгоҳи мо туӣ!

**Бодинаврӯзсавор**

Нафаси гарми баҳорӣ, суманак,
Муждаи сабза биёрӣ, суманак,
Бӯи эҳё бирасонӣ ба димоғ,
Бодинаврӯзсаворӣ, суманак!

Суманак, боз биё, соф чу оина биё,
Хушдилу тоза чу ҳаммаҳфили дерина биё,
Сурхии лолаи тар бар рухи сабзина биё,
Дилкушо чун нафасу чун ҳаваси сина биё!

Суманак, худ суманӣ ту,
Бӯи боғу чаманӣ ту,
Серии мову манӣ ту,
Чашми сери Ватанӣ ту!

Суманак, роҳати ҷонӣ,
Шодии пиру ҷавонӣ,
Азалӣ рамзи аёнӣ,
Абадӣ сабз бимонӣ!

Нашавӣ, эй суманак, гум,
Ки туӣ шодии мардум,
Аз ту сад хӯша табассум,
Хонаҳо пур-пури гандум!

Бизанӣ ҷӯш ту гоҳе, дили мо ҷӯш занад,
Аз дили пиру ҷавон созу наво ҷӯш занад,
Шавқ дар ҷӯш бувад, гар суманак дар ҷӯш аст,
То саҳар савти хуши базми тараб дар гӯш аст!

Суманак, бӯи хуши наврӯзӣ,
Маҳфили содаи меҳрафрӯзӣ,
Оташи поки сабақомӯзӣ,
Гумзаданҳои дили дилсӯзӣ!

Суманак дар ҷӯш, мо дар ҷӯшем,
Суманак сабзаву мо гулпӯшем,
Суманак гандуму гандумгунем,
Хирмани ин Ватанем, афзунем!

Ту биҷӯшиву шавад ҷӯши ҳавас ҳосили мо,
Пури гандум бишавад аз рухи ту манзили мо,
Нав шавад аз рухи ту шодии ин мулки куҳан,
Ишқи дилдор биҷӯшад ба дилу ишқи Ватан!

Чун суман рустаиву гулшани мой, суманак,
Зеби ҳар хонаву хон, хирмани мой, суманак,
Гармии маҳфили мо, гулхани мой, суманак,
Шуълаи чашму дили рӯшани мой, суманак!

Суманак, аз суманат рӯҳи равон сабз шуда,
Ҳаваси сабз шудан дар дилу ҷон сабз шуда,
Давр сарсабз расидасту замон сабз шуда,
Сабз дар сабз ҳама рӯи ҷаҳон сабз шуда!

Лаби дегат– лаби гӯё,
Гӯшааш – гӯшаи дунё,
Сӯи ту гӯши дили мо,
Туӣ ҳамҷӯши дили мо!

Фасли гулпӯш ту дорӣ,
Дили пурҷӯш ту дорӣ,
Сари сабзӣ, чу баҳорӣ,
Рӯи сурхӣ, рухи ёрӣ!

Суманак, боз ту бо муждаи дерина биё,
Сурхии лолаи тар бар рухи сабзина биё,
Боз барбод бидеҳ шеваи ғамхӯрданро,
Бубар аз дил ғами нашкуфтану пажмурданро!

## Куртачакан

Эй куртачакан, куртачакан, куртачакан,
Чун муждаи фасли гул биё ҷониби ман,
Дар куртаи ту карда ватан лолаву гул,
Дар дидаи ман бикун ту, эй лола, ватан.

Аё куртачакан,
Нисорат дили ман!

Эй куртачакан, ба домонат гул дорӣ,
Дар гӯши дилам чаҳ-чаҳи булбул дорӣ,
Дорӣ ҳамаву беҳ зи ҳама дил дорӣ,
Моро ба дилу ба дида манзил дорӣ.

Гули боғи дилам,
Ба боғам ту биё!
Машав доғи дилам,
Суроғам ту биё!

Эй куртаи ту ба сурати авҷи фалак,
Эй омада аз авҷи фалак мисли малак!

Аё моҳи само,
Бубин сӯи замин,
Биё ҳамчу зиё,
Ба чашмам бинишин!

Эй куртаи ту ба сурати фасли баҳор,
Дар мулки дилам фақат туӣ асли баҳор!
Бишкуфтарухӣ чунону бишкуфтадилӣ,
Танҳо туӣ ин баҳор аз насли баҳор!

Эй куртачакан, рӯяки ту гул воре,
Рӯи ту гул асту доманат гулзоре.
Дар боғи ту афтода ману булбули зор,
Ман васли ту мехоҳаму ӯ васли баҳор!

Рухат гул бувадо,
Канорат чу чаман,
Бубин умри садо,
Аё куртачакан!

## Баҳорон табрик

Имшаб бедорӣ
Ҷӯи дар хеш хамӯш
Кард ногоҳ хурӯш,
Шуд равон бо тараби роҳкушо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Ними шаб,
Шуда бо дидаи рӯшан бедор,
Чун туву ман бедор,
Кӯл аз маҳбаси ях ёфт раҳо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Моҳи нав –
Он гули зардаки афлок шукуфт,
Бо ҳиҷоби сияҳи абр «худоҳофиз» гуфт,
Нозанин пас ба замин карда нигоҳ,
Дид дар оинаи кӯл дилоро худро,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Субҳидам
Омад аз дур парастуи шинос
Боз бар лонаи дерин ба сипос,
Болафшон шуда чун мурғи Ҳумо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Баъд аз ин
Муғча нагунҷид ба пӯст,
Гуфт: «Берун некӯст!»
Ғунча хандидаву гуфт:
«Рост гуфтӣ, эй дӯст!»
Ёфт раҳ бӯи раҳидан ба фазо,
Кард булбул ба қафас низ наво,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Хӯҷаи Хизри саҳар
Куртаи субҳи сафедаш дар бар,
Саллаи субҳи сафедаш бар сар,
Селаи турнаи хушбол чу тасбеҳ ба даст,
Рӯшанипарвару анворпараст,
Дастаи нури сабоҳаш чу асо,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Ин саҳар
Файзи фалак рехт, ки рехт,
Ашки шодии малак рехт, ки рехт,

Балки омад ба замин нури Худо
Қад-қади риштаи борон зи само,
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

Ҳама шаб
Ҷӯй садо карду садо,
Кӯли дилҷӯй садо карду садо,
Пурнаво лона садо карду садо,
Мурғаку дона садо карду садо,
Муғчаи раста садо карду садо,
Булбули хаста садо карду садо,
Риштаи нур садо карду садо,
Бо лаби ҳур садо карду садо,
Хизри тадбир садо карду садо,
Балки тақдир садо карду садо…
Гашта саршор аз анбӯҳи садо,
Дили ман шуд, бахудо, кӯҳи садо,
Бо садоҳои баҳорон ба шумо
Гуфт: «Баҳорон табрик!»

## ҚОФИЛАИ ГУЛ

Бе хандаю бе табассуми ту,
Бе савти хушу такаллуми ту,
Бе холи лаби чу пистаи ту,
Бе зулфи каҷу хуҷистаи ту
Душвор бувад ҳаёт бар ман,
Андӯҳ шавад нишот бар ман.
Дар дидаи ташнаам ту обӣ,
Дар кишти умедам офтобӣ.
Гулхан ба манӣ ту дар зимистон,
Гулшан ба манӣ ту дар биёбон
Ҷое ки ту бошӣ, ғам набошад,
Аз ҳеҷ чӣ Ҳоҷӣ кам набошад.
Эй қофилаи гули баҳорон,
Эй шабнами субҳи дӯстдорон,
Оғози сад орзӯ туӣ, ту,
Сози ҳама гуфтугӯ туӣ, ту.
Бе ту суханам сафо надорад,
Тамбӯри дилам наво надорад.

## ДАВЛАТИ НАВРӮЗ

Сад шукр, ки бар давлати наврӯз расидем,
Бар дидани он дилбари фирӯз расидем.

Аз нав ба баногӯш ниҳодем сияҳгӯш,
Бар лолаю марғу чаманафрӯз расидем.

Бо булбули шӯрида ҳамовоз бигаштем,
Дар боғ чу мурғони навомӯз расидем.

Бар лашкари ҷаррори зимистон шуда ғолиб,
То фасли гулу ишқу бару бӯс расидем.

Ҳамроҳи кашоварзи деҳ огард кушодем,
Бар муштарӣ бо киштии «Союз» расидем.

Паймуда раҳи ағбаи пурпечи хами умр,
Охир ба муроди дили пурсӯз расидем.

Сад шукр, ки бар иди ҷавонии ҷаҳон боз
Ба дафтару девони дилафрӯз расидем.

## ОВОЗИ БАҲОР

Зи оби ҷӯйҳою чашмасорон,
Зи тоби мӯйҳои гулъузорон,
Зи рангу бори мазраъҳои вофир,
Зи чангу тори машшоқони моҳир,
Зи болафшонии қумрию ку-ку,
Зи кокулмонии беди лаби ҷӯ,
Зи бӯи майсаи анбӯҳи гандум,
Зи рӯи гарму чашми сери мардум,
Зи оғози дами субҳи муамбар,
Зи овози чу ҷон ширини дилбар,
Зи анфоси хуши ёрони ҳамдам
Ман овози баҳоронро шиносам.

## НАВОИ КУМРИЮ БУЛБУЛ МУБОРАК

Хушову хуррамо, ки ид омад,
Ба мардум толеи испед омад,
Сафою шодии ҷовид омад

Зи Наврӯзи Аҷам пайғом омад,
Ба шоир мавсими илҳом омад.

Пур аз шаккар шавад кому забонҳо,
Шаванд аз ҳусн маст абрукамонҳо,
Сари ошиқ расад бар осмонҳо.

Вазад оҳиста боди шӯху серун,
Кунад кокулфишонӣ беди маҷнун.

Ба саҳро деҳқон машғули кишт аст,
Табиат сар ба сар анбарсиришт аст,
Ҷаҳон дар чашми чун урдибиҳишт аст,

Замин хуррам, замон доруламон бод,
Чунин ҳусну малоҳат ҷовидон бод,

Ба созу нағмаю чанги баҳорӣ
Будем аз дер бозе мо хуморӣ.
Зиҳӣ ин давлату ин комгорӣ!

Расидан бар гулу сунбул муборак,
Навои қумрию булбул, муборак!

## ХОНИ НАВРӮЗ

Дунёи назаррабост Наврӯз,
Арҷи самари сабост Наврӯз.

Боғ аз қадамаш ба бор омад,
Эҳёи шукуфаҳост Наврӯз.

Бо атри ҳавои мушкбезаш
Гулхези тарабфизост Наврӯз.

Аз наргису лола даҳр орост,
Монии ҳунарнамост Наврӯз.

Аз сабзаву гул гилем густурд,
Хайри қадами атост Наврӯз.

Сунбул чу бунафша ноз бар ноз,
Нозофари хушадост Наврӯз.

Юмни нафасаш баҳори сабз аст,
Гулпарвару гулгарост Наврӯз.

Бо гиряи раъду хандаи барқ
Табрики хуҷаста хост Наврӯз.

Бо руду суруди шашмақомӣ
Иншогари сад «Наво»-ст Наврӯз.

Завқи суманак дамад зи ҷудаш,
Рангинии хони мост Наврӯз.

Орад ба ҳама паёми Машриқ,
Аз сулҳи замон сафост Наврӯз.

Бархез, дило, ба базми хоса,
Ду даст сари дуост Наврӯз!

## ҚАДАМАТ ХУҶАСТА БОДО

Ту чӣ фасли дилрабоӣ, қадамат хуҷаста бодо,
Ту чӣ васли ҷонфазоӣ, қадамат хуҷаста бодо!

Ба нигоҳи нурполо, ба ҳазору як таманно,
Чу арӯс агар биёӣ, қадамат хуҷаста бодо!

Ҳама бар рухи ту пазмон, ба замон тароват афшон,
Ту шамима аз зиёӣ, қадамат хуҷаста бодо!

Ба фарози дидаву дил, ба ниёзи ҳусни маҳфил
Ба карашма дар кушоӣ, қадамат хуҷаста бодо!

Ту ба арҷи лолаи тар фари хусравонӣ овар,
Ту балоғати сафоӣ, қадамат хуҷаста бодо!

Ту ба ин шукуфтарӯӣ, чу гулоб мушкбӯӣ,
Гули ормони моӣ, қадамат хуҷаста бодо!

Ту наҷобати сахоӣ, ту латофати расоӣ,
Ба паёми ошноӣ қадамат хуҷаста бодо!

## ҶАШНГОҲИ ОФАРИДАГОР

Арча сабз аст рӯи Боми ҷаҳон,
Раҳ набошад бар он ба боди хазон,
Файзи боди биҳишт дар як ҷост,
Офтоб аст бар сараш тобон.
Саҷда ҳурон ба шохи он доранд,
К-он нафас мекашад ба меҳри ҷаҳон.
Лаъл аз санги доманаш резад,
Рози дилро ба он кунад рахшон.
Рӯи хокаш ба сидқ бӯса занад,
Рӯҳ гирад аз ону ҳам илҳон.
Дар дилаш ҷон зи Арш маскан ёфт,
Хок з-он шуд ба Арш ҳампаймон.
Ҳар кафи хок з-он муқаддас гашт,
Шуда дар гӯши нуриён марҷон.
Гул дамад ҳар саҳар зи синаи хок,
Кунад аз хоки пок гулборон.
Рӯи гулро чу булбулон бинанд,
Ҳамчу ошиқ шаванд мидҳатхон.
Булбулонанд аввалин ошиқ,
Буда ҳар гул ба чеҳраи хандон.
Сабз з-он аст рӯи хоки сиёҳ.
Шуд сияҳ рӯи шаб аз он даврон.
З-он муқаддас бигашт хоки сиёҳ,
Хок шуд саҷдагоҳи холиқиён.
Бар замин саҷда кард чархи фалак,
Чарх бар гирди хок шуд гардон.

Аз сараш офтоб дошт тулӯъ,
Моҳ бар гирди он бишуд рақсон.
Балки тоҷи замин бишуд хуршед,
Шуд замин зери тоҷи худ султон.
Бал замин тоҷдори олам гашт,
Дошт бар ҳар ситора ин фармон.
Аз дили хок руст меҳргиёҳ,
Ки ба меҳраш фалак бишуд ҳайрон.
Бед дар рақс шуд ба гирди замин,
Бед шуд чокари замину замон.
Ҳамнафас бед шуд ба қалби захмин,
Бас равон дод хок бар найсон.
Бод хоки сиёҳ бар сар кард,
Шуд рухи бод аз назар пинҳон.
Худ набинад замин зи чеҳраи бод,
Гарчӣ бод аст мар варо домон.
Хест гарди замин ба дӯши насим,
Бар сари роҳи моҳи нурафшон.
Ба рухи маҳ нишаст гарди замин,
Хол шуд он ба рӯи маҳ, эй ҷон.
Моҳ бо холи рӯи худ зи само,
Рӯзу шабро бигашт муждарасон.
Арш бо холи рӯи моҳ бигашт,
Худ зи эъҷози хок муждарасон.
Моҳ дар рӯи ҳафт гардун гашт,
Аҳли эъҷозро дари эҳсон.
Холи рухсори маҳ зи меҳри замин,
Гӯядат з-он туӣ ба амну амон.
Кафтаронанд худ ба бод савор,
Қақраҳо медаманд бо ҳаяҷон.
Гули баҳман гирифта бар минқор,
Бар сари қуллаанд болафшон.
Тӯша худ аз кафи замин доранд,
Бар сари нурбор Коҳкашон.

Кафтаронанд мисли қавси қузаҳ,
Саҷда доранд рӯи боғу чамон.
Гул дамидаст рӯи синаи рӯҳ,
Мурғҳо бар сараш буванд давон.
Қулла рангинкамон гирифта ба дӯш
Ҳаст дар ҳифзи кӯҳ сарҳадбон.
Бо гулон кӯҳ аст сарҳади ишқ,
Сарҳади ишқ аст ҷони ҷаҳон.
Чарх рангинкамони ишқ гирифт,
Мисли оинаи баҳори синон.
Нақши рангинкамон зи дӯши фалак,
Акс дар ҳавзи қулла шуд чу синон.
Балки оина шуд замин таҳи чарх,
Чархро кард он баҳористон.
Саҷдагар чарх шуд ба рӯи замин,
Ки зи меҳри замин варост тавон.
Арш бар қуллаҳои Боми ҷаҳон,
Хоса бар гирди чашм худ мижгон.
Рӯи домони он дарахти чичаст,
Ҳаст дар роҳи ташнагон рақсон.
Ки раҳанду зи оби он нӯшанд,
К-оби он овардад ба рақс равон.
Медиҳад чор фасл баҳра чичаст,
То, ки ҳар дардро шавад дармон
Меваааш умрро дароз кунад,
Сояаш балки аст роҳати ҷон.
Ошиқонро ба он никоҳ кунанд,
Оби он аст доруи малакон.
Ҳаст оби никоҳ оби биҳишт,
Ки биборад зи абр бо борон.
Балки оби никоҳ оби бақост,
Барад аз ёд он шаби ҳиҷрон.
Рӯяд аз қалби хок меҳргиёҳ,
То бараояд ба қуллаи санафон.

Санафон зодагони симурғанд,
Ҳаст Симурғ модари париён.
Саҷда бар чашмасор кӯҳ кунад,
Хок аз чашмаҳост гулафшон.
Омад аз чашма гул ба дасти замин,
Чашма шуд ашки чашми кӯҳистон.
Реша дорад дар об нахли чичаст,
Ҳаст сарсабз он ба сангистон.
Аз дили санг лаъл мерезад,
Лаъл бар дардҳо бишуд дармон.
Бар сари хоку об кард назар,
Офаранда зи рӯи Боми ҷаҳон.
Дид пурфайз рози хоки сиёҳ,
Арш дорад намоз бар сари он.
Ӯ гирифта ба даст як кафи хок,
Нафаси худ ато намуд бар он.
Аз кафи хок ҳаст одам шуд,
Гашт одам ба саҷда дар кафи он.
Соҳибэъҷоз чун худояш гашт,
Пар бизад мурғи бахт бар сари он.
Бал зи эъҷози хеш ҷашн гирифт,
Офаранда ба меҳр дар кайҳон.
Ёфт он рӯз шӯҳра бо наврӯз,
Рӯзи эъҷоз гашт, рӯзи каён.
Ҷашнгоҳи Худо бишуд Помир,
Дар раҳи офтоби нурафшон.
Гашт Одам аз он ба роҳи Худо,
Соҳибэъҷоз мисли оби равон.
Одамиро Худо ба сурати хеш,
Ҳаст бинмуду кард шодирвон.

## НАВРӮЗ МУБОРАК БОД

Наврӯзи ҷаҳоноро ташрифи ту марғуб аст,
Ҷон бод фидои ту, дидори ту матлуб аст.
Монанди дили модар, кардӣ ту заминро нарм,
Гардид само дилҷӯ, гардид ҳаво ҳам гарм.
Дар дашту даман лола чун машъали рахшон шуд,
Оҳу шуда дар ҷавлон, кабки дарӣ хандон шуд.
Тӯтӣ ба хурӯш омад, қумрӣ ба сурӯш омад,
Савти хуши булбулҳо пайваста ба гӯш омад.
Чун зулфи парирӯён гулбед сараш хам кард,
Кокутӣ зи ашки субҳ рухсораи худ нам кард.
Лабханди гули раъно оташ ба чаман резад,
Майрамгули атрогин накҳат зи ҳаво безад.
Деҳқон паи кишти нав рӯ ҷониби саҳро кард,
Таъзими замин карда гулхандаи зебо кард.
Гуфто, ки чу ҳарсола бар мо ту саховат кун,
Бар ранҷи гарони мо пайваста бароат кун.
Ганҷура шавад лабрез аз неъмати алвонӣ,
Ҳосил бишавад афзун, то ки шавад арзонӣ…
Эй халқи азизи ман Наврӯз муборак бод,
Ҷашни фараҳу шодӣ ҳар рӯз муборак бод!

## БАҲОРИЯ

Баҳоро, дар қадамҳоят бимирам,
Ба ҳусни оламороят асирам.
Ҳаворо боз аз нав гарм кардӣ,
Заминро сурмаосо нарм кардӣ.
Дили мо аз фараҳ бар ҷӯш омад,
Навои булбулон бар гӯш омад.

Чӣ хуш форам насими кӯҳсорон,
Тамошои гулу себаргазорон.
Ки гашта лола ҳамчун ҷоми гулгун,
Намуд бинандаро шайдову мафтун.
Равон шуд обҳо чун нуқраи хом,
Бишуд аз лаззаташ ҳамчун асал ком.
Зи нав деҳқон равон шуд аз паси кор,
Ки нахли орзӯяш то диҳад бор.
Шавад то ҳосили кишташ фаровон,
Бигирад ганҷҳо аз неъмати он.
Яхи илҳоми ман ҳам об кардӣ,
Зи нав бедор ту аз хоб кардӣ.
Зи ташрифат намуда шукри бисёр,
Навиштам ман ба васфат тоза ашъор.
Агарчи шоири ранҷури пирам,
Ҷавон гаштам, ба ҳусни ту асирам.

## ФАСЛИ ДИЛАФРӮЗ

Баҳор омад табиат боз дилҷӯю дилоро шуд,
Ҳаво чун махмали дебо, само софу гуворо шуд.
Ниҳолон муғча карданду лаби гулғунчаҳо во шуд,
Машоми мо муаттар аз абири мушку соро шуд.

Дубора абри баҳман дар гурез аз Хусрави рӯз аст,
Ки ҳар як лола монанди чароғи оламафрӯз аст.
Замин чун сӯзании модари ғамхору дилсӯз аст,
Ҳазорон шукри беҳад, ки зи нав фасли дилафрӯз аст.

Чӣ хуш, ки акси маҳ дар оби дарё мекунад бозӣ,
Намояд булбули шӯридадил машқи ғзалсозӣ.
Ба ӯ ҷорӯбдуму қумрӣ бинмуда ҳамовозӣ,
Ба гӯш ояд аз ин овозҳо пайки сарфарозӣ.

Гули нилуфару тоҷи хурӯсу наргису райҳон,
Ғумою қӯзақандию зелолу ошиқи печон.
Ниҳоли себу биҳӣ, ҳамчунон лимӯю марминҷон,
Саросар гашта ғарқи гул, саросар гашта гулафшон.

Нишаста боз чӯпон най навозад дар лаби ҷубор,
Ба ҳар сӯ ҷастухезе мекунад оҳуи хушрафтор.
Ба чаҳ-чаҳ аз сари гулбед мехонад сурудаш сор,
Хиромон мекунад хониш зи шодӣ кабки хушгуфтор.

Миёнро баста маҳкам марди деҳқон дар сари кор аст,
Паи кишти наву дони наву дар фикри шудгор аст.
Умед аз ҳосили поринааш имсол бисёр аст,
Яқин дорам ба ин андешааш фатҳу зафар ёр аст!

## ХУШ ОМАДӢ НАВРӮЗИ МО

*(Суруд)*

Хуш омадӣ, Наврӯзи мо,
Наврӯзи дилафрӯзи мо.
Ҳамчун арӯси нозанин,
Бар кишвари фирӯзи мо.

Аз нав табиат зинда шуд,
Шоҳи фалак рахшанда шуд.
Марҷонгулу тоҷи хурӯс,
Чун ёсуман дар ханда шуд.

Кӯҳу даман шуд махмалин,
Боду ҳаво шуд анбарин.
Аз лутфу беандозаат,
Чун фалла шуд рӯи замин.

Деҳқон миёнашро бубаст,
Бар рахши хушҷавлон нишаст.
Рӯ ҷониби саҳро намуд,
Бигрифта олоташ ба даст.

То ҳосилаш афзун шавад,
Рухсорааш гулгун шавад.
Пиру ҷавон аз кори ӯ,
Хуррам шавад, мамнун шавад.

Хуш омадӣ, Наврӯзи мо,
Наврӯзи дилафрӯзи мо.
Ҳамчун арӯси нозанин,
Бар кишвари фирӯзи мо.

## ГУЛБОРОНИ НАВРӮЗӢ

*(Рубоиёт)*

Наврӯз, биё ки поку сароғозӣ,
Пайғоми баҳори мардуми худсозӣ.
Қомуси хирад, наҷобату эъҷозӣ,
Пайвандгари ҷаҳону давронсозӣ.

Наврӯз ҳақиқат аст, кӯраш макунед,
Аз манзили хеш ҳеҷ дураш макунед.
Ҷамшед ба Наврӯзи бузургаш хуш буд,
Ширинии зиндагист, шӯраш макунед.

Ҳастем мудом шод, бо аҳли диёр,
Бо халқи кабири хушдили шӯҳратёр.
Будаст ҳамеша халқ бо Наврӯзаш,
Монандаи ёри дилрабое ба канор.

Зебо Ватано, ту дар либоси сабзӣ,
Дар ҷисми ҷамеи ҳамдиёрон набзӣ.
Ҳаргиз ту мабин рӯи хазонро кишвар,
Бо чеҳраи наврӯзии худ сарсабзӣ.

Наврӯз, ту меҳрӣ, самарӣ, шаҳрӯзӣ,
Бахтовару шодиовару фирӯзӣ.
Ту васлгари аҳли башар гардидӣ,
Оғози Сари солу ҷаҳонафрӯзӣ.

Наврӯз, ба ту аҳли ҷаҳон дамсозанд,
Мурғон зи таровати ту хушовозанд.
Кашшофонт Беруниву Хайёманд,
Дар васфи ту хомаҳо суханпардозанд.

З-оғози ту зинад мешавад ҷони замин,
Дунё бишавад ҷаҳони рангорангин.
Як донаи пошида ҳазорон гардад,
Наврӯз, бикун ҷаҳониён низ қарин.

Бедор шавад табиати кундаи хоб,
Яхкардазамини нотавону бетоб.
Наврӯз, аҷаб хосияте дорӣ ту,
Бо мақдами худ ҷаҳон намоӣ шодоб.

Наврӯз, раҳи дарозро тай кардӣ,
Бо бадгуҳарон ҷанг паёпай кардӣ.
Ғолиб шудӣ, қаҳрамони дунё гаштӣ,
Ҷоми ғаму шодиҳо ту пурмай кардӣ.

Дунёра ту гулпӯш намоӣ, Наврӯз,
Фирдавса ба рӯи мо кушоӣ, Наврӯз.
Пайгиронат ҳама бузургмеҳронанд,
Баҳри ҳамагон ту дилкушоӣ, Наврӯз.

Рӯйи гули ёри ман чаманро моност,
Дунёи дилаш файзи аданро моност.
Булбул ба навои сӯз дар гӯшам гуфт:
Ёрат, Оташ, ширзақанро моност.

Дар вирди забонҳост, каломи Наврӯз,
Шодиафзост ҳамеша номи Наврӯз.
Аз номи Ватан – Тоҷикистони азиз,
Бар аҳли башар расад паёми Наврӯз.

Сар то қадами ёр баҳор аст маро,
Дил майли лаби шакаршикор аст маро.
Эзид ҳабибу бахт ёр аст маро,
Наврӯз бишуд, дигар чӣ кор аст маро.

Кабкон шудаанд шоири наврӯзӣ,
Мурғони фазо ба шодию пирӯзӣ.
Дар тарфи чаманҳову лаби чашмаву ҷӯй,
Зебосанамонанд ба худафрӯзӣ.

Наврӯз хушӣ, вале дили маст кабоб,
Ниме сари сиху нимае андар об.
Гуфтам: Ёро, хироҷи лаълат чанд аст?
Бо нозу карашма гуфт: Як коса шароб.

Ҷононаи мо ба чашми шӯрангезаш,
Бо мӯйи парешу атру анбарбезаш.
Сармаст намуд Оташи дилҷӯро,
Наврӯзқабо муҳиби зардушкешаш.

Наврӯз расиду хомаам дурҳо суфт,
Рози дили хешро ба маҳфилҳо гуфт.
Наврӯзи баҳор, гуфт: ҷаҳонӣ гардид,
Гулҳои мурод дар дили сангон руст.

Ҷонон зи лабаш бӯсаи наврӯзӣ дод,
Аз баҳри нишоту файзу пирӯзӣ дод.
Буд нӯшдору бӯсаи ҷонбахшаш,
Хуш буд, ки гулқанди дилафрӯзӣ дод.

Ҷонон гуфто: Макун ба ман гардан кач,
Бо бӯсаи бисёр макун лабҳо лач.
Ту ғарқи гуноҳӣ, азми каъба чӣ кунӣ?
Даргоҳи баҳори дилам аз баҳри ту ҳаҷ.

Наврӯз, туӣ баробарии шабу рӯз,
Бурҷи Ҳамаливу лаҳзаи дилафрӯз.
Хуршед расад ба нуктаи Бурҷи Ҳамал,
Бодо ҳар рӯз, рӯзи халқам Наврӯз!

Таърих сароғоз зи Наврӯз гирифт,
Оғоз зи ин рӯзи дилафрӯз гирифт.
Оғози замонааш чу хондӣ Каюмарс,
Олам ҳама ин раҳи шарафрӯз гирифт.

Ёрон, ёрон, ба хуррамӣ пайвандед,
Аз ғусса абад ба беғамӣ пайвандед!
Хоҳам, ки ба Наврӯзи навин боз расед,
Ҳар як ба камоли ҳамдамӣ пайвандед!

Наврӯз, ҷаҳонро, ки мусаххар кардӣ,
Ин олами пирро мунаввар кардӣ.
Ҷовид бимон ба ҳашматат, эй Наврӯз,
Усмони Назирро суханвар кардӣ.

## БИЁ, НАВРӮЗ

Биё, Наврӯзи дилафрӯз,
Ба ҳар даргоҳ, ҳар хона.
Биё, овар қадамгоҳат
Навинэҷод афсона.

Зи ту уммедҳо афзун,
Зи ту дашту даман гулгун.
Зи ту саҳрои дил обӣ,
Зи ту рӯди ҳавас Ҷайҳун.

Биё, Роғуни нав овар,
Биафзо меҳри ёронро.
Биёвар рашки ноаҳлон,
Бирақсон дӯстдоронро.

Биё, Наврӯзи дилафрӯз,
Биё, ҳамроҳи фарзона.
Биё, ҷаннатнишон кишвар,
Қадам неҳ шӯху мастона.

Зарафшон кун ҳавояшро,
Ҳавои бебаҳояшро.
Дар ин дунёи пурфитна
Бидонад, гӯй, ҷояшро.

Биё, Наврӯзи дилафрӯз,
Биё, мавсими зебоӣ.
Биё, ҷонҳо ба шӯр овар,
Ба танҳо бахш барноӣ.

Табиатро биё, гул дӯз,
Ки бе гул даҳр бенур аст.
Арӯси нозанини сол
Нагӯяд ҳар касе, кӯр аст.

Биё, оромбахши ҷон
Биё, дармонфизои рӯҳ.
Биё, бар мо сурур овар,
Зи дилҳо дур кун андӯҳ.

Ту дунёи гулистонӣ,
Биё, дунё гулистон бод!
Ту зоди Тоҷикистонӣ,
Маконат Тоҷикистон бод!

## НАВРӮЗ ШУД

Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Аз хонаҳо берун шавем.
Саҳро ба саҳроҳо давем,
Аз бӯи гул мафтун шавем.

Аз тангно паҳно равем,
Аз заррае дунё шавем.
Аз худ бурун гардем, то
Аз қатрае дарё шавем.

Ҷонро ба саҳроҳо занем,
Хонро ба саҳроҳо занем.
Ҳар донаву дони насиб
Имрӯз бар фардо занем.

Наврӯз шуд, дил во кунем,
Асрори ҷон ифшо кунем.
Ҳар пастро боло барем,
Худро ба олам ҷо кунем.

Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Андар наво булбул шавем.
Бикшодарӯ, хушрангубӯ
Чун дастаи сунбул шавем.

## БАҲОРИЯ

Саҳар омад, баҳор омад, хуш омад,
Баҳори ҳуснёр омад, хуш омад.

Гаҳи боридани борони найсон,
Баҳори файзбор омад, хуш омад.

Дами санҷидани мардони майдон,
Баҳори киштукор омад, хуш омад.

Табиатро қабо гардид гулгун,
Баҳори лолазор омад, хуш омад.

Ба мӯи дилбарон гул рехт чун зар,
Баҳори зарнисор омад, хуш омад.

Садои булбулон аз тарфи гулшан,
Чу сози обшор омад, хуш омад.

Ба саҳро шӯру шавқи марди деҳқон,
Баҳори гирудор омад, хуш омад.

Зи эҳёи саропои табиат
Дилу ҷон беқарор омад, хуш омад.

## НАВРӮЗИ НАВ

Мурғи Наврӯз аз қафас озод шуд,
Мужда, эй дил, мардуми мо шуд.

Дар ҷаҳон Наврӯзи нав доман кашид,
Кас чунин Наврӯзро ҷое надид.

Тоҷикистон маркази Наврӯз шуд,
Кишвари Наврӯз нав фирӯз шуд.

Шӯҳрату шонаш ҳама дунё гирифт.
Бадсиголаш монд дар ҳоли шигифт.

Ҳамраҳи Наврӯз тоҷик пар кушод,
Пар ба сӯи олами дигар кушод.

Муждаи Наврӯз бар дунё бирафт,
Тоҷикистон ҳамраҳаш ҳар ҷо бирафт.

Боғи дил дар синаҳо Наврӯз шуд,
Ростӣ бар кинаҳо фирӯз шуд.

Болу пар бигрифт Наврӯзи Аҷам,
Шуд ҷаҳонӣ ҳамраҳаш тоҷик ҳам.

## ПАЙҒОМИ НИШОТ
### Тазмин ба ғазали устод Рӯдакӣ

*Бӯи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,*
*Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.*
*Рӯдакӣ*

1

Буйи ишқ аз осмон ояд ҳаме,
Меҳри ваҳдат дар ҷаҳон ояд ҳаме.
Ҳар шаб аз ойинаи Моҳи тамом,
Акси Меҳри зарфишон ояд ҳаме.
Партави эҳсони гардун ҳар нафас,
Бар замини бекарон ояд ҳаме.
Ризқи инсон дар кафи борони сабз,
Ҳамчу нон бар рӯйи хон ояд ҳаме.

2

Аз самои беғубори кишварам,
Шӯъламавҷи пафишон ояд ҳаме.
Шавқи наврӯзи тарабҷӯши баҳор,
Аз замири хушдилон ояд ҳаме.
Дар замини хуррамистони ҳаёт,
Пиру барно шодмон ояд ҳаме.
Савти ханда аз лабони кӯдакон,
Ҳар замон дар гӯши ҷон ояд ҳаме.
Лаззати ширини шеъри Рӯдакӣ
Аз дили ширинлабон ояд ҳаме.
Ҳамнаво бо сози мурғони чаман,
Савти дарёи равон ояд ҳаме.

3

Зиндагӣ ҳар лаҳза мечархад ба даҳр,
Ҷаннате дар ин макон ояд ҳаме.
Неъмати гетӣ фаровон мешавад,
Файз чун оби равон ояд ҳаме.
Аз ҳавои ишқ мегирад нафас,
Ҳар касе дар ин ҷинон ояд ҳаме.
Аз хирад пур мешавад гӯши замин,
Ҳамди Эзад дар забон ояд ҳаме.
Эман аз Рӯзи ҷазо дунё ҳанӯз,
Муждаи рангинкамон ояд ҳаме.
Олами шар мешавад охир фано,
Олами нав ҷовидон ояд ҳаме!

4

Нури фикри растагорони хирад
Ҳамрадифи нуриён ояд ҳаме.
Зиндагии ҷовиди аҳли замин,
Баъди марги хасми ҷон ояд ҳаме.
Ҳикмати созандаи ҷонофарин
Дар шуъури хокиён ояд ҳаме.
Чашми дил чун меҳр равшан мешавад,
Қуввати ҷисму равон ояд ҳаме.
Тухми бемаргӣ ҳамекорад, Худо,
Дар замири мурда ҷон ояд ҳаме!

## НАВРӮЗӢ

1.

Ғунча лаб во карду гул бишкуфту дил шуд беқарор,
Боз Наврӯз омаду гулҳо қатор андар қатор.

Роҳи саҳро пеш гирам ман ба уммеде, ки боз
Баҳра бардорам зи файзи абри найсон, навбаҳор.

То бишӯям рӯйи худ бо ашки абри даргузар,
Пур намоям кафи зи оби қатраҳои бешумор.

Сабзаю себарга дорад ҷилва дар болои об,
Атрафшон барвазад бар сар насими обшор.

Аз сияҳгӯшу гули себаргаю қоқу чӣ хуш,
Чанбаре созӣ, ки бигзорад варо бар сар нигор.

Гул хуш асту хониши булбул хуш аст, аммо чӣ хуш –
Бо маю маъшуқа бошӣ, дар миёни марғзор.

Кай кунад ёди биҳишти адн Ҳикмат, гар даме
Бошад андар марғзоре бо нигоре ҳамканор.

2.

Боз Наврӯз омаду бедор гардида ҷаҳон,
Сарфарозанд аз қудумаш марду зан, пиру ҷавон.

Гарм гашта хоки сард аз меҳри гарми офтоб,
Сар кашад аз хок гул, оварда рӯ бар осмон.

Рӯзу шаб ҳам ин замон бо ҳам баробар гаштааст,
Домани афлок гулгун тобад аз рангинкамон.

Гӯш бидҳам бар садоҳое, ки оянд аз чаман,
Булбулон хонанд васфи гул ҳама бо як забон.

Ваҳ чӣ хуш печида андар пардаи анвори меҳр
Бигзарӣ пойи бараҳна рӯди сардоби дамон.

Бӯи гулҳоро шамида, дурри мақсад чида-чида,
Дар лаби киште нишинӣ бо нигори меҳрубон.

Чун вазад боди сабо бо бӯйи ҷонбахшои гул,
Дар вуҷуди мурда ҳам гӯӣ дамад якбора ҷон.

Боз Наврӯз омаду шуд болафшон мурғи дил,
Боз Наврӯз омаду боғу чаман шуд гулфишон.

Ҳикмати дилдодаро сабре дигар дар дил намонд,
Тарки манзил кун, биё, гардем бар саҳро равон!

3.

Мужда, эй дӯст, ки Наврӯз бар дар омадааст,
Ба тани хастадилон ҷони дигар омадааст.
Чӣ хушо, дилбари ман бо дили лабрези фараҳ,
Аз гули тозаву тар тоҷ ба сар омадааст.

## НАҒМАҲОИ НАВРӮЗӢ
*(Манзума)*

Чу моҳи ҳут фитад офтоб андар мард[1]
Барад зи қалби бадахшониён машаққат дард.
Ба офтоб намоянд як лаган гандум,
Ки офтобӣ гардад насибаи мардум.
Нахӯрда нон саҳари навбаҳор, медонам,
Бадар зи хона наоянд дар Бадахшонам.
Ки марди гушна натонад ба хасм чира шудан,
Шукуфтарӯ шуда, хуршедро пазира шудан,
Садои хониши паррандаҳо сабоҳи баҳор
Барои мардуми кухсори ман бувад асрор.
Садои аввали бишнидааш паёми наве
Диҳад ба ӯву ниҳад бар ҳаёти ӯ гараве.
Чу нонгазида бувад, фоли некаш ояд пеш,
Вагарна ахтари наҳсе кунад ғамашро беш.
Ту, эй ҷавони саҳархез, хону огаҳ бош,
Чу қадри нон бишиносӣ, равон аз ин раҳ бош.
Зи хӯшае ба ҳама гӯша тӯшаи мо аст,
Чу тӯша нест, хамӯшӣ ба гӯшаи мо аст.

### Садои булубул ё васл

Чу булбулон шунаванд аз ту бӯйи лаззати нон,
Ҷаҳон ба коми ту гардад, ту ҳам ба коми ҷаҳон.
Мусаллам аст, ки булбул ба васли гул нарасад,
Ва дар чаман ҳам аз ин аст бо ғиреву фиғон.

---

[1] Ишораи ба рӯзҳои қувват гирифтани Офтоб, ки бо ибораи «Офтоб дар мард» ёд мешавад ва ба охири моҳи ҳут рост меояд.

Вале насиби ту гардад пиёлаву майи ноб,
Расӣ шабе ба висоли нигор ҷуръакашон.
Чу маҳви лаззати нон булбули тарабҷӯ шуд,
Сарат сафед нагардад, наафтадат дандон.
Сияҳдилӣ биравад, он чунон ки тоза кунад
Шамоли саркаши афғон самои Боми Ҷаҳон.
Чу рӯди Панҷ фитодем дар дусад водӣ,
Ту васли асл бихоҳӣ, биё ба кӯҳистон!
Замони ошиқии булбулона охир шуд,
Ба инқилоби муҳаббат расидааст замон.

**Садои кабк ё роҳ**

Шавад чу кабки дарӣ маҳви лаззати гандум,
Ҳазор монеъа гардад зи роҳи бахтат гум.
Аз он ки кабк хиромон ба санг пой занад,
Базӯр обилапо бигзарад зи регу зи қум.
Чу маҳви кабк шавӣ, пойпӯши ту бидарад,
Шавӣ канора зи раҳ дар нишемани якум.
Ману ту, ҷони бародар, ба раҳнамо зорем
Чи шиква варна зи тангии роҳи Қалъаихум[1]?
Чу бод гарчи замони қаландарӣ бигузашт,
Фиғони бод расад аз хами Қаландаргум[2].
Ба гӯш нағмаи кабку ба зери по раҳи бахт,
Сӯи абад биравӣ аз миёнаи мардум.
Баҳорро ба забон вожаи шаҳодат бод,
Садои қақраи кабки дарии Ишкошум!

**Садои кабки ҳилол ё покӣ**

Шавад зи маззаи нонат чу маҳв кабки ҳилол,
Ҳаром аз ту равад, ояд он чи буда ҳалол.

[1] Қалъаихум – ноҳияи Дарвоз, ки тангтарин мавзеъи Бадахшон аст.
[2] Қаландаргум – ҳамгаштест дар Роштқалъа, ки доиман аз он садои фарёд ба гӯш мерасад.

Аз он ки кабки ҳилол аст пӯстгандида,
Бигандад ӯ ҳамаро, чун ба ҳам занад пару бол.
Садои ҳуштаки ӯ огаҳӣ зи нопокист,
Ба соҳиби ҳараму хонаву хазинаву мол.
Ту аок шав, ки ба Наврӯз покҷон бирасӣ,
Ҳаром варна шавад аз вуҷуди ту ҳама сол.
Агар чу оби равон пок доштӣ дили хеш,
Саидро набудӣ бими реги Шоҳҷамол[1],
Магар зи лаъли дили кӯҳзода бехабарӣ,
Ки ҳар замон бикунияш зи ғусса моломол?
Мисоли кабки ҳилол он ки пастпарвоз аст,
Шавад дуруда гули ахтараш зи доси ҳилол.

**Садои зоғ ё паём**

Чу маҳви лаззати нон зоғ шуд сабоҳи баҳор,
Шавад кушода ҳавоси ту бар ямину ясор.
Ки зоғ шумнафас аз ҳавоси бедор аст,
Равад зи қар-қараш аз сар ҳушу зи сина қарор.
Насими ҳар саҳаре бидҳадат башорати нек,
Бар остони ту гардад Сурӯш роҳгузор.
Нахуст Носири Хусрав бидод мужда зи дин,
Туро нуҳуфтахудо карду ҳам нуҳуфтамазор.
Кунун зи поквуҷудӣ бидеҳ ту мужда ба даҳр,
Намонд, Боми Ҷаҳоно, ба ҷуз ту пок диёр!
Сафедарӯзу сафедахтару сафедманиш,
Туро ба даҳр сафедӣ ҳамеша бодо ёр!
Касе чу зоғ, ки худ хоҳаду зимистонро,
Хунукдил асту хунукгил, намерасад ба баҳор.

[1] Ишора ба ҳикояти машҳури шуғнонист, ки Шоҳҷамоли равшанзамир дар дуое дар ду рег саргаҳи обро сӯи замини Саид баста, ба замини худ меорад.

## Садои куку ё ҳаёт

Шавад зи лаззати нонат шикастапар куку,
Диҳад зи умрдарозӣ туро хабар куку.
Ба пайкарат бидамад зӯри Рустами Дастон,
Зи «Шоҳнома» қироат кунад магар куку?
Ману ту ворисн Зардушту тахти Ҷамшедем,
Ки ин яке ба ду ним асту он дигар ку, ку?
Нишони Рустаму Пӯлодванд Сарғалта[1]-ст,
Нишаста бар сари гӯраш чу навҳагар куку.
Чароғдони муғ исломро ба кор омад,
Чу мурғи оташ аз он гашта шӯълавар куку.
Таваккал асту хатар ҳар сафар ба Боми Ҷаҳон,
Намуда модари бечораро писар куку.
Ману ту сол шуморему умр як лаҳза-ст,
Зи марги мо ба фиғон аст ҳар саҳар куку.

## Садои ҳудҳуд ё забон

Сухан зи ҳудҳуди дамбаста инчунин бошад,
Чу маҳви шираи нон шуд, ба офарин бошад.
Забони ӯ бикушояд фақат ба фасли баҳор,
Зи безабонии худ музтари замин бошад.
Забони зиндаи арзу само бувад Инсон,
Даруни синааш офоқи меҳру кин бошад.
Шавад зи чарбзабонӣ писанди дилбари хеш,
Касе ба меҳр сазовори нозанин бошад.
Фурӯғи мардуми ман шӯру шавқи Мавлоност,
Ки мояи суханаш шаҳди ангубин бошад.
Ба ҳар забон гаравӣ, форсӣ-т ояд пеш,
Варо каломи нахусту варо пасин бошад.
Касе се фасл чу ҳудҳуд забони худ гум кард,
Баҳор низ намеёбадаш, яқин бошад.

---

[1] Сарғалта – паҳлавони бузургҷуссаи шуғнонӣ, ки тақрибан охирҳои асри ҳаждаҳ зиндагӣ кардааст. Пӯлодванди Ғундӣ қаҳрамоне аз «Шоҳнома», ки дар ҳафтхонаш Рустам бо ӯ муҳориба мекунад ва ҷойи ин ҳарб ҳамин водии Ғунди имрӯзаи Шуғнон буда.

## Садои акка, ё қаноат

Кукун зи акка бигӯям, ки нағмааш чун аст,
Дилаш зи ҳисси фақирӣ ҳамеша маҳзун аст.
Бидуздаду бибарад моли хонаи мардум,
Агарчи риштаву ангуштариву собун аст.
Чу бӯйи нон занадаш, қалби ту шавад равшан,
Туро агарчи на тахту на ганҷи Қорун аст.
Ҳазор акка бидуздад агарчи моли туро,
Вале чу ганҷи дилат ҳаст, молат афзун аст.
Кафид оқибат аз ғусса гар дили Қимат[1],
Навои ӯ ба дили мо равона чун хун аст.
Зи ашки ғуссаи мо пур Сарезҳо[2] гарданд,
Ва роҳи рахнаашон сӯи дашту ҳомун аст.
Зи ғусса хӯрдани мо ғусса кам намегардад,
Бихон суруди муҳаббат, ки рӯзи Шогун аст.

[1] Қиматшоҳи Шоҳискандар – оҳангсози машҳури бадахшонӣ.
[2] Сарез – ҳавзи бузургест дар сари қуллаҳои Помир, ки мардум аз рахна гаштанаш ҳамеша дар биманд.

## ДУ ҒАЗАЛ

Ваҳ, рӯиши гулдонаи Наврӯз муборак!
Ошӯби ҷавононаи Наврӯз муборак!
Гул нозкунон хандаду дунё шавад ошиқ,
Хандидани ҷононаи Наврӯз муборак!
Ҳар ҷо араќи лолаву начвои сияҳгӯш,
Пурбода тарабхонаи Наврӯз муборак!
Занбӯр асалмаст зи гулбодаи шабнам,
Шаббодаи девонаи Наврӯз муборак!
Зарбед ба мӯяш ҳаваси силсила овехт,
Кокул задани шонаи Наврӯз муборак!
Ҳар шаҳпараку гулпарак аз гул шуда сармаст,
Худсӯзии парвонаи Наврӯз муборак!
Овозаи булбул ба ҷаҳон ғулғула андохт,
Ваҳ, мӯъҷизаафсонаи Наврӯз муборак!

* * *

Наврӯзи ошиқона шуд оғози навбаҳор!
Дунё пур аз фасона шуд, эъҷози навбаҳор!
Саҳро пур аз шамимаи гулҳои хандалаб,
Овои пуртарона шуд овози навбаҳор.
Бар бодҳои раҳгузар гул медиҳад салом,
Ҳамболи бекарона шуд эъзози навбаҳор!
Аз савсане, зи шабнаме, аз пар-пари насим
Бар сӯи осмона шуд парвози навбаҳор.
Дар гардани фарози оҳувони Мевагул
Як шадда лоладона шуд гулнози навбаҳор.
Бодом аз шукуфаҳо гулпӯш чун арӯс,
Ҷонон ба як ҷавона шуд анбози навбаҳор.
Як байт турна парфишон дар саҳфаи само –
Сардафтари замона шуд оғози навбаҳор.

## ХУҶАСТА БОД

Наврӯзи навбаҳор ба ёрон хуҷаста бод,
Фасли гулу таронаи борон, хуҷаста бод.

Бодо гиромӣ орази насрину ёсуман,
Базму навои қумрию сорон хуҷаста бод.

Аз бодҳо ба боғ чу паймони нав расад,
Паймони ранг–ранги баҳорон хуҷаста бод.

Азму талоши мардуми кишвар фузун аз ин,
Дасти дуои ҷумлаи пирон хуҷаста бод.

Ирони бостон буда Ирони ростон,
Он ростон расида ба Ирон, хуҷаста бод.

Ҳайрон шавем агар нафасе сӯи навгуле
Ҷоно, нигоҳи волаву ҳайрон хуҷаста бод.

Фирӯз боду шод ҳаме неку хуш мудом,
Ин маҳфили хуҷастаи ёрон хуҷаста бод.

## ИНҚИЛОБИ САБЗ

Чаман чу парчами баҳори сабз боло шуд,
Сано ба инқилоби сабзи ин чаман бодо!
Сабо расиду номаи шукуфтанат овард,
Сано ба лолаву ба насрину суман бодо…

Сабо ба мо бидеҳ ҳар он чи аз чаман дорӣ,
Ба кӯлбор бӯи лолаву суман дорӣ,
Ба лаб сурудаи баҳори ин ватан дорӣ,
Ба дил паёми таҳният ба анҷуман дорӣ.

Сано ба инқилоби сабзи навбаҳорон бод,
Дуруди обу тоби сабзи обшорон бод,
Сано ба ин китоби сабзи бешазорон бод,
Сафо ба гулшукуфти дашти лолазорон бод.

Ту, ай баҳори пуртаровати чаман, боз о,
Бараҳнатар зи лолаву гули суман, боз о,
Ба ҳар канори дашту водии ватан боз о,
Ба раг-раги вуҷуду сӯ ба сӯи ман боз о.

Ба ноз-ноз навбаҳори ноз меояд,
Маро ба тан чу ҷони тоза боз меояд,
Дили маро чу қиблаи намоз меояд,
Ҳазорҳо дари ниёз боз меояд.

Сабо расиду номаи шукуфтанат овард,
Ту, ай баҳори пуртаровати чаман, боз о,
Сано ба ин китоби сабзи бешазорон бод,
Сано ба инқилоби сабзи навбаҳорон бод.

## БАҲОР МЕРАСАД

Баҳор мерасад, ҷаҳон ҳама тарона кунед,
Вуҷуди хешро бадар зи кунҷи хона кунед.

Бароваред орзу зи соли куҳнаву нав,
Ба файзи нур сабқате мисоли дона кунед.

Зи ҷилгаҳои навбаҳор чун равед чу бод,
Ба ҳар гиёҳу гул нигоҳи ошиқона кунед.

Суроғи шеъри тар зи чашмаҳои шӯх баред,
Фароғ бар суруду байту бар тарона кунед.

Дигар зи шиква бигзареду меҳр шева кунед,
Чу шеваҳои навбаҳори ошиқона кунед.

Даме ки аз каронаҳои ишқ беш шавед,
Пур аз нишот аз карона то карона кунед.

Ба сар ҳамерасад дигар зи умр гар нафасе,
Адои қарз бар Ватан ҳаме баҳона кунед.

Ба пушти сар кунед кинаҳо чу баҳмани сард,
Муҳаббат овареду меҳр дар миёна кунед!

## МАН БАҲОРАМ

Ҳусн дорам
Ҳусн борам,
Гулнисорам,
Ман Баҳорам.
Ман саропо
Ғайри хорам.
Дард гирам
Ғам барорам
Баски ҷони
Беқарорам,
Васл ҷӯям,
Ёри ёрам.
Дар раҳи ту
Чашми чорам.
Бишканад аз
Ту хуморам.
Ишқ бошӣ,
Сабзаворам,
Бе ту ҳеҷам
Хору зорам.
Ту сабо шав
Ман баҳорам,
Чанд бигзар
Аз канорам.
Раъду барқе
Шав, баҳорам.
Сӯз ҷони
Беқарорам.
Бо ту танҳо
Ман Баҳорам.
Рангу бӯ аз
Дил барорам.

* * *

Аз боғи биҳишт мерасад бӯи баҳор,
Ҳамранги биҳишт мешавад рӯи баҳор.

Хезам, дари бастаро кушоям, оё не,
Дар олами беканор монам ба канор.

Хоҳам чу парандагон барам пайки мурод,
Гӯям, ки зи нав дамид гул аз буни хор.

Хоҳам чу дарахти гулфишон ханда занам,
То бахт маро шунида хандад бари ёр.

Эй бандаи хокӣ, аз азал қасди ту чист?
Ҳайрон манишин ҷаҳон ба ҳайрат бигузор.

Аз қалби замину синаи санги сафед
Бо дасти ҳунарманд ту ҳам ранг барор.

* * *

Бингар, эй дил, навиди зардолу,
Хандаҳои сафеди зардолу.

Шуд баҳори фариштаро ришта
Шодии боздиди зардолу.

Ман зи гулҳо арӯс мебинам
Фасли ҷонофариди зардолу.

Шеър аз шохи сабз мерӯяд.
Ҳаст гуфтушуниди зардолу.

Шабпаракҳои рангаи гулбарг
Пар кушода ба иди зардолу.

Пораабри ба хок наздик аст
Ғуссаи нопадиди зардолу.

Гул ба гул монаду ба гул печад,
Аз ҷаҳон аст умеди зардолу.

## БОҒУ БАҲОР

Ҷашни Исост гӯиё гулҳои боғро,
Кардаст ҳар дарахт авезон чароғро.

Дасти баҳор медиҳад атри бухор пош,
Хушбӯие, ки мекунад хушбӯ димоғро.

Боғу баҳори чаҳ-чаҳи мурғони хушгулӯ,
Мӯи набуда сих зад бар сар кулоғро.

Ҳушу хаёл, ҳарчи буд дар базми боғ буд,
Дигар набуд ҳоҷати пурсу суроғро.

Зангоба рехт аз шабу шаб сап-сафед шуд,
Доғе намонд ҳасрати дилҳои доғро.

## БАҲОР МЕРАСАД

Баҳор мерасад, эй дӯст, омади баҳор хуш аст,
Маи вафо бинӯш, ки аҳди устувор хуш аст.

Баҳори сулҳу салоҳ асту оштӣ, сад шукр,
Дилат хуш аст, агар рӯзу рӯзгор хуш аст.

Чу кабки ташна туиву ҳаёт чашманишин,
Агарчи авфи шикор аст, сайри чашмасор хуш аст.

Ҳазор ранг зада, бин матои сабзи адир,
Чу куртаҳои чакан бар қади нигор хуш аст.

Сабо ба гӯши гулу сабзаҳо чӣ мегӯяд:
Баҳор мерасад, эй дӯст, омади баҳор хуш аст.

## БАҲОР МОНДӢ

Рафтиву барнагаштӣ,
Ҳамчун баҳор мондӣ
Дар хотири дили ман.

## ИБРАТИ БАҲОР

Чашми баҳор гирён дар мурдаи зимистон,
Оқил намешавад шод аз марги душмани ҷон.

## БАҲОР ОМАД

Баҳор омад,
Равам аз ӯ бипурсам:
Ҷавонии маро дар раҳ надидаст.

## БАҲОРИ БАЪДИ ҶАНГ

Имсол дар ҷамоли гулу сабза гард нест,
Имсол хок ашки алам дам намекашад.
Аз ҳар сурох мори аҷал сар намехалад,
Аз ашки хишти хонаи дил нам намекашад.

Мурғе ба сӯи лонаи худ бо ҳазор тарс,
Нолон нигоҳ карда дилаш рам намекунад.
Дигар забони баҳс набошад забони тир,
Шайтон фиреби ҳазрати одам намекунад.
Имсол шукр,
Шукри худо,
Шукри зиндагӣ
Хоби банози кӯдаки хотир бароҳат аст,
Имсол гӯ баҳорро:
Гулбезтар биё,
Соли муҳаббат аст.

## ШОИРИ ШОИРОН, БАҲОР

Дар сабқате, ки бигзарад дар назми фаслҳо,
Фасле ба ту намекунад баҳси баробарӣ.

Барги ба барг ҳар гулат печида чун хаёл,
Борони ту чакомаи андешапарварӣ.

Сад санъат аст дар хати тиру камони ту,
Сад ҳикмат аст дар лаби гӯёи обшор.

Ҳар сабзаат қасидаи часпу талоши зист,
Ҳар соқаи гули тарат як сатри обдор.

Мурғони боғ ровии шеъри баланди ту,
Бодат кунад ҳикояти табъат ба рангу бор.

Имрӯз байни ин ҳама даъвогарони шеър.
Шоиртарин касӣ, касӣ, касӣ, касӣ, баҳор.

* * *

Ба умеди ҳамзабонӣ сухани баҳор гул кард,
Ба сарои ҳамҷаҳонӣ бадани баҳор гул кард.

Ба ҳавои қомати ту қади навбаҳор бишкуфт,
Ба садои хандаи ту даҳани баҳор гул кард.

Сунбули тарона шорад қади мӯи ту ба бозӣ,
То ба доманат биафтад дамани баҳор гул кард.

Сари кӯҳи дил баромад, ки баёзи ту бибӯсад,
То бағал кунад саропо чакани баҳор гул кард.

Соябози офтоби дили ту гирифт Кайҳон,
Ба канори ту даромад– Ватани баҳор гул кард.

То биҳишти ҷони ошиқ ба замини дил бинозад,
Наварӯзи ишқ ҷӯшиду «манӣ» баҳор гул кард.

* * *

Дарахтоне, саропо меваи барф,
Шакаррези назарҳо шеваи барф,

Чи хуш аз гулхани гул об гардад,
Ба наврӯзи даҳанҳо неваи барф.

Ҷудо аз шӯи пири худ биёяд,
Ба ашки ғӯра–ғӯра беваи барф.

## ИНФИҶОРИ ГУЛ

Боз имшаб ситорабори гул аст,
Шамъу ойинаву хумори гул аст.
Моҳ дар санг реша мебандад,
Сабз гесӯи мушкбори гул аст.
Лолаҳоро биё, зиёрат кун,
Ба Худо ишқ аз диёри гул аст.
Гесувонаш бунафшазори кабуд,
Кӯлабораш шукуфабори гул аст.
Аз ҳаво бӯи ишқ меояд,
Баъд аз ин рӯз, рӯзгори гул аст.
Ҳама аз хонаҳо бурун оед,
Боғ дар боғ инфиҷори гул аст.
Аз тариқат мапурс, вақти баҳор,
Шайх ҳам маст дар канори гул аст.

## РАНГ ДАР РАНГ

Эй дили мурда баҳор аст, дигар зинда бишав,
Сарву шамшод ба бор аст, дигар зинда бишав.
Ранг дар ранг бинозад, чаман аз раҳмати абр,
Шаштараф нақшу нигор аст, дигар зинда бишав.
Чанд, афсурдаву пажмурда кашӣ заҷру хумор,
Фурсати рафъи хумор аст, дигар зинда бишав.
Ба канор он ҳама ахбори ҷаҳонро бигузор,
Хабар аз бӯсу канор аст, дигар зинда бишав.
Шоири қофилаҳо, чанд хабар хонӣ ба ҳеч,
Ғазал он қомати ёр аст, дигар зинда бишав.
Оҳ, тарсам, ки аз ин роз ба ғафлат, гузарӣ,
Эй дили мурда баҳор аст, дигар зинда бишав.

## НАВРӮЗНОМА

Хушо, расид муборак латофати Наврӯз,
Хушо, дамид хуҷиста масаррати Наврӯз.
Ба рӯзи рафтанаш аз ин диёр, рафт дуруд:
«Насиб: боз сар орад саодати Наврӯз!..»
Нафас задем ба роҳаш, ду дида бо уммед,
Ки бо башораташ ояд шарофати Наврӯз.
Чаман занад зи ҷалолат шукӯҳи нуру булӯр,
Ба сози кулл бифурӯзад асолати Наврӯз.
Матои қудрати ҳастӣ бигустаранд фарох,
Ки аз фурӯғ бихезад саховати Наврӯз.
Даман зи нашъаи анвор чеҳра бикшояд,
Зи ранги лола занад рӯ сабоҳати Наврӯз…

* * *

Бикушод чеҳра ҳастӣ ба раҳи паёми Наврӯз,
Бишукуфт аз ин башорат чамани машоми Наврӯз.
Бидамид лола бо фар зи насими ҷӯши шаъшаъ,
Бинамуд тарҳи манзар сувари низоми Наврӯз.
Каму кайф ёфт сурат зи ҳақиқати яқинӣ,
Бишинохт завқи огаҳ самари мароми Наврӯз.
Бигирифт рӯи ақсо зи ҷалоли ҷилва оҳанг,
Ки бирехт нусхаашро ба қади мақоми Наврӯз.
Назари замон биёмад ба фазои гардиши ранг,
Бирасид бо бунафша хабар аз давоми Наврӯз.
Қалами ҳарфи мужда зи сафост ламъаборон,
Заман аст ҳусни ибрат зи пайи каломи Наврӯз…
Ба дуо ду даст боло, ки зи қадри хилқати шукр
Сари сол боз ояд ҳама бар саломи Наврӯз!

* * *

Назари замон дурахшад пайи эътибори Наврӯз,
Гули орзу бихандад сари шохсори Наврӯз.
Ба ҳади замон бирезад нафаси сабо муборак,
Шами нур қад фарозад ба қади шиори Наврӯз.
Бирасад ҳазорово зи майи шукуфа махмур,
Бизанад навои мастӣ, шиканад хумори Наврӯз.
Нигаҳи шафақ бупечад ба фазои лоладоман,
Бишукуфад аз насимаш саҳари барори Наврӯз.
Сари хони ҳафт неъмат қаламӣ ба «Син»-у бо «Шин»,
Ҳама бо таҷаммӯъ оро, ба дуо нисори Наврӯз.
Ба камоли ибрат ояд тараби шукӯҳпардоз,
Бинавозад аз фасоҳат фари рӯзгори Наврӯз…
Ба руҷӯи абру борон бигушояд арз ҳастӣ,
Бубарад ба пойи гардун хати интишори Наврӯз!

* * *

Ба саломи мо бихезад чамани сафои Наврӯз,
Ба каломи мо бирақсад қади ошнои Наврӯз.
Ба дуруди сабз шаъшаъ бикашад ниқоб аз ранг,
Ҳунари баҳор бинӣ зи ҳади ҷилои Наврӯз.
Сари ҳар қудум резад гули ормон чу подош
Ба дари ниёзи мардум кафи муддаои Наврӯз.
Дари огаҳи вуҷудам зи шукӯҳ бениёз аст,
Сари ҳар шукуфа манзур асари сахои Наврӯз.
Бизанад ба марзи ақсо зи бисоти нур чодар,
Бифурӯзад орзуҳо самари зиёи Наврӯз.
Қадамаш хуҷиста бодо ба замонати замонҳо,
Зи биҳишт арз дорад сувари дуои Наврӯз!..
Ба фурӯғи лоҷвардӣ бидамад фазои «Омин!»,
Ки зи партави назарҳо бирасад салои Наврӯз.

## КУЛЛИЁТ

То ёдҳоятро кунам дар хотирам ҳифз,
То хотиротатро кунам дар дафтарам ҳифз,
Кӯчондаам аз дафтари рӯз-рӯз бар дафтари фасл,
Аз дафтари фасл–
бар дафтари асл.
Аз ёдҳо гирд оварам ҳамосаеро,
Ман Куллиёти хосаеро,
Ҳар бӯсаеро,
Ҳар бӯсаи дӯшизаеро,
Ангезаеро,
Пас кулли ёдатро кунам дар хотирам ҳифз,
Ман Куллиётатро кунам дар хотирам ҳифз.
Аз ҷамъи куллиётҳои бесарунӯк,
Маҷмӯътар хоҳад ҳамин буд,
Ҷилдаш бувад аз пӯсти пок,
Оре, на аз як пӯсти пӯк,
Зеро ба рӯяш нокашида пӯсти хук…

Гарчи табиат додат ин табъ,
Гарчи васеъ бикшодат ин табъ,
Табъан ту хуштабъӣ аз ин беш,
Табъан ту хуштабъӣ аз ин пеш,
Оростан ёди туро бар зевари табъ
Пеши қалам кори табиист,
Онро, ки хушкорӣ табиист.

Ҷилде чунин, оре, на танҳо Куллиёт аст,
Дар он тамоми ҷузъиёт аст!

Аммо на як ҷузъ,
Беш аз ҳазорон ҷузъи чопист,
Ҳар ҷузъ – нашриву ҳисобист,
Ҳар ҷузъу узваш интихобист,
Матбӯъу мақбул –
Аз ҷузъ то кулл!

## ТУ ЯК БОҒӢ, ВАТАН…

Ту як боғӣ, Ватан, як боғбон дорӣ,
Кунӣ эҳсос меҳраш, меҳрубон дорӣ!
Кунад пурбоғ ин хоки куҳанбунёд,
Зи садҳо боғ як Боғи Ватан эҷод.

Ба ҷои боғҳои содаи худрӯ
Канорат боз дилкаш, бештар дилҷӯ –
Ба дасти худ шинонад боғҳои нав,
Ба дасти хеш боғу роғҳои нав.

Ба нотобиву тобат оварад ӯ тоб,
Кунад аз нанг сангистони ту шодоб,
Ҳама шохи тарат пайвандҳои ӯст,
Дарахтони нават фарзандҳои ӯст.

Кунун афзунтар аз ҳар мулку ҳар кишвар
Ту дорӣ боғшаҳру боғдор астӣ.
На боғат монда буд на роғи ту обод,
Ту беш аз пор боғу роғдор астӣ,
Надорӣ дарду доғ имрӯз,
На дар пеши касе ту доғдор астӣ!

* * *

Ҳамнишин, ширин нишин, ин «шин»-и Наврӯзии мост,
Ҳафтшину ҳафтсин ҳамнишини Наврӯзии мост.

Оя-оя ой, нуронӣ намо айёмро,
Сина-сина сини «Ёсин» сини Наврӯзии мост.

Во намо ойинаи умедро, худро бубин,
Дидани дидори ёр ойини Наврӯзии мост!

Сабзаву себарга пойандози нав андохтанд,
Дар қадамҳои гулат қолини Наврӯзии мост.

Дафтари аъмол аз ҳарфи накӯ саршор бод!
Назму насраш то гулу насрини Наврӯзии мост.

Гул ба гул нозидаву булбул ба булбул розгӯ
Ин ҳамон булбулчину гулчини Наврӯзии мост!

* * *

Булбул ба чаман «Чаман-чаман» дорад,
Сармасти суман «Суман-суман» дорад.
Наврӯзи Ватан таронаи нав дод,
Бо зикри Ватан «Ватан-Ватан» дорад.

Дунё равшан, тамоми дунё равшан,
Дар боғи ҷаҳон чароғи гулҳо равшан.
Наврӯзи таваллуди муҳаббат омад,
Дилҳо равшан, умеди дилҳо равшан!

Булбул ба чаман «Чаман-чаман» дорад,
Сармасти суман «Суман-суман» дорад.
Наврӯзи Ватан таронаи нав дод,
Дар васфи Ватан «Ватан-Ватан» дорад.

«Наврӯзи Аҷам» навоз, Наврӯз омад,
Аз шавкати Ҷам навоз, Наврӯз омад.
Халқони ҷаҳон умеди шодӣ доранд,
Дур аз ҳама ғам навоз, Наврӯз омад.

Булбул ба чаман «Чаман-чаман» дорад,
Сармасти суман «Суман-суман» дорад.
Наврӯзи Ватан таронаи нав дод,
Дар васфи Ватан «Ватан-Ватан» дорад.

Дар маҳфили гул пиёлаи нав омад,
Ҳангомаи «Лола-лола»-и нав омад.
Аз шаҳри «Ҳазору як шаб»-и наврӯзӣ
Оҳанги ҳазорсолаи нав омад!

Булбул ба чаман «Чаман-чаман» дорад,
Сармасти суман «Суман-суман» дорад.
Наврӯзи Ватан таронаи нав дод,
Дар васфи Ватан «Ватан-Ватан» дорад.

## ҒАЗАЛИ НАВРӮЗӢ

Наврӯз бар дар омада ёрон ба ҳам расед,
Бо хандаҳои беғаши орӣ зи ғам расед.
Наврӯзро рисолати ишқ офаридан аст,
Эй ошиқон, ба қимати ишқисанам расед.
Ку шоире чу хандаи гул шеъри сабз гуфт?
Бар пешвози шоири Наврӯзи Ҷам расед.
Ку он таронае, ки чу ман оҳи шаб кашид,
Баҳри саломи шабнами гул субҳдам расед.
Эй шоирон, ба нағмаи шево чу Мавлавӣ,
Бар обшори кӯҳи ғазал дам ба дам расед.
Чун рӯи гул шукуфтааст имрӯз чеҳраҳо,
Бар базми ошиқонаи Наврӯзи Ҷам расед.

## БАҲОРОНА

Баҳори сабзчашми ноз-нозӣ,
Маро бо чашми сабзат менавозӣ.
Садои фасли гулбандӣ шунидам,
Дилам гул баста аз ин сарфарозӣ.
Зи хоби субҳи дай бедор гаштам,
Ба гӯшам мисли фарёди намозӣ.
Биёмезам ниёзамро ба нозат,
Саропоям чу гул зебанда созӣ.
Ба рӯи дафтари сабзат бирезам,
Зи килкам сад чаман шеъри маҷозӣ.
Маро бо қисмати худ ҳамқалам соз,
Гузорам то қалам аз ҳарзабозӣ.

Шабе бар Юсуфистони дилат бар,
Зулайхо то шавам дар ишқбозӣ.
Баҳоро, мисли ту шеъре накӯ нест,
Китоби ишқро беҳин баёзӣ.

## АФСОНАИ НАВРӮЗ

Афсонаи зебоӣ дар дафтари Наврӯз аст,
Нақши қалами борон дар мармари Наврӯз аст.
Пур гашт сабӯи ишқ аз чак-чаки боронҳо,
Мастии гули лола аз соғари Наврӯз аст.
Савганд ба номи гул, савганд ба фарвардин,
Дар чашмаи чашмонам нилуфари Наврӯз аст.
Дар боғи дили шоир овони гулафшонист,
Ҳарфи гулу зебоӣ дар ҷавҳари Наврӯз аст.
Наврӯзи Аҷам ёде аз сӯи ниёи мост,
То Ҷоми Ҷаме умре эҳёгари Наврӯз аст.
Дар мазҳаби фарвардин зулмот наёбад роҳ,
Хуршеди фурӯзонфар дар минбари Наврӯз аст.
Ман панҷара бикшоям дар лаҳзаи гулбандӣ,
Бӯи гули олуча ёдовари Наврӯз аст.
Ҳулбӯйи Ватан бӯяи, қоқуш ба гесӯям,
Бо гуфтаи як шоир ин кишвари Наврӯз аст.

## ДУБАЙТИҲО

Баҳор омад бидеҳ наврӯзиямро,
Нигар аз ишқ худафрӯзиямро.
Ба сангистони қалбат боз ёбам
Ба мисли кабки гушна рӯзиямро.

Баҳор омад чаманҳо лолапӯшанд,
Сари ҳар шоха мурғон дар хурӯшанд.
Раги ҷӯ метапад чун набзи ошиқ,
Чаро дилҳои мо гунгу хомӯшанд?

## РУБОИҲО

Наврӯз туӣ асли ниёзи дили ман,
Дар саҷдагаҳӣ ояти рози дили ман.
Бо чашми намозию ба тан ҷомаи сабз,
Боз омадаӣ ба ҷонамози дили ман.

Наврӯзи Аҷам дари дилам бикшодӣ,
Дар дафтари хотирам қалам бинҳодӣ.
Эй кош расад ба васли гул булбули зор,
То ман биравам баҳри муборакбодӣ.

Шукрона, ба Наврӯзи Аҷам омадаем,
Мо даст ба даст мӯҳтарам омадаем.
Онон, ки зи мо рамида соле пешанд,
Имрӯз канори ҳам ба ҳам омадаем.

Наврӯз туӣ шоири фарзонаи Ҷам,
Мо шоиракон гирифта баъди ту қалам.
Хуршед бурун омада аз домани ту,
Монанди яке бонуи зебо зи ҳарам.

Наврӯз гули нишоти мо аз гили туст,
Ганҷи дили мо зи мазраи ҳосили туст.
Дар дафтари ту шеъри нахусти Аҷам аст,
Фарҳанги Хуросони бузургам дили туст.

Дар чашми баҳори сабз борон дидам,
Аз домани ӯ лолаву райҳон чидам.
Ҳангоми намози субҳидам ғунча шукуфт,
Дар чеҳраи гул дурахши имон дидам.

Ҷоми Ҷами мо агарчи афсона шудаст,
Наврӯзи Аҷам шукӯҳи ҳар хона шудаст.
Дардо, ки Самарқанду Бухорои дилам,
Имрӯз ба дасти қавми бегона шудаст.

## НАВРӮЗОНА

Дилбозии духтарона дорад Наврӯз,
Нозу нафаси занона дорад Наврӯз.

Монанд ба гуларӯсаки деҳотӣ,
Сад ишваю сад баҳона дорад Наврӯз.

Аз навдаи гул чу чу майдабофӣ карда,
Кокул ба миёни шона дорад Наврӯз.

Гул бар сару гул ба рӯю атлас ба танаш,
Рақси хуши ошиқона дорад Наврӯз.

Аз ҳикмати шоирони хушлаҳни Ватан,
Гулчини гули тарона дорад Наврӯз.

Чун ӯст нигорандаи абёти Аҷам,
Сармастии шоирона дорад Наврӯз.

Ҳар қавм варо аз они худ медонад,
Зебу фари тоҷикона дорад Наврӯз.

Зардуштсулолаасту Ҷамшеднажод,
Аз Ҷоми Ҷамам нишона дорад Наврӯз.

Чун Шаҳрияи дугонааш меҳрафрӯз,
Дар шеъру ғазал ягона дорад Наврӯз.

## ИДИ ФИРӮЗИ АҶАМ

Ҷашни Наврӯз – иди фирӯзи Аҷам,
Кард равшан боз ҳам рӯзи Аҷам,
Зинда созад дашту доманро зи нав,
Офтоби оламафрӯзи Аҷам.

Иди аҷдодии мулки тоҷикон,
Боз дар ин сарзамини бостон,
Бар сари мо гулфишонӣ мекунад,
Гулпарастӣ, дилситонӣ мекунад,
Базми гул орояд андар кӯҳсор.
Ҷӯр созад бо навои обшор,
Боз савти ёр-ёр.

Навбаҳор–оғози ҳар оғозҳо,
Лаҳзаи эҷодҳо, пардозҳо,
Ҷаҳди имрӯзи кишоварзони мо,
Худ асоси хирмани зар мешавад,
Чашми сери мо аз он сар мешавад.

Марди деҳқон пухтакору бурдбор,
Номвар, зарпарварасту зарнисор.
Дасти ӯ бар дастаи юғу сипор
Даст бар домони хоки зарнисор,
Санҷад аз нав гӯӣ набзи хокро,
Саҷда орад ё замини покро,
То супорад донаю пундонааш,
Бар замини кишт–дасти модари фарзонааш.

## ТУҒЁНИ ДИЛ

Рӯд, шодобу ҷавон гаштаӣ ҳангоми баҳор,
Ҳарду соҳил ба ғурурат бигрифтӣ ба канор.

Хандаю наъраи мастона ту аз дил бизанӣ,
Бӯсаҳо ҳар саҳаре бар лаби соҳил бизанӣ.

Ҳар кучо кас барадат гӯйӣ, ки роҳ аст ҳамин,
Ҳар чӣ пеш оядат ӯро бирабоӣ зи замин.

Ту нагӯӣ чӣ гиёҳасту чаро ғарқ шавад,
Ту надонӣ, ки чӣ сон қатраи ту барқ шавад.

Ту надонӣ, ки чӣ кореву чӣ роҳест туро,
Қадри пириву ҷавонӣ нашиносӣ ту чаро.

З-он, ки ҳар сол ҷавонии ту такрор шавад.
«Ҳар чӣ бисёр шавад, оқибат ӯ хор шавад»…

Дили мо гарчи чу дарёст, вале тарзи дигар,
Бишавад ҷории саҳрои замон баҳри зафар.

Баҳри мо фасли ҷавонӣ чӣ шитобон гузарад,
Гар ба тезӣ биравад, лек пурэҳсон гузарад.

Умр як бор фақат ёбад аз он файзу сафо.
Ҳамчу мавҷат гузарад, боз нагардад ба қафо,

Дили мо лек ҷавон асту ҷавон хоҳад буд,
Шӯру туғёни вай аз баҳри замон хоҳад буд.

Дил хурӯшад, ки ҷавонӣ бикунад сарфи Ватан,
Бизанад ҳар даму такрор кунад ҳарфи Ватан.

Дар заданҳои дили мо шунавӣ номи Ватан,
Бувад омода ба ҳар даъвату пайғоми Ватан.

## НАВРӮЗ

*(Дар ҳошияи тақвим)*

Наврӯз рӯзи хилқати Инсон аст,
Рӯзи кушудани дари кайҳон аст.
Рӯзи шукуфтани гули Хуршед аст,
Рӯзи таваллуди маҳи Обон аст.
Наврӯз рӯзи тантанаи уммед,
Наврӯз рӯзи рӯйиши имон аст.
Рӯзи фуруд омадани фарвар,
Рӯзи фароз омадани Ҷон аст.
Наврӯз рӯзу соати мисоқ аст,
Ёдовари нахустин паймон аст.
Наврӯз рӯзи шустани лавҳи дил
Аз нақшҳои ботили шайтон аст.
Донӣ, чаро ба сурфаи наврӯзӣ
Ойина дар баробари Қуръон аст?
То ки ба рӯйи хеш назар созӣ,
Рӯйи ту низ мусҳафи Яздон аст.
Рӯзи фурӯғи ҷоми ҷаҳонбин аст,
Пайдоии нигини Сулаймон аст.
Шерозбанди маърифати Тӯрон,
Ойинаи тамаддуни Эрон аст.
Наврӯз рӯзи бастани Заҳҳок аст,
Рӯзи фирори галлаи девон аст.
Рӯзе, ки бод роиҳаи минуст,
Ҳар шоха хушку тар ҳама райҳон аст.
Рӯзе, ки бо сухан натавон нозид,
Рӯзе, ки хоку об ғазалахон аст.

Рӯзе, ки баршумурдани авродаш
Дилсӯзтар зи ҷомаи Ҳассон аст.
Гар кор бандӣ, ин ҳама тадбир аст
В-ар ноз ҷӯйӣ, он ҳама афсона-ст.
Наврӯз рӯзи адлу сахову ҷуд,
Наврӯз ҳамсиришти мусулмон аст.
Ҳар чиз ки Худо написандад, нест,
Маҷмӯаи худойписандон аст.
Наврӯз рамзи давлати Сомонист,
Кори ҷаҳон аз он чу ба сомон аст.
Рӯзе, ки ҳар куҳан бишавад тоза,
Дар бостон таровати бустон аст.
Боғи Нишоти хуррами Кашмир аст,
Ҳар ҷой, ки шикаста биёбон аст…

Бозой, эй фариштаи фаррухпай,
Бозой, эй ки дар қадамат ҷон аст.
Бозой, ки ситода ба сад уммед
Дар остонаи ту кӯҳистон аст.
Минои субҳу он шафақи рангин
Дар обгина лаъли Бадахшон аст.
Бозо ба даштҳои ҳазороняшт
Аз сабза сад саҳифаву девон аст.
Бозову хуш хиром ба лоластон,
Ҳар лола як пиёлаи паймонаст.
Ранги дигар маҷӯй аз ин лола,
Якранг чун шаҳодати Нӯъмон аст.
Ҷони ҷаҳон ба домани ту бастаст,
Имрӯз, ки ҷаҳонт ба фармон аст.
Милоди ту валодати фарҳанг аст,
Оғози ту муқаддами Зарвон аст.
Рӯзи заволи салтанати зулмат,
Рӯзи ҷалоли Оли Хуросон аст.

## МЕҲАНИ НАВРӮЗ

Биё, эй ҷовидон пирӯз,
Наврӯзи чаҳонафрӯз,
Биёр он ҷоми ҷонафрӯз,
Ҳазорон дасти сабз аз хок боло мешавад имрӯз,
Яди хазро ҳазорон аз пайи имдод меояд.

Ту гӯӣ Хӯчаи Хизр аст баҳман,
ҳар кучое ки фурӯкаш мекунад доман,
Ба по мегардад он ҷо растахези сабзаву райҳону овешан[1].
Садоқат сабз мегардад…
сахо ҳам сабз мегардад,
Ба зери пои зоҳид буриё ҳам сабз мегардад.
Ба кӯҳу дашту барзан инқилоби нур меҷӯшад,
Шароби нур дар рагҳои ҳастӣ мешавад ҷорӣ,
Нишоти рӯзи нав дар пайкари ангур мепечад,
Ба хок уфтода токи нотавон ҳам мечахад боло,
Миёни бозувонаш мефишорад чун бародар шаҳчаноронро,
Бо сад ҷоми зумуррад мекашонад машки боронро.
Ва Ҷӯи Мӯлиён аз домани маҳтоб меояд,
Ба хуни хуфтагон барқи суруди ноб меояд.
Шаҳнашоҳи Хуросон,
Офтоби гавҳари инсон
паёми рушани Яздон
Дигар раҳ хонаи уммедро пурнур месозад.

Салом, эй хок, эй Модар,
Салом, эй масдари покизаи гавҳар,
Ба ҳар базре, ки дар қалби ту назри сарфарозиҳост,
Ба ҳар барге ки дар домони ту сар монда аз поиз,
Ба зери малҳами ҷон парварад навбовагонатро,
Ба ҳар ҷӯе, ки дар рухсори ту аз ашк саршор аст,
Ба ҳар роҳе, ки рӯи қалби захмини ту ҳамвор аст,

[1] Овешан – гиёҳи хушбӯи кӯҳӣ.

Ба ҳар кӯҳе, ки даври домани сабзи ту девор аст,
Ба ҳар чашме,
ба ҳар қалбе,
ки бо ёди ту бедор аст.
Чунин то ҷовидон бедор бодо ҷони ғамхорон,
Чунин то ҷовидон саршор бодо ҷоми ҳушёрон!
Салом, эй пок марзи ранҷбар,
Эй Меҳани Наврӯз,
Ки хоки пои ту бар фарқи навмедӣ,
Чу он хоке, ки кӯҳистониён бар санг мерезанд,
Ҳазорон хӯшаи шодобро бар санг рӯёнад,
Зи санг Аржанг рӯёнад.

Туро кай метавон дар зулмати шабҳо фурӯ печид,
Туро кай метавон дар пои деви ноумедӣ сар фуруд овард?
Дарахти бовари ту сар ба арши ростон дорад,
Ҷаҳон аз Ҳафтхони[1] ту ҳазорон достон дорад.

Зи пушти Ҳафтхонат Ҳафтсин овардаӣ имрӯз,
Нахустин син саломи мо ба ёрон бод,
Саломи мо ба хоку офтобу боду борон бод,
Саломи мо ба булбулҳои ёсинхони ту бодо,
Ки бо оёти ёсин яъсро аз дил ҳамеронанд,
Ки бо оёти ёсин ёсҳоро мешукуфонанд.

Ало Наврӯзи ҷонафрӯз,
Ало рӯҳи ҷаҳонафрӯз,
Даме бо корвони гул навардӣ кӯҳсоронро,
Даме бо ашки найсон барфурӯзӣ лолазоронро,
Бубар боре саломи интизоронро,
Диёри шаҳриёрон, гӯшабоми шӯҳра ёронро.

Бар ин хоки куҳан,
то осмон барпост,
то Хуршед метобад,

[1] Ҳафтхон – ҳафт корномаи Рустам ва Исфандиёр.

Зари ноби дарӣ ҷорист чун дарё,
Зи нури рӯйи инсон ойина саршор мегардад,
Муаззин бо садои булбулон бедор мегардад,
Ҳилоли моҳ дар ҳар чашмае чун моҳии тиллост,
Шакарнам метаровад аз насими шукр дар шабгир,
Саҳар хоби ту бо бишкуфтани гул мешавад таъбир.

Дар ин ҷо сурмаи шаб рӯшании дидаи рӯз аст,
Ба ҳар ойин, ки хоҳӣ,
Тоҷикистон,
Меҳани ҷовиди Наврӯз аст.

## БУЛБУЛ

Чи мехонӣ, ту эй булбул? Ҳама такрор мехонӣ,
Ҳамон як достонро ҳар саҳар сад бор мехонӣ.
Агар ман як сухан такрор гӯям хурда мегиранд,
Касе бо ту намегӯяд, ки аз перор мехонӣ.
Найистонро майистон мекунӣ аз мавҷи овозат,
Расули «Мантиқуттайрӣ»-ву аз Аттор мехонӣ.
Навои Борбадро ҳеч кас чун ту намедонад,
Ҳазорон сол танҳо ту ҳамон адвор мехонӣ.
Ҳама дору дарахт аз нашъаи ту ранг мебандад,
Ту чун Мансур ҳар гаҳ бар фарози дор[1] мехонӣ.
Паре аз каҷкулаҳ ҷаста, сафи мижгон ба ҳам баста,
Саре бар осмон боло, қаландарвор мехонӣ.
Кӣ медонад, ки оёти Сулаймон аст, ё Довуд?
Ки мегӯяд, ки Ясно, ё ки Гоҳанбор мехонӣ?
Ту як мушти парӣ охир, наметарсӣ, ки дар гирӣ?
Забони шӯъла дар минқори оташбор мехонӣ.
Ҳамон донад, ки мушти хоки ту бо хуни ишқ омехт,
Кадомин роз мегӯӣ, кадом асрор мехонӣ.

[1] Як маънои «дор» дарахт аст.

## МАВЛОИ РӮЗГОР

Эй дафзани хумор, Наврӯз мерасад,
Даф зан, ки дар диёр Наврӯз мерасад,
Шодон зи роҳи дур, бо нағмаву сурур
Чун тифли найсавор Наврӯз мерасад!

Домони шаб дарад, хоби замин парад,
Ғам аз дили ҷаҳон овози най барад.
Хуршеди бахтро бар тахт оварад,
Ба даҳри беканор Наврӯз мерасад.

Озодаву кибор гулҳо паяш қатор,
Ид омадаст, ид, рав, армуғон биёр.
Дар ҷилва шохсор, дар рақс обу нор,
Мавлои рӯзгор Наврӯз мерасад!

Маъшуқавор об лаб бар лабони ҷӯй,
Дасто ба дасти ёр хубони лоларӯй,
Ҳар кӯча бингарӣ, сур асту базму тӯй,
Бо савти ёр-ёр Наврӯз мерасад!

Ай шомхӯрдаҳо, боре саҳар шавед,
Борони раҳмат аст, чун гул бадар шавед.
Бо мо чу лолаҳо ҳамзебу фар шавед,
Бе мо ҳазор бор Наврӯз мерасад!

Эй ошиқи баҳор, Наврӯз мерасад,
Даф зан, ки дар диёр Наврӯз мерасад.
Овози даф хуш аст, аз ҳар тараф хуш аст,
Каф зан, шикан хумор, Наврӯз мерсад!

## НАВРӮЗ

Дар чойлобаш ангур
Мастона ғарқи хоб аст,
Ошуфтасар сафедор
Дарё пуризтироб аст.

Дар нӯги шохи боло
Гулғунча меравад ҳой,
Зери дарахти пургул
Ҷӯбор мекашад ной.

Дар саҳни боғу гулшан
Гулҳо чӣ беқароранд.
Гулдухтарони «Зебо»[1]
Гӯй ки рақс доранд.

Гоҳе насими ошиқ
Бар қорч мезанад даф,
Бодоми пуршукуфа
Бо шавқ мезанад каф.

Танбӯр менавозад
Дар шохи беди тар бод,
Аз ишқи навҷавонӣ
Кампир мекунад ёд.

Пайроҳаи гузашта
Рах монда дар ҷабинаш,
Ёдаш ҳамедиҳад бод
Бо рақси остинаш.

Дар фитааш бунафша
Савти ҳазор гирад,
Арғушти мурғаконро
Дарё навор гирад.

Ин духтари чаканпӯш
Наврӯзи навбаҳор аст.
Ҷашни арӯсии ӯ
Ҳангомаи диёр аст.

---

[1] Ансамбли рақсии «Зебо» дар назар аст.

## ТАРОНА

Эй ғунча зи хоби ноз бархезу нигар,
Дар боғи дилам шукуфтани сунбули тар.
Дорам зи сари субҳ мурод аз Наврӯз
Бахти ману дӯст хандад имсол дигар.

Гул аз лаби гул мебӯсад зор,
Дар навдаи тар, дар сараки хор.
Деҳқонбачае аз бахшаки ёр,
Бархезу бирав наврӯзӣ барор.

Хоҳам, ки ба даҳр ишқ пирӯз шавад,
Сангиндили ман дубора дилсӯз шавад.
Аз хори ғамам ба боғ гулдаста кунад,
Ҳар рӯзи ҳаёти мо чу Наврӯз шавад.

Гул аз лаби гул мебӯсад зор,
Дар навдаи тар, дар сараки хор.
Деҳқонбачае аз бахшаки ёр,
Бархезу бирав наврӯзӣ барор.

Чашмам, ки ба роҳи омадат менигарад,
Қалбам, ки шаби тори ғамат месипарад.
Эй кош, чу Наврӯз зи сар боз ояд
Умрам, ки дар интизориат мегузарад.

Гул аз лаби гул мебӯсад зор,
Дар навдаи тар, дар сараки хор.
Деҳқонбачае аз бахшаки ёр,
Бархезу бирав наврӯзӣ барор.

## БАЗМИ НАВРӮЗӢ МУБОРАК

Осмон ахтар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!
Абри дил гавҳар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Обшори синаиспед аз хурӯши муждаи ид
Сангро оҳар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Офтоб аз тахти шоҳӣ бар замину мурғу моҳӣ
Лаълии пурзар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Дашти обистан зи борон, з-оташи шармаш ба ёрон
Лолаи аҳмар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Боғ аз барфи шукуфа бӯи мушку бӯи нофа,
Селаи кафтар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Дидаи шабнам зи мастӣ, лаззати соғарпарастӣ,
Ашки чун мармар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Нози маҷнунбедро бин, ҳамчу духтарҳои шармин
Кокули анбар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Бод оҳи ғусса бурда аз лабони бӯсахӯрда,
Ғунчаи шаккар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Боз симурғи муҳаббат з-олами афсона ояд,
Ошиқона пар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

Нест, Сабрин, айб охир, ошиқи ранҷидахотир
Пеши поят сар фишонад, базми Наврӯзӣ муборак!

* * *

Чун арӯси навбаҳорон муждавар
Бар азони гул сабо омад саҳар.

Сабза чун саҷҷодаи сабзи замин,
Дар намозаш лолаи кӯҳу камар.

Ғунча дар нози шукуфтан инчунон
Аз ҳиҷоби шарм хандон шуд бадар.

Рехт шабнам дона-дона ҳарфи ишқ –
Ашки истиқболи хуршед аз сафар.

Пеши пои обшори нағмагар
Сангҳои ташна чун лӯълӯи тар.

Аз ҳаё маҷнунбедам дар раҳат,
Рози дил пӯшида аз аҳли назар.

Ай Худо, наврӯзии Сабрин – дуо:
То расем аз нав ба Наврӯзи дигар!

## ЭЙ ФАСЛИ САХО

Эй фасли баҳор, мавсими шӯру шарор,
Эй фасли баҳор, хилвати ёру нигор.
Эй фасли баҳор, даври гулгардонӣ,
Эй фасли баҳор, фасли рангини диёр.

Наврӯзу ман ихтирои домони туем,
Мо ҳарду зи кишвари кӯҳистони туем.
Мо ҳарду нишонае зи таърихи кӯҳан,
Исботи саховати фаровони туем.

Ҳурмуздтабори душмани Аҳриманем,
Зардуштнафас мусоҳиби анҷуманем.
Дар қаъри қурун чи решаҳое дорем,
Ҳамрешаву ҳамсаодату ҳамчаманем.

Хуршеддилу баҳормазҳаб моем,
Ҳамвора паёми пок бар лаб моем.
Пирӯзии рӯшанӣ ба ҳар зулмотем,
Ҳар рӯзи наве муқобили шаб моем.

Эй фасли наво, кароматат афзун бод,
Дороиву лутфу ҳимматат афзун бод.
Ҳар зодаи ту бидод наврӯзоин,
Эй фасло сахо, саховатат афзун бод!

## ЁРУ БАҲОР

Хуршед чароғон аст, зарбед хиромон аст,
Зебо гули торон аст, эй ёр, баҳорон аст.
Олам чаманистон шуд, одам пури паймон шуд,
Найсон чу намоён шуд, Наврӯз дуохон шуд.
Шогуни баҳор ин ҷост, ёреву хумор ин ҷост,
Сайдеву шикор ин ҷост, хушрӯй навор ин ҷост.
Деги суманак дар ҷӯш, бо сӣ малаки гулпӯш,
Хотуни қиёмат ку, то гӯш диҳад хомӯш.
Ёраш зи ғазо ояд, он шери Худо ояд,
Бо Дулдули худ Ҳазрат чун боди сабо ояд.
Ҳар сӯ сухани Наврӯз, ҳар сӯ ҳамагон дилсӯз,
Ҳар сӯ ҳамагон хушрӯз, ҳар сӯ табу созу сӯз.
Бархез ту ҳам, эй ёр, бархез, бишав бедор,
Бар ман гули баҳман ор, эй ёри пури озор.
Эй ёри зимистонӣ, бар ёраки найсонӣ
Меор дилу ҷонат бо расми кӯҳистонӣ.
Хуршед чароғон бод, зарбед хиромон бод,
Ҷамшед санохон бод, Наврӯзу баҳорон бод!

## БОЗГАШТ

Бо кӯҳ бигӯ, насими саҳро омад,
Бо рӯҳ бигӯ, ки шоири мо омад.
Бо ёр бигӯ, ҳанӯз онам, ки будам,
Бо пор бигӯ, аниси фардо омад.
Бо пушта бигӯ, ки ҳафт пуштам дар ӯст,
Бо кушта бигӯ, ки рӯҳи Исо омад.
Бо дард бигӯ, дигар суроғам накунад,
Бо сард бигӯ, баро, ки гармо омад.
Бо ашк бигӯ, равад, равад, бо раҳи худ,
Бо рашк бигӯ, ки хуби шайдо омад.

Бо санг бигӯ, дигар ба поям нарасад,
Бо нанг бигӯ, навои кӯҳҳо омад.
Бо ҳузн бигӯ, Худо аз ӯ дилгир аст,
Бо ҳусн бигӯ, яке дилоро омад!
Бо ганҷ бигӯ, ҳамеша ганҷурам ман,
Бо ранҷ бигӯ, ки боз Раъно омад.
Бо дард бигӯ, дигар суроғам накунад,
Бо сард бигӯ, баро, ки гармо омад!

## ЗИ НАВ БАҲОР МЕРАСАД

Баҳор боз бо ҳамон раҳи баҳор мерасад,
Ба гӯши ман таронаи баҳори пор мерасад.
Зи нав мадор мерасад, зи нав хумор мерасад,
Зи нав умеди рафтани шабони тор мерасад.
Зи нав ҳамели мӯҳраро ба дасту гарданам кунам,
Ки он зи даври наврасӣ ба ёдгор мерасад.
Ба бар кунам сари саҳар қабои атласии худ,
Зи нав фурӯғи нилгун ба чашми чор мерасад.
Ба ормони хуфтаам иҷозати сафар диҳам,
Ки фарвадини нозанин ба ихтиёр мерасад.
Ба одаму гулу гиёҳ, ба обу офтобу моҳ,
Бубин, ки лутфи нури ҳақ чӣ бошарор мерасад.
Нуфуси улвӣ аз само, нуфуси сифлӣ аз саро,
Ба шодбоди якдигар чӣ меҳрбор мерасад.
Баҳорзодаам ману биё ба зодрӯзи ман,
Биё, ки солам ин сафар ба як виқор мерасад!

## НАВРӮЗӢ

Бӯи наврӯзи пор меояд,
Бо насими баҳор меояд.
Ҳамдами ёди ёр меояд.
Рӯи гул бо нигор меояд.
Аз чаман савти сор меояд
Бадар аз дил ғубор меояд.

Гулхани лола дар даман сӯзад,
Шӯълаи ранг дар чаман сӯзад.
Оташи ишқ ҷону тан сӯзад,
Сабз дар сабз пираҳан сӯзад.
Соғари дасти настаран сӯзад
Сӯзиши гул ба хор меояд.

Сабза тоб аз ҷамоли тар дорад,
Ҷоми гул бода дар шакар дорад.
Булбул аз нолаи ҷигар дорад
Ғунча ворастан аз шаҷар дорад.
Шабнам ангезаи саҳар дорад
Гулрухи гулъузор меояд.

Моҳ аз авҷ дар ниҳон омад.
Зӯҳра дар чанги осмон омад.
Офтоби шарарфишон омад.
Фараҳи рӯҳу қалбу ҷон омад,
Хабар аз сӯи бӯстон омад,
Ҳала! Он шаҳсавор меояд.

## НА БОРОН АСТ…

Боз ой, эй баҳори гулафшонам,
Боз о, ки аҳди абру баҳорон аст.
Дар синаҳо шугуфтани армон аст,
Дар кӯчаҳо чакочаки борон аст.

Боз ой, бар аёдати дидорам,
Парвонаи сафеди ҳавасҳоям.
Шамъам, ки сӯзи меҳри туро дорам,
Дар вопасин умеди нафасҳоям.

Боз о, ки аз чакочаки боронҳо,
Ҷони маро дубора хумор омад.
Боз о, ки дар нигоҳи пурармонам,
Бодоми интизор ба бор омад.

Эй нам-нами чакидани боронҳо,
Эй нозиши назокати афсона,
Эй шабнами сапедадами рӯъё,
Эй тозатар зи хандаи тифлона.

Боз о, ки ин чакочаки боронҳо,
Оҳи дили ман аст, ки нолон аст.
Боз о, ки бе таронаи чашмонат,
Чашми тари ман аст, на борон аст.

## ЗИ БАҲОРЕ…

Ай, зи кӯи баҳор меоӣ,
Дар пайат нози ишқ мехезад.
Хандаат пур зи файзи боронҳо,
Аз нигоҳат шукӯфа мерезад.

Зи баҳоре, ки сози боронаш,
Бӯи насрину настаран медод.
Нози як пора барги бодомаш,
Розҳои маро кафан медод.

Зи баҳоре, ки аз дами бодаш
Нафаси гарми ёд меомад.
Эй хуш он як нафас, ки бар ёдам
Аз дами сабзи бод меомад.

Зи баҳоре, ки барги лабҳоят
Ғунчае буд сабзу нашкуфта.
Аввалин бӯсаҳои нармамро.
Ғунчаи сабри он ду лаб суфта.

Зи баҳоре, ки бо хаёлат зад
Аввалин ҷоми бодаи ишқам.
Аввалин мастиҳои нобарҷо,
Бар сари сахту содаи ишқам…

Ай зи кӯи баҳор меоӣ,
Хушгилу лоларӯи дерина…
Саракат сабз, ёри сабзина,
Дилакат беғубору бекина.

## ҒУНЧАҲОИ НАВРӮЗӢ

Ғунчаҳоро нафасе бояд,
Ба сарафрозии ворастан.
Гул шудан,
Ғолия бастан.

Сарфарозони чаман аҳди дигар доранд.
Аҳди рӯидан…
Аҳди бӯидан…

Ва дар ин фосила ҳангома гувоҳ аст:
Соҳати шаб, ба гирифтории хомӯшӣ,
Инзиво меҷӯяд,
Дар такопӯи расидан ба шафақсои уфуқ.
Медиҳад бӯи гули хуни Сиёвуш,
Офтобе, ки ҳанӯз омаданаш хоби гарон аст,
ба ақсои уфуқ.

Осмон обии сабз.
Обҳо сабз.
Хобҳо сабз.
Чу сабзидани армони сафедор.
Шаҳр меболад,
Балки болидатар аз нағмаи сор...

Аз шафақсои уфуқ,
Бомдод омаданист,
Дар насимаш нафаси боди баҳор.

## НАВРӮЗ БИЁ
*(Суруд)*

Наврӯз биё, Наврӯз,
Эй ҳусни ҷаҳонафрӯз.
Бо риштаи боронат
Чоки дили моро дӯз!

Наврӯз, туй хушрӯ,
Наврӯз, туй хушбӯ.
Бо пироҳани сабзат
Наврӯз, туй дилҷӯ.

Наврӯз биё, Наврӯз,
Эй ҳусни ҷаҳонафрӯз.
Бо риштаи боронат
Чоки дили моро дӯз!

Дил шод шавад аз ту,
 Obод шавад аз ту.
Аз дарду ғами дерин
Озод шавад аз ту.

Наврӯз биё, Наврӯз,
Эй ҳусни ҷаҳонафрӯз.
Бо риштаи боронат
Чоки дили моро дӯз!

## БАҲОРИ НАВ

Эй баҳор, имсол ту бо ранги дигар омадӣ,
Тоҷи нусрат, тоҷи ору нанг бар сар омадӣ.

Аз ҷамолат нур мерезад ба ҳар кунҷи Ватан,
Нурполо ҳамчу шеду моҳу ахтар омадӣ.

Мақдаматро солҳо мо интизорӣ доштем,
Шерсурат менамоӣ, дертар гар омадӣ.

Ҳадяе овардаӣ имсол нури фазлу ақл,
Нур дар сар, нур дар дил, нур дар бар омадӣ.

Ин сафар бо лашкари зӯру талошу корҳо
Бар алайҳи нотавонбинон чу сафдор омадӣ.

Гум намегардад дигар номат зи ёди асрҳо,
Баски бо Роғуни худ болои дафтар омадӣ!

## НАВРӮЗУ БАҲОРИ МАН

*(Суруд)*

Наврӯзу баҳори ман,
Сабзинанигори ман.
Бархезу биё, бе ту
Сард аст канори ман.

Боз о, ба барам биншин,
Нам аз нигаҳам барчин.
Аз лутфи ту мегардад
Дунёи дилам рангин.

Наврӯзу баҳори ман,
Сабзинанигори ман.
Бархезу биё, бе ту
Сард аст канори ман.

То ишқи ту мепӯям,
Аз ишқи ту мегӯям.
Чун сабза ба роҳи ту
Аз ишқи ту мерӯям.

Наврӯзу баҳори ман,
Сабзинанигори ман.
Бархезу биё, бе ту
Сард аст канори ман.

Бо нағмаи чангу соз
Оҳанги вафо бинвоз.
То пардаи ҷон созам
Дар пеши ту пойандоз.

Наврӯзу баҳори ман,
Сабзинанигори ман.
Бархезу биё, бе ту
Сард аст канори ман.

* * *

Ханда дар лабҳои ёрам гул кунад,
Ҳарфҳои гул ба корам гул кунад.

Ончунон дастам диҳад авҷу барор,
К-обрӯву эътиборам гул кунад.

Чун бирезад шаҳду шаккар аз лабаш,
Хорҳои рӯзгорам гул кунад.

Ҳар гаҳе бинам рухи хандони ӯ,
Дидаи уммедворам гул кунад.

Чун бигирам танг ӯро дар канор,
Сад чаман андар канорам гул кунад.

Боди ғам аз чеҳраи гул дур бод,
То саропои баҳорам гул кунад.

## РУБОИҲО

Эй ёр, бувад бӯи баҳорон дар ту,
Ҳам нуру сафои рӯзгорон дар ту.
Ҷонбахш бувад ҳар нафасат баҳри дилам,
Покиза ҳавои баъди борон дар ту.

Аз омади Наврӯз маро мефорад,
Наврӯз фақат тухми муҳаббат корад.
Бархезу биё ба хонаи мо, додар,
Наврӯз зи сина кина берун орад.

Наврӯз шуду туро ҷавон мехоҳам,
Монандаи боғ гулфишон мехоҳам.
Абрӯт каме ту, ёр, бикшода бигир,
Зебо дамаке зи бас ҷаҳон мехоҳам.

Наврӯз, ба шоми тор нурам ту бидеҳ,
Афсурдааму тавону зӯрам ту бидеҳ.
Аз дӯстӣ зиндагӣ биёбад зиннат,
Одинаву Қутбию Ашӯрам ту бидеҳ.

Наврӯз, зи ту насиб мехоҳам ман,
Дурафтода қариб мехоҳам ман.
Сарсабзии мардум аз адаб ҳаст, яқин,
Сарсабзии ҳар адиб мехоҳам ман.

Ман ёди туро зи рӯзгорон ҷӯям,
Бӯи хуши ту зи барги торон ҷӯям.
Мавзунии шеъри ба алам гуфтаи худ
Аз шим-шими борони баҳорон ҷӯям.

* * *

Баҳор омад, гул омад, сабза омад, лолазор омад,
Гулистон омад атрафшону гулбонги ҳазор омад.

Гуворо чаҳ-чаҳи мурғон, дарахтон чатригулбарсар,
Муҷалло нуқраобаш гулбадомон ҷӯйбор омад.

Ҳаво форам, замин гулхезу гулрез, осмон гулбез,
Гулобод аст ин гардун, чӣ фасли хушгувор омад.

Бигӯед интизоронро биомӯзанд бедорӣ,
Сияҳгӯшу гули бодому наргис чашми чор омад.

Ба кӯҳу дашту саҳро барраву бузғола дар бозӣ,
Навои нои чӯпонӣ зи тарфи ҷӯйбор омад.

Сафедабру сияҳабр осмонҳоро фарогир аст,
Хушо, аз неъмати борон барори кишту кор омад.

Баҳорӣ табъи Хайрандеш гашту турнаи мисраъ
Қатор андар қатор андар қатор андар қатор омад.

* * *

Муборак сабзаву борон, муборак бод Наврӯзӣ!
Муборак шодии ёрон, муборак бод Наврӯзӣ!

Замин гулрезу хандон шуд, ҳаво бас накҳатафшон шуд,
Зиҳӣ, тифлони гулгардон, муборак бод Наврӯзӣ!

Ҳама дар лаб шакар дорад, ғазал кайфи дигар дорад,
Сухансанҷу сухандонон, муборак бод Наврӯзӣ!

Бишуд равшан чароғи гул, бизан чаҳ-чаҳ ба боғи гул,
Саро, эй булбули хушхон, муборак бод Наврӯзӣ!

Диҳад ҳар донаи гандум хабар аз серии мардум,
Барори кор, эй деҳқон, муборак бод Наврӯзӣ!

Бигӯ бар шоҳу бар дарвеш, бигӯ бар шайхи Хайрандеш,
Бигӯ, эй ҷон, ба ҳар инсон: Муборак бод Наврӯзӣ!

* * *

*(Дар ҳавои таронаҳои халқӣ)*

Мон, ки хуб сабза дамонад суманак,
Мон, ки хуб шира давонад суманак.

Мон, ки дар рӯи тафи лахчаалов
Сӯхтан чист? Бидонад суманак.

Сурх гардида чу рухсори арӯс,
Аз даҳан об равонад суманак.

Ҳар касе коса надорад, биравад
Дар табақ зуд бимонад суманак.

Маззаи кишти баҳорӣ ҳар сол
Пеш аз вақт чашонад суманак.

Ҳосил имсол шавад бобаракат,
Ба ҳама мужда расонад суманак.

Мешавад садқаҳакаш Хайрандеш,
Ҳар касе пухта тавонад суманак.

## ПАЙКИ НАВРӮЗӢ

Боз пайки нав расид аз барори мо,
Шӯҳраи ҷаҳон бишуд навбаҳори мо.
Равшанӣ ҳамекунад баъд аз ин ба даҳр
Офтоби бахти мо, эътибори мо.
Нав ба нав ҳамерасад муждаи зафар
Бар ҷаҳон зи нусрату иқтидори мо.

*Нақарот:*
Ифтихори мо,
Шаъни мо – Ватан,
Зодгоҳи нур,
Босафо – Ватан!

Баъди ин Наврӯзи мо гардад ҷаҳонӣ,
Бахти мо, толеи мо ёбад ҷавонӣ.
Муждаи армони ҷони мо шавад сабз,
Орзу сабзад ба ҷони зиндагонӣ.
Бар ҳама олам аз ин пас Тоҷикистон
Медиҳад з-омоли сабзаш муждагонӣ.

*Нақарот.*

Ҳамватан, Наврӯзи нав бодо муборак,
Муждаи фирӯзи нав бодо муборак!
Нанги мо нанги Ватандорист акнун,
Нанги пандомӯзи нав бодо муборак!
Шукри истиқлоли тоҷик, шукри иқбол,
Бахти ҷонафрӯзи нав бодо муборак!

*Нақарот.*

## МУЖДАИ НАВРӮЗӢ

Маҳ гуфт ба маҳвора:
«Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!»
Эй мардуми сайёра,
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Эй халқи аҷам, дигар,
Растӣ зи алам дигар,
Бигрез зи ғам дигар,
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Сабзид ҷаҳони дил,
Гул кард хазони дил.
Эй ёри ҷавони дил,
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Эй қудсии рӯҳонӣ,
Бар мужда ба Сомонӣ
Аз дудаи Раҳмонӣ –
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Эй машъали зардуштӣ,
Бо оташи арғуштӣ
Бадхоҳи маро куштӣ,
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

Чун шамсу маҳи гардун
Равшан бишавад Роғун,
Дилшод шавад Маҳзун,
Наврӯз ҷаҳонӣ шуд!

## ҒАЗАЛИ НАВРӮЗ

Хуш мужда медиҳад бод: Наврӯз мерасад боз!
Мурғон кунанд фарёд: Наврӯз мерасад боз!

Чун ёраки гуландом хандид шохи бодом,
Бар даҳр чашм бикшод, Наврӯз мерасад боз!

Аз даҳшати зимистон будем чун ба зиндон,
Гаштем шоду озод, Наврӯз мерасад боз!

Гарчи чароғ куштанд, моро фароғ куштанд,
Бигзашт доду бедод, Наврӯз мерасад боз!

Қалби зи ҷонгузашта, ҷони харобгашта,
Обод гашт, обод, Наврӯз мерасад боз!

Аз нав фароғ омад, ишқе суроғ омад,
Эй дил, муборакат бод, Наврӯз мерасад боз!

Сардӣ гузашт, ҷонам, танҳо дигар намонам,
Эй қисмати худодод, Наврӯз мерасад боз!

Хонад тарона Маҳзун, бо шавқу шӯри афзун,
Рақсед, аҳли эҷод, Наврӯз мерасад боз!

## РУБОИЁТИ НАВРӮЗӢ

Наврӯз ҳавои рӯҳпарвар дорад,
Дар сина дилам чу мурғ пар-пар дорад.
Хавф аз ғами ишқи ту чунон аст маро –
Шаҳбоз шикори ҷони кафтар дорад.

Наврӯз шуду бигашт нав рӯзи дилам,
Ишқ омаду шуд фузун ғаму сӯзи дилам.
Маҳбуби дилам, ғамат аҷаб ширин аст,
Ин ғам талабам, бишав ғамомӯзи дилам.

Наврӯз шуду бӯи муҳаббат омад,
Як хушхабар аз кӯи муҳаббат омад.
Ёре, ки зи мо фасли зимистон бигурехт,
Шайдо шуда бар сӯи муҳаббат омад.

Наврӯз шудасту беқарор аст дилам,
Андар раҳи ёр интизор аст дилам.
Гаҳ ханда кунад чу шеду гаҳ гиря чу абр,
Монандаи фасли навбаҳор аст дилам.

Наврӯз шуду лола табассум дорад,
Шайдо дилам аз ишқ тараннум дорад.
Қумрӣ зи сари пориса қум-қум дорад,
Хун дар бадан аз шавқ талотум дорад.

Наврӯз ба мазраи Ватан меояд,
Ҷон дар бадани боғу чаман меояд.
Наврӯзи сари сол муборак бошад,
Ин муждаи иқбол муборак бошад.

Наврӯз шуду ҷаҳон ҷавонӣ дорад,
Ҳар сабза ҷилои зиндагонӣ дорад.
Ёрони азиз, коми дил бистонед,
К-ин тозабаҳор умри фонӣ дорад.

## ҲАМРОҲИ НАВБАҲОР БИЁ …

Омад баҳору тантанаи нур муттакост,
Дунёи пир боз ҷавон асту пурсахост.

Ин лаҳза базми рӯзи нав андар ҳама канор
Дар гардиш асту он ҳама таърихи ориёст.

Аз ҷомадони синаи худ кӯҳнакола зан,
Аз накҳати баҳор ҳаловат бубар, давост.

Бо нағмаҳои бод ба рақс ою шод бош,
З-он ки баҳор даргузару умр бебақост.

Хоҳам, ки абри отифа борад ба рӯи даҳр,
З-ин рӯ дуои мӯъҷиза хонам чи солҳост.

Бе ту баҳори ман нашукуфад, азизи дил,
Ҳамроҳи навбаҳор биё, айни муддаост!

## ТАРОНАИ НАВРӮЗӢ

Наврӯз омаду шуд сармои моҳи дай ҳам,
Гӯё дирафши Кова бардошта диёрам.

Ҷӯшид чашмаи нав берундав аз дили санг,
Биштофт сӯи дарё ҳар қатрааш чу Замзам.

Чун ғунчаҳо шукуфта шавқу сурури дилҳо,
Ҳарчанд шодию ғам раҳрав будаст бо ҳам.

Хуршед сар кашида аз зери абри гирён,
Тавлиди ҳарду гашта рангинкамони Рустам.

Пири ҷаҳон ҷавон шуд, ҳар фард сабзҷон шуд,
Зеро паёми тоза овард аз дили нам.

Дар боғ бас шукуфта бо нозу ишваву бӯ,
Монанди наварӯсон пудинаву сипарғам.

Ин лаҳза нарм-нармак сӯи машом орад,
Бӯи бунафшаҳоро боди сабо дамодам.

Баъди ҳазору сад сол Сомон ёфт тоҷик,
Сомонии сапеда бодо чи дури адҳам.

Наврӯз омаду хез, бо меҳри пок овез,
Табли шукуфтани зан, Хосияти Мукаррам.

## БАҲОР ОМАД

Паёми шодӣ дар лабҳои гулҳо,
Ва лаҳни булбулони хубу шево,
Нигоҳи ошиқон пур аз таманно,
Баҳор омад!

Чакан пушида, гӯё ки табиат,
Ҳавои тоза дорад ваҳ, чи накҳат,
Биё, бар гулшани пур аз назокат,
Баҳор омад!

Тавофи хонаи дил кун ба имрӯз,
Зи хуршед тоза буданро биомӯз.
Бишав хушрӯву зебову дилафрӯз,
Баҳор омад!

Ба шаҳри рӯз рафтӣ бар ба савғо,
Муҳаббатро, садоқатро, вафоро,
Ба гӯши дӯст гӯ пайғоми маро,
Баҳор омад!

## НАВРӮЗӢ

Нигаҳҳо офтобӣ шуд,
Таманно ҳам гулобӣ шуд,
Умеди ташна обӣ шуд,
Ба наврӯзӣ.

Заминро сабза мепӯшад,
Миёни сина дил ҷӯшад,
Бигир парҳез аз дӯшат,
Ба наврӯзӣ.

Дарахтон гулбасар гашта,
Лабони ғунча тар гашта,
Сабоҳ низ тозатар гашта,
Ба наврӯзӣ.

Каноратро калон бикшо,
Каломатро бикун шево,
Бишав озодаву зебо,
Ба наврӯзӣ.

Дигар отифаҳо маслуб,
Наянд, бингар ҳама ҷо хуб,
Биё маҳбуб, эй маҳбуб,
Ба наврӯзӣ.

* * *

Ҳар гаҳ, ки барорад ба алам най нола,
Бар ёд ҳамерасад ғами садсола.
Ҳар сол ба анҷом баҳорон гӯё
Оҳи ҷигари замин бирӯяд лола.

Гӯянд, ки кори нек умри абад аст,
Ҳар кас, ки агар бад аст, ӯ деву дад аст.
Дар нимашабӣ боди гузар бо борон,
Аз пушти арӯси сол дар қад ба қад аст.

Аз кӯча насими субҳ олуфта гузашт,
Нашкаст хумори хеш, ошуфта гузашт.
Асрори нагуфтаи фалакро дишаб
Абри сари пушта бар замин гуфта гузашт.

Тундар заду дар дашти само зилзила шуд,
Борон ба ҳавои бод дар силсила шуд.
Аз қатраи борони баҳорӣ дишаб
Дар нӯги забони барги гул обила шуд.

Наврӯз, биё, дил ба раҳи тантана аст,
Оинаи рӯзгори мо анъана аст.
Аз ишқ бубахш нур бар ҷону танам,
Девору дари дилам ҳама равзана аст.

Дар тантанаи маъракаи саршӯён,
Дишаб ба арӯси сол ҳам гашт аён.
Аз расму русуми неки тоҷик танҳо
Афшондаи оби абр буд хотирмон.

Бишкуфтани гул ҳаловати ҷон мешуд,
Дар роҳи назора мушкил осон мешуд.
Ҳар қатраи борони баҳори дилҷӯ
Дар гардани гул мӯҳраи марҷон мешуд.

Меҳр аст агар дурри сухан суфтани мо,
Ишқ аст ба зиндагӣ Ватан гуфтани мо.
Гуфтӣ, ки зи як гул ту маҷӯ пайки баҳор,
Сад пайки баҳор аст ба бишкуфтани мо.

## ХОҲИШ

Баҳорон шуд, ало, эй кабки хушхонам,
Биё, дар пиччаҳоят хӯшагул монам.
Ба рӯи ҷонамози сабзи рӯмолат
Ғазалҳои намозимаъниро хонам.

## МАНЗАРА

Кӯҳ дар тӯйи баҳор
Қад-қади водии хушранги Ҳисор
Аз гулу себарга
Тоқии гирдаки нақшинии Кӯлобӣ
ба сар менозад.

## ҲИДОЯТ

Дарёб, эй азиз, ғанимат баҳорро,
Наврӯзро, чароғи раҳи рӯзгорро.

Аз об нур офару аз нур иқтидор,
В-аз иқтидор дар ду ҷаҳон эътиборро.

Савганди дӯстдори Ватанро ба ёд ор,
Нерӯ диҳем ҳар сухани дӯстдорро.

Бар рӯи даҳр бо назари тоза бингарем,
Ҷавлон диҳем то хиради тозакорро.

Бо азми нав, талоши наву қудрати ҷадид
Зӯр оварем дар ҳама эъҷоз корро.

Анвори меҳру ишқ ба ҳам ҳадя оварем,
Беҳтар кунем мамлакати нурборро.

## ҚАТРАҲО

Қатра-қатра об гардад
Барфҳои қуллаҳои кӯҳсор,
Қатра-қатра мечакад аз осмон
Гармборони баҳор.

Қатра-қатра мекашад сар
Чашмаҳои пок аз қалби куҳистони Ватан,
Қатра-қатра мечакад аз чашми мо
Ашки шодӣ аз вафои дӯстдорони Ватан.

Қатра-қатра метаровад
Дар раҳи заҳмат арақҳои ҷабини мо.
Чистанд ин қатраҳои ҷамъгашта?-
Хуни симобии шарёни замини мо.

## ФАРҲОДТИНАТОН

Раҳи мо аз ҷигари кӯҳ гузар пайдо кард,
Кӯҳсор аз асараш қадри дигар пайдо кард.
Дасти бунёдгараш ҳамчу давоми дили ӯ
Реша дар обилаҳо ёфта, пар пайдо кард.
Нусхаи чашми ватандор дарунаш рӯшан,
Шоми торики дили кӯҳ саҳар пайдо кард.
Аз сари роҳ биё, охири онро бинем,
Дидаи дурнигар нури назар пайдо кард.
Аз дили кӯҳ хабар ёфтан осон гардид,
Он замон, к-аз дили мо кӯҳ хабар пайдо кард.
Мо аз онему вай аз мост, далерона бигӯ,
Ҳар ки тарсид аз ин амр, хатар пайдо кард.
Солҳо буд маро аз бадии хасм сипар,
Дар мани хеш калонкарда сипар пайдо кард.
Миллати мо, ки дилафгору камарнозук буд,
Самар аз ҳавсала-нерӯи камар пайдо кард.

## ФАЛАКИ НАВРӮЗӢ

Андеша зи хомӯшӣ ғизо мегирад,
Аз гардиши чарх ибтидо мегирад.
Огоҳ зи ҳикмати ҳаёт аст касе,
Бар гӯш садои ошно мегирад.

Баҳ-баҳ, чи садо, ки беасар нест ба ҷон,
Дил дар тани одамӣ ҷавон аст аз он.
Донои фалакшинос донад, ки чаро
Мақсуд ману туем аз буди ҷаҳон.

Ҳастии ҷаҳон, агар набудем, набуд,
То гавҳари қадри худ насудем, чи суд?
Монандаи санги осиё гардонем,
Ҳар вазъ, ки оварад ба сар чархи кабуд.

Аршо, фалако, ки ҷойгоҳи малакӣ,
Бахто, малако, ки дар паноҳи фалакӣ!
Як умр шафоати шумо мехоҳам
Бар мардуми сарбаланду доною закӣ.

Ин халқ азизу меҳрубон аст, биё,
Сад доди худо дар ин макон аст, биё!
Дар рӯзи нахусти офариниш имрӯз
Гар ид талаб кунӣ, чунон аст, биё!

## ГУЛИ ЯХШИКАН

*(Силсилаи сурудҳо)*

1.

То аз дили хуршед хабар дорам ман,
Ихлос ба хоки гарму тар дорам ман.
Ҳарчанд гулам, маҳину оғуштаи ноз
Рӯидану ҳусни коргар дорам ман.

Як муждарасони фасли растанҳоям,
Сарманшаи ҷамъи меҳрбастанҳоям.
Дар ман, ки карашмаю шуҷоат ба ҳаманд,
Сад қисса шудаст яхшикастанҳоям.

2.

Гул яхшиканӣ дорад,
Нози чаманӣ дорад.
То яхшикан аст ин гул,
Ояд ба наво булбул.

Бишкуфтани ман зебост,
Оғози таҷаллоҳост.
Дар баргкушоданҳо-м
Сад ҳикмату сад маъност.

Шабнам ба рухам хандон,
Хуршеди саҳар рахшон.
Дар ман ба ҳам омезанд
Атри ману нури он.

То боди парешонхӯ
Гардида тароватҷӯ,
Эҷоди маро нӯшад,
Болида, барад ҳар сӯ.

Аз сӯй ба сӯе боз
Пайғом кунад парвоз.
Дар рӯи замин аз гул
Ҳусн аст танинандоз.

3.

Гашт имрӯз фарогири ҷаҳон ҷилваи гул,
Олами пир зи нав кард ҷавон ҷилваи гул.

Гул шукуфтаст, ки ҷону дилам осуда кунад,
Мепарастам, ба худо, аз дилу ҷон ҷилваи гул.

Дар бари кӯҳ занад мавҷ зи тақдири баланд,
Ҳаст то аз нафаси зиндадилон ҷилваи гул.

Бахти мо ҳаст, ки маҳбуби сурайёст замин,
Мекунад ҳикмати сайёра баён ҷилваи гул.

## РАНГИНКАМОН

Ин чи эъҷоз,
Ин чи пардоз?
Ин чаманҷилва кӣ бар гунбази афлок кашид?
Акси нерӯи баҳорон кӣ чунин пок кашид?

Ин чи эъҷоз,
Ин чи пардоз?
Магар ин мӯъҷизаро накҳат нест,
Ки маро қудрати мастии бузургон бахшад?
Ё надорад овоз,
Ки ба як ҳарф ғазалҳои маро ҷон бахшад?!

Ин чи эъҷоз, ки ҳамном надорад ҳаргиз,
Ин чи пардоз, ки рассом надорад ҳаргиз.

Ҳафтранг аст, ки чун ҳосили васл аст аён,
Чун ман огоҳ шав аз қадри ба ҳам омадагон!

Нуру обанд, ки ин лаҳза ба ҳам омадаанд,
Аҷаб ин аст, ду беранг чунин рангинанд.
Инчунинанд, ки умре сифати оинанд!

## БОРОН

Ҳама ҷо ҳавои борон, ҳама ҷо ҳавои борон,
Хабари баҳор дорад хати ошнои борон.

Дили ман шикаста навъе, ки намешавад баробар
Ба шумори пораҳояш ҳама қатраҳои борон.

Ҳама сел гашта, гарчи сари худ ба санг кӯбад,
Надиҳад дареғ таскин нафаре барои борон.

Ва ба кулли даҳр дорад дилам иртиботи обӣ,
Ки дили ман аст ҷорӣ ҳама ҷо ба ҷои борон.

Ба хазон баҳор додан асаре зи ҳамнишинист,
Бирасад садои Исо ба ман аз садои борон.

## БО ҲАМА ХУБӢ…

Баҳор бо ҳама хубӣ кам аст бе рӯят,
Саломи лола саломи ғам аст бе рӯят.

Бузургтар зи фазои ғазал бувад, оре,
Масоҳате, ки дар он мотам аст бе рӯят.

Канори ҷӯй, ки аз дида кардаам ҷорӣ,
Бунафшавор сари ман хам аст бе рӯят.

Дилат ба ҳоли дили шоирон насӯхт магар,
Ки дар ба рӯи ғазал муҳкам аст бе рӯят.

Биё, баҳори хиҷилгаштаро тамомӣ бахш,
Баҳор бо ҳама хубӣ кам аст бе рӯят.

**МЕШИКАНАД**

На ин кабудяхи фасли сард мешиканад,
Ки устухони зимистон зи дард мешиканад.

Баҳор гарди зимистон ба бод хоҳад дод,
Тилисм қудрати номард мард мешиканад.

Камони рангаи дасти фалак надорад зиҳ,
Чу он камон, ки ба рӯзи набард мешиканад.

Ҳазор ранг ба як ранги барф дар ҷанг аст,
Ба рағми ҷамъ чу бархост фард, мешиканад.

Аз офтоб парешид ғунчаи нозук,
Чу рӯй шиша бар оташ бикард, мешиканад.

Суроғи ман накунад кас чу аз гули қоқу,
Барои он, ки аз ранги зард мешиканад.

* * *

Аз ман, эй бод, ба Наврӯз дуруд,
Бо садои дафу доираву уд.
Навбаҳор омадаву меболад
Дили танҳои ман аз арзи вуҷуд.
Гули нашкуфта чӣ дорад ба ниҳон,
Булбулонро ҳама савтеву суруд?
Лаби ҳар ғунча ба оҳанги сабо,
Моили мужда ба паҳнои кабуд.
Ман аз ин боғ нахоҳам рафтан,
Магар ояд гули борон ба суҷуд.
Шукри борони баҳору маҳу меҳр,
Ки пас аз будани мо хоҳад буд.
Эй хуш, он анҷумани қоили ишқ,
Фасли ишқ омада бо рӯзию суд.
Кош, эй кош, бихонад розам,
Чашми гӯётар аз ин буду набуд.
Ҳолиё дар қадами сабзаву гул
Омадам, то ки бисӯзонам уд.

* * *

Боз омаду боз омад Наврӯз ба дороӣ,
Вақт аст, дило, худро бо ишқ биороӣ.
Пайғоми саҳар омад, айёми самар омад,
Паймона ба сар омад бо лолаи саҳроӣ.
Фархунда чаман пургул, хуш нағмасаро булбул,
Ҷавлони сияҳгӯшон бо чеҳраи узроӣ.
Ҳар навда тараб резад, ҳар ғунча ба сад ангез,
Шаббода фараҳ безад бо завқи дилороӣ.
Бо замзамаҳо борон ояд зи дили кайҳон,
Эй дур нигоҳи бад аз олами ҳуроӣ.

Дастам ба дуо бишкуфт, ҷонам зи сабо бишнуфт
Оҳанги авастоӣ, бо захмаи митроӣ.
Шукронаи нур омад, меҳрона зи дур омад,
Бо нағмаву сур омад Наврӯзи аҳуроӣ.
Наврӯз муборак бод, эй мардуми озода,
Хонам ғазали тоза бо сабки бухороӣ.

* * *

Бархез, ки муждаи дамидан бирасид,
Аз фасли висоли гул шамидан бирасид.
Овозаи овози духул дар дили туст,
Ҳангоми садои дил шунидан бирасид.
Дар соҳили шикваҳо туро кардам бод,
Аз сахра садои ҳеҷ будан бирасид.
Эй шоҳи вафо, қиёми ҳиҷрон бигузашт,
Армони видои орамидан бирасид.
Дар сояи мижгони ҳақиқат бинишин,
Айёми ба пои ҳақ хамидан бирасид.
Дунёталабон қотили ишқанду вафо,
Дунё маталаб, ки толиби шан бирасид.
Хомӯшии дай гузашту дар саҳни чаман
Сад шукр, далели дил супурдан бирасид.

* * *

Баҳор омад, гулистонро мақоми шавкату шоне,
Расида боғу бӯстонро таманнои гулафшонӣ.
Намедонам чӣ меорад насим аз кӯҳсор, эй дӯст,
Ки сар то по ҳавас резад зи баргу шохи ларзоне.
Бурун о аз дили тангам, ҳазори шеъру оҳангам,
Биоро маҳфили чангам ба айёми ғазалхонӣ.
Ба як арзан намеарзад ба худ печида биншастан,
Машин, эй мурғи парвозӣ, канори донаву доне.
Паёми тоза меорад Сабо аз гулситони ишқ,
Ки сар омад шабистону саҳар омад ба эҳсоне.

Таманнои вафодорон навои дигаре, бишнав,
Ба оҳанги чакиданҳои қатра-қатра бороне.
Магар Меҳринисо донад қарору қадри ҳар дамро,
Ки хуш мастона меболад ба қадру лутфи инсоне.

* * *

Навбаҳор омада, айёми дилафрӯз хуш аст,
Олам аз қаҳқаҳа лабрез, ки Наврӯз хуш аст.
Ба тани сабзаву себарга дамад шӯълаи ҷон,
Тараби лолаву паймони шабу рӯз хуш аст.
Сину шинро ҳама ҳафт аст сари хони умед,
Тобиши моҳи нави тантанаомӯз хуш аст.
Шарбату шамъу шароби куҳану шири саҳар,
Шакару шонаву ширинии ғамсӯз хуш аст.
Сабзаву сиру сипанд, соғару себаргаву себ,
Накҳати шохаи санҷид ба имрӯз хуш аст.
«Умр агар хуш гузарад зиндагии Хизр кам аст»,-
Талаби ҷоми Ҷаму базми шабафрӯз хуш аст.
Шеди фархундақадам бо нафаси субҳ биё,
Олами Меҳринисоро дами фирӯз хуш аст.

* * *

Фархунда баҳор асту дилам ҷоми таманност,
Дунё ба дилу дидаи ман саҳни тамошост.
Аз партави хуршеди саҳархез нигоҳам
Рангину сафобахшу фиребандаву зебост.
То авҷи ҷунун булбулакон нағмасароянд,
Гӯё ки ба ҳам омадани Одаму Ҳаввост.
Он қадр аз ин хушдилӣ хушбинаму хушрӯй,
Хори сари раҳ дар назарам ғунчаи раъност.
Дидори ту дар қалби баҳорам гули шодист,
Хуш омадаӣ, сози нигоҳи ту тарабзост.
Дар ҷамъияти мо алами ҳаҷр ғариб аст,
Аз ҷамъии мо ҳасрати бегонагӣ танҳост.

## МУБОРАК БОШАД

Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад,
Чеҳраи поку дилафрӯз муборак бошад.
Ҳама ҷо хуррамию тозаҷавонӣ бинам,
Ҷашни фархундаю фирӯз муборак бошад.

Куртаи сабз ба бар карда зи нав кӯҳу камар,
Чун арӯсон шуда ҳар шохаи гул тозаву тар.
Марди деҳқон ба замин донаи армон пошад,
Сар кашад донаи афтода ба умеди самар.

Дилрабоӣ зи дигар шохаи Шамшод кунад,
Ғаму андӯҳи диламро ҳама барбод кунад.
Гашта гулбоғу чаман сайргаҳи лоларухон,
Сози дилкаш ҳама ҷоро тарабобод кунад.

Боз аз хоб табиат шуда бедор имрӯз,
Соғари лолаи хандон шуда саршор имрӯз.
Дар кафи барг чу дурдона дурахшад борон,
Таҳ ба таҳ дар лаби мо мисраву ашъор имрӯз.

Дӯстон фасли дилафрӯз муборак бошад,
Ҷашни фархундаю фирӯз муборак бошад.
Ҳама ҷо хуррамию тозаҷавонӣ бинам,
Нафаси тозаи Наврӯз муборак бошад.

## НАВРӮЗ ОМАД

Гулчеҳраву гулнисор Наврӯз омад,
Чун муждаи навбаҳор Наврӯз омад.
Бо бӯи гулу шукуфаю сабзаи тар
Аз домани кӯҳсор Наврӯз омад.
Дар базми арӯси сол гул хандазанон
Гӯяд: – Бишикан хумор, Наврӯз омад.
Гулбазми чакан чӣ хушгувор аст кунун
Бо нағмаи чангу тор, Наврӯз омад.
Рангин шуда дар само камони Рустам,
Сайри чамани диёр, Наврӯз омад.
Наврӯзи Аҷам ҷаҳонӣ гардид, хушо
Эй мардуми тоҷдор, Наврӯз омад.
Наврӯзи Ватан муборак, эй ҳамватанам,
Ҷонам ба раҳат нисор, Наврӯз омад.

## БАҲОРОН ШУД

Чароғи лола дар саҳро фурӯзон шуд,
Чаман сарсабзу зебо чун арӯсон шуд.
Зи шодӣ абри сарсон дидагирён шуд,
Аё мардум баҳорон шуд, баҳорон шуд.

Фурӯғи лола, лабханди суман дилкаш,
Лаби ҷӯ базми гулҳои чаман дилкаш.
Шунав аз хандаи субҳи Ватан дилкаш,
Аё мардум баҳорон шуд, баҳорон шуд.

Зи дӯши пуштаҳо барфоб ҷорӣ бин,
Ба саҳро ҷуфти ёрони фирорӣ бин.
Нигоҳи дилбарон масту хуморӣ бин,
Аё мардум баҳорон шуд, баҳорон шуд.

Дамодам табли шодӣ мезанад тундар,
Бирақсад аз фараҳ ин боди бозингар.
Зи рӯ афканда хуршеди ҷаҳон чодар,
Аё мардум баҳорон шуд, баҳорон шуд.

Муборак навбаҳори тозарӯ, ёрон,
Муборак бахту иқболи накӯ, ёрон.
Муборак ошиқони кӯ ба кӯ, ёрон,
Аё мардум баҳорон шуд, баҳорон шуд.

## НАВРӮЗ

Зи пушти кӯҳсорон духтари наврӯз меояд,
Қабои сабз бар тан, ханда бар лаб, гул ба кокулҳо.
Замин аз ҳиммати ӯ рангу бӯи тоза мегирад,
Раҳорах аз паи ӯ мебарояд сабзаю гулҳо.

Ба оби резаборон рангу мӯи хеш мешӯяд,
Насими раҳгузар мӯи сарашро мезанад шона.
Табассум дар лабонаш ҳамраҳи мо гул бигардонад,
«Гул овардам ба меҳмонӣ», – бигӯяд ӯ ба ҳар хона.

Зи омад – омадаш мурғони ҳиҷраткарда боз оянд,
Ғазал хонанд байни пушта кабкони дарӣ аз нав.
Садои нои чӯпон паҳн гашта дар талу пушта,
Ба гӯши сабза хонад қиссаҳои дилбарӣ аз нав.

Биё, эй духтари наврӯз, ҷонам дар қадамҳоят,
Биё, то аз бари домону кокулҳот гул чинам.
Биё, то аз замини синаи гарми ту гул рӯяд,
Биё, то кишварамро боз аз нав ғарқи гул бинам.

## НАВРӮЗӢ

Сабзаҳо шодоби борон,
Лолаҳо раҳҷӯи гулдон,
Мурғакони дӯш рафта,
Базморойи гулистон:
Беқарорам, беқарорам,
Масти наврӯзу баҳорам.

Муғчаҳо дар мекушоянд,
Чашми ахтар мекушоянд,
Синаву бар мекушоянд,
Ҳусни дилбар мекушоянд:
Беқарорам, беқарорам,
Масти наврӯзу баҳорам.

Чашмаҳо мастона ҷорӣ,
Рӯдҳо девона ҷорӣ,
Бар гулӯи бодахорон
Бода аз паймона ҷорӣ:
Беқарорам, беқарорам,
Масти наврӯзу баҳорам.

Нозанинон гулнамоянд,
Ошиқон обу адоянд,
Сойирон дар базми ишрат,
Шоирон булбулнавоянд:
Беқарорам, беқарорам,
Масти наврӯзу баҳорам!

* * *

Боз баҳор омада, сабза дамон-дамон нигар,
Дилбари сабзчомаро аз сари остон нигар.

Шоха ба шоха даст-даст, шона ба шона маст-маст,
Гармдило, назора кун, хилвати ошиқон нигар.

Ҳар нафасе, ки бигзарад, беҳуда умр бигзарад,
Ҳар нафасе ба зиндагӣ пир шаву ҷавон нигар.

Аз дари ошно даро, бо дили ошно нишин,
Роз ба роздон бигӯ, чашм ба меҳрбон нигар.

Аз буни шоха баргҳо дасти дуъо кушодаанд,
Тарбияти шаҷар бубин, заҳмати боғбон нигар.

Ёла зи лола мавҷхез, сабза ба боғ атррез,
Ҷӯйи равону базми гул, нағмаи булбулон нигар.

То ба баҳори дигаре, умр агар бақо кунад,
Пас, ба баҳори омада хезу ҷаҳон-ҷаҳон нигар!

* * *

Оғӯш пур аз ёсаман, хуш омадӣ, Наврӯзӣ ман,
Ороста боғу чаман, хуш омадӣ, Наврӯзи ман.

Мӯҳри ҷавонӣ мезанӣ андар замири қалбҳо,
Бо ишваҳо, бе як сухан, хуш омадӣ, Наврӯзи ман.

Имсол аз ҳарсолаӣ зеботару ҷаззобтар,
Гулчеҳраву гулпераҳан, хуш омадӣ, Наврӯзи ман.

Нози туро бардоштан фарз асту суннат баҳри ман,
Нозукадо, нозукбадан, хуш омадӣ, Наврӯзи ман,

Аз остон то осмон гул мекунад олам ҳама,
Васфи ту дар ҳар анҷуман, хуш омадӣ, Наврӯзи ман!

* * *

Бо ҳусни хеш Наврӯз имрӯз гулфурӯш аст,
З-ӯ чашми ошиқонро бас неъмат асту нӯш аст.

Фасли гул асту лола дар кишвари дили мо,
Аз нолаҳои булбул сад нағма зери гӯш аст.

Маъшуқа ком бахшад бар ошиқи вафодор,
Соҳил чи пур аз обу дарё чи пурхурӯш аст.

Аз шаҳди резаборон, аз нӯши ҷӯйборон
Дар боғу роғу барзан овози нӯш-нӯш аст.

Ҳар чашмаро навое, ҳар сабзаро адое,
Ҳар нағма, дон, ки гӯяд, к-имрӯз беҳ зи дӯш аст.

Аз файзи навбаҳорон, аз навҷавонии он
Бо хештан бигирад, ҳар кӣ баақлу ҳуш аст.

Дур аз ҷамоли Наврӯз, дур аз суруди булбул,
Ай войи он касе, ки дар пардаву хамӯш аст!

## БАҲОРИ САБЗ

Баҳори сабзи дилам, сабзазори сабзи дилам.
Ҳанӯз ҷойи дилам дар канори сабзи ту холист.

Чи зуд мегузарӣ, ҳамчу рӯд мегузарӣ
Вуҷуди тафтаам аз мавҷи обшори сабзи ту холист.

Хумори рафта зи каф, ихтиёри рафта зи каф.
Кафи ғубори ман аз баргу бори сабзи ту холист.

Дареғи умри абас, во дареғи умри абас.
Хазони зудраси умрам аз баҳори сабзи ту холист.

## МАВЛОНОИ ГУЛ

Биё, масти шароби соғару минои гул бошем,
Гулафшону дилафшон бар сару бар пои гул бошем.

Саҳар бо гул шукуфтан ҳусни оғози назар бахшем,
Шабонгаҳ аз шамими атри гул, ҷӯёи гул бошем.

Канори ҷонфизои гул, канори офият ҷӯем,
Муриди Шамси Табрезиву Мавлонои гул бошем.

Гул аз боғи ҷинон овард шӯри ишқу шайдоӣ,
Биё, шайдои дунё, ошиқи шайдои гул бошем.

Ту рашки сунбулӣ, эй гул, фузун аз ҳар гулӣ, эй гул,
Ба ҳусни гулшанороят ҷаҳонорои гул бошем.

Дар ин гулшан, ки булбул пушт бар меҳроби гул дорад,
Гули гӯё биё, то булбули гӯёи гул бошем.

## ТАРОНАҲОИ НАВРӮЗӢ

Хушо, айёми Наврӯзи Аҷам шуд,
Табиат дилрабо сар то қадам шуд.
Само аз накҳати гул анбарафшон,
Замин аз нузҳаташ боғи Ирам шуд.

Баҳоро, дидаву дилҳо барафрӯз!
Парешонгаштамаҳфилҳо барафрӯз!
Зи нури барқи абри файзборат,
Чароғи барқи манзилҳо барафрӯз!

Биё, эй гул, ки фасли ошиқон шуд,
Ба побӯси ту олам гулфишон шуд.
Дарахти куҳнасоле ҳар куҷо буд,
Гул оварду бар оварду ҷавон шуд.

Ало, эй гул, саропои ту зебост,
Қабои мавҷи дарёи ту зебост.
Ба ин айёми Наврӯзи дилафрӯз
Таманнои таманнои ту зебост.

Гул омад, гулъузори мо наёмад,
Барори рӯзгори мо наёмад.
Дилам маҳзуни маҳзун аст, ёрон,
Баҳор омад, баҳори мо наёмад.

Баҳорат пуртароват буду бошад,
Хуморат авҷи давлат буду бошад.
Дилам дар раҳгузори орзуҳо,
Харидори муҳаббат буду бошад.

Ба нахли сабзи болоят, бимирам,
Ба чашми сабзи дарёят, бимирам.
Биё, эй навбаҳори сабз дар сабз,
Бимирам дар қадамҳоят, бимирам.

Аё, меҳрат нигаҳбони сари ман,
Аё, қаҳрат фиғони маҳшари ман.
Ба муштоқони рӯят, рӯ намояд
Гули рӯят зи рӯи дафтари ман.

Баҳор ояд, чаман шодоб гардад.
Равони ошиқон бетоб гардад.
Илоҳо, ҳамчу барфи кӯҳсорон,
Ғами дил ҳар баҳорон об гардад.

Баҳор омад, азизи ҷон наёмад,
Нигори гашта аз паймон наёмад.
Зи гармо сӯхт гулҳои муҳаббат,
Валекин нам-нами борон наёмад.

Баҳор омад, садои булбулон ку?!
Насими атромези гулон ку?!
Фарангистони Ховар шуд Душанбе,
Навои обшори кокулон ку?!

Баҳори бемисолат, бехазон бод!
Вуҷудат фориғ аз макри замон бод!
Дилам хоҳад, ки ҳар рӯзи ту Наврӯз
Ва Наврӯзат саропо гулфишон бод!

## ПАЙКИ НАВРӮЗ

Ман омадам зи дур,
Аз дуриҳои дур –
Аз кишвари Шафақ,
Аз водии Булӯр;
Аз шохи абрҳо,
Аз мулки Офтоб,
Аз чашмасори Нур
Бар ин диёри пир
Бо фитрати ҷавон;
Бо як ҷаҳон салом,
Бо як бағал паём.

Ман омадам, ки ин билод аз нав шавад ҷавон,
Гулро ба ханда оварад овози мурғакон.
Дарё қасидахон шавад, борон таронахон,
Ҳамроҳи ошиқон.

Ман омадам, ки кишвари тоҷик гул кунад,
Аз нури меҳр хонаи торик гул кунад.
Ман омадам, ки ваҳдати тоҷик чун дарахт
Дар боғу роғу ҳар дари тоҷик гул кунад.

Бар ин билод бо ҳазор уммед омадам,
Наврӯзаму зи кишвари Хуршед омадам.
Мисли фаришта дар либоси ид омадам,
Ҳуре шуда зи маснади Ҷамшед омадам.

* * *

Наврӯз шуду ба деҳ сафар хоҳам кард,
Ғамро зи дили танг бадар хоҳам кард.
Бодоми шукуфтаро ба бар хоҳам кард,
Шеъри тари рӯдро зи бар хоҳам кард.

Дай рафту баҳори хаткашонаш омад,
Ишқи дили мурғ бар забонаш омад.
Зангӯла заду зибаски гӯше нашунид,
Хуни дили лола бар даҳонаш омад.

Сад шукр Худоро, ки ба Наврӯз расидем,
Мехост дилу шукр, ба ин рӯз расидем.
Кардем раҳо хилъати испеди зимистон,
Бар чевари гулпӯшу чакандӯз расидем.

Наврӯз шуду рӯзи нав оғоз кунам,
Гумкардаи дил куҷост? Овоз кунам.
Хоҳам, ки дилам чу барги гул боз кунам,
Бо болу пари фаришта парвоз кунам.

Қурбони ту, эй фариштаи Наврӯзӣ,
Бо миҷҷаи худ чоки дилам медӯзӣ.
Аз оташи гул бишуд ҳама ҷо рӯшан,
Дар оташи чашми худ маро месӯзӣ.

Наврӯз ҷаҳонӣ шуд, муборак бодо!
Иди ҳамагонӣ шуд, муборак бодо!
Ин олами пир бо ҳама аҷзояш
Саршори ҷавонӣ шуд, муборак бодо!

* * *

Биё, то дасти гул гирему аҳволи чаман пурсем,
Қарори маҷлиси ин нозанинон аз суман пурсем.

Тариқи зинда гаштанро бипурсем аз дарахти боғ,
Тариқи нав шуданҳоро зи дунёи куҳан пурсем.

Забони барг ларзад дар баёни миллати гулҳо,
Арӯсони гули дашту даманро аз чаман пурсем.

Суроғи рафтагони хешро гирем аз сабза,
Зи сатри роҳ нақши пои он гулпираҳан пурсем.

Ба роҳи ишқ ҳамчун лолаҳо бедуд бояд сӯхт,
Биё, то аз чароғи лола тарзи сӯхтан пурсем.

Биронем аз сари худ бодҳои бемурувватро,
Зи мурғони муҳоҷиргашта аз ҷазби ватан пурсем.

Ба дарё дастхатҳои харобат сар бидеҳ, Равшан,
Ки мо аз мавҷҳои шӯхи ӯ сабки сухан пурсем.

## НАВРӮЗИ МАСТОН

Гули Наврӯзи Ватан ханда занад,
Гули Наврӯзи Ватан канда занад
Нозанин дар бари рӯш,
Нозанин ҳар бари рӯш!
Нозанин ҳар ду баре,
Нозанинтар ду баре!
Нозанин газ ду баре,
Нозанингаз ду баре!
Гули Наврӯзи чаман бин, гули ман,
Гули Наврӯзи чаман чин, гули ман!
Гули гул чин, гули ман,
Гули гулчин, гули ман!
Чамани гул, чамани гул, чамане!
Чамани гул, чамани гул ба мане!
Чамани гул, чамани гулчамане!
Чакани гул,чакани гулча кане!
Кулчаи рӯш газе,
Гулчаи рӯш газе!
Кулчаи рӯш кане,
Гулчаи рӯш кане!
Нозанин гулчамане,
Нозанингул чамане!
Нозанин ҳай чамане,
Нозанин тай чамане!
Ҳай чаман дил бараде,
Тай чаман дил бараде!
Дил парад бар чамане,
Дил парад ҳар чамане!

Нозанин гулчакане,
Нозанингул чакане,
Нозанин гулча кане,
Нозанин кулча кане!

Нозанин ҳай чакане,
Нозанин тай чакане!
Ҳай чакан дил бараде,
Тай чакан дил параде!

Дар чаман дил параде,
Дар чакан дил параде!
Дар чаман пар-пари дил,
Дар чакан пар-пари дил!

Нозанин рустани гул дар чамане,
Нозанин шустани гул дар чамане!

Гули борон, гули борон, гули тар!
Гули ёрон, гули ёрон, гули тар!

Нозанин ҳай гули борони баҳор,
Нозанин майгули борони баҳор!
Нозанин тай гули борони баҳор!

Гули боғе, гули боғе, гули боғ!
Гули доғе, гули доғе, гули доғ!

Нозанин дастаи гул,
Назанин бастаи гул,
Нозанин растаи гул!

Сар-сари по гулае,
Дар сари по гулае,
Ҳар бари по гулае,
Бар-бари по гулае,
Бар-мари по гулае,
Мармари по гулае!

Аҳ! Сутун мармарае,
Шаҳсутун мармарае!
Ҳай гуле мармари ҷон,
Тай гуле мармари ҷон!

Пеши по сар зада гул,
Неши по сар зада гул!
Сари по сар зада гул,
Бари по бар зада гул!
Кафи по гул зада каф,
Сафи по гул зада саф,
Банди по гул зада банд,
Канди по гул зада канд!
Маст аз чаҳ-чаҳаи булбули маст,
Раст аз чаҳ-чаҳаи булбули маст
Сари гул аз таги хок,
Бари гул аз таги хок,
Пари гул аз таги хок!
Пару пардоз нигар,
Пару парвоз нигар!
Сар ба сар соз нигар,
Бар ба бар боз нигар!
Гулу пардоз нигар,
Гулу парвоз нигар!
Гули пардоз нигар,
Гули парвоз нигар!
Масти пардоз гуле,
Масти парвоз гуле!
Гули занбӯр нигар,
Гули занбӯр дигар!
Гули занбӯраки маст,
Гули танбӯраки маст!
Мастае масти наво,
Мастае масти ҳаво!
Ба ҳаво мепараде,
Ба наво мепараде!
Ранги гул мепараде,
Чанги гул мепараде!
Ҷаст аз гул ба гуле,
Маст аз гул ба гуле
Ранги гул мебараде,
Чанги гул мебараде!

Гул ба гул мепараде,
Гул ба гул мебараде
Масти гул гарди гуле,
Масти гул дарди гуле!

Нозанин какраяки кавгаки маст,
Нозанин чакраяки кавгаки ма-ст!

Нозанин какраи маст,
Нозанин чакраи маст!
Нозанинкакраи маст,
Нозанинчакраи маст!

Нозанин какра задаст,
Нозанин чакра задаст!
Нозанинкакра задаст,
Нозанинчакра задаст!

Беди kaҷ нун шудае,
Беди Маҷнун шудае!
Қафаси сина нигар,
Қафаси сина дигар!
Қафаси синаи Лайлӣ нигаре,
Нафаси синаи Лайлӣ нигаре!

Шед саргардунай,
Бед саргардунай!
Ҳар ду саргардуне,
Ҳар ду баргардуне!

Шед каҷгардунай,
Бед каҷгардунай!
Шед шайдо шудае,
Бед шайдо шудае!

Шед бо бед хуше,
Бед бо шед хуше!
Шеди Наврӯз хуше,
Беди Наврӯз хуше!

Соз гесӯи дароз,
Боз гесӯи дароз!
Нозанин соз дароз,
Нозанин роз дароз!

Хӯшаи бед нигар,
Гӯшаи бед нигар!
Хӯша дар гӯшаи бед,
Гӯша дар хӯшаи бед!..

Мастае кавги дарӣ,
Мастае кавги парӣ!
Мастае синаяки кавги дарӣ,
Мастае синаяки кавги парӣ!

Ҷон кушояд қафасе,
Ҷон кушояд нафасе,
Ҷонхуш ояд нафасе!

Қафаси сина кушояд,
Нафаси сина хуш ояд,
Қафаси кавг кушояд,
Нафаси кавг хуш ояд!

Қафаси синаи гул,
Нафаси синаи гул –
Қафаси синаи кавги дарие,
Нафаси синаи кавги парие!..

Ҷом гул, ҷома гуле,
Ном гул, нома гуле!
Ҷома гул, ҷом гуле,
Нома гул, ном гуле!

Номи Ҷамшед хуше,
Ҷоми Ҷамшед хуше!
Номи Ҷамшед баланд,
Ҷоми Ҷамшед баланд!

Вой, лабрез мае,
Вой, табрез мае!
Рез лабрез мае,
Рез табрез мае!

Майи лаб рез, бирез,
Майи таб рез, бирез,
Майи лаб, хез, бирез,
Майи таб, хез, бирез!
Майи лабхез бирез,
Майи табхез бирез!

Табакаш мешиканӣ,
Шабакаш мешиканӣ,
Лабакаш мешиканӣ,
Лаба каш, мешиканӣ!
Нозанин лаб лаби гул,
Нозанин шаб шаби гул,
Нозанин таб таби гул!
Нозанин гап-гапи гул,
Нозанин тап-тапи гул,
Нозанин шап-шапи гул!
Гап-гапи шабнамае,
Тап-тапи шабнамае,
Шап-шапи шабнамае!
Шап-шапи шабнамае ин ҳама гул,
Шап-шапи шабнамае, бин ҳама гул!
Шабнамай дар сари шох,
Шабнамай сар-сари шох!
Дар сари шох гуле,
Сар-сари шох гуле!
Шабнамай гул, нигаре,
Шабнамай гул дигаре!
Шабнами гул нигаре,
Шабнами гул дигаре!
Гули шабнам нигаре,
Гули шабнам дигаре!
Гули алмос нигар,
Гули алмос дигар!..
Мешакад гул ба гуле,
Мечакад гул ба гуле!
Мешакад шак-шаки шак,
Мечакад чак-чаки чак!
Лабаки гул шиканем,
Табаки гул шиканем,
Шабаки гул шиканем!

Нозанин лабшиканӣ,
Нозанин табшиканӣ,
Нозанин шабшиканӣ!

Лаби ширин шиканӣ,
Таби ширин шиканӣ,
Шаби ширин шиканӣ!

Шикане, шабшикане,
Шикане, табшикане,
Шикане, лабшикане!

Тор деҳ, ҷӯраи ҷон,
Тор беҳ, ҷӯраи ҷон!
Тор деҳ, тор занем,
Тор беҳ, тор занем!

Чанг зан, ҷӯраи ҷон,
Чангзан, ҷӯраи ҷон!
Чанг деҳ, чанг занем,
Чанг беҳ, чанг занем!

Ҷӯраҷон, гир мае,
Ҷӯраҷон, гир нае!
Маҳ, бигире майи ҷон,
Маҳ, бигире найи ҷон!

Зан рубобу найи ҷон,
Зан кабобу майи ҷон!
Ҷигарӣ нола занем,
Ҷигарӣ мола занем!

Вой, найнола занем,
Вой, май мола занем!
Вой, найнола хуше,
Вой, май мола хуше!

Сар бидеҳ нолаи зор,
Дар бидеҳ нолаи зор,
Пар бидеҳ нолаи зор!

Ҷӯра, шав рӯз шуде,
Ҷӯра, нав рӯз шуде,
Ҷӯра, Наврӯз шуде!

Ҷӯра, май рез, бигир,
Ҷӯра, най рез бигир!
Ҷӯра, майрез бигир,
Ҷӯра, найрез бигир!

Кафзанон бархезем,
Дафзанон бархезем!
Хез, бархез, гуле,
Хез, пар, хез, гуле!

Ҷом бар даст баро,
Ҷом дар даст саро!
Нозанин маст баро,
Нозанин, маст саро!

Шаби Наврӯз расид,
Таби Наврӯз расид,
Лаби нав рӯз расид!

Шаби Наврӯз шикан,
Таби Наврӯз шикан,
Лаби нав рӯз шикан!

## НАВРӮЗ ОМАД

Муждаи фасли баҳор аст, ки Наврӯз омад,
Лутфи Яздон ба ҳазор аст, ки Наврӯз омад.
Бин само аз карамаш нури дигар борида,
Партави шамс ба бор аст, ки Наврӯз омад.

Бас дигар, миллати ман, бош ба рӯзи нави худ,
Зи марому ҳадафу созишу сӯзи нави худ.
Зи ҳавову ҳаваси дидафурӯзи нави худ,
Табъи саршор ба кор аст, ки Наврӯз омад.

Ишқи поки ватанамро ҳама Наврӯз кунам,
Гулу боғу чаманамро ҳама Наврӯз кунам.
Меҳри дилбар ба дилам ҳар шабу ҳар рӯз кунам,
Муждаи васли нигор аст, ки Наврӯз омад.

Барзгар, бар ту муборак ҳама ин рӯзат бод,
Бахту иқболи ба олам назаромӯзат бод.
Рӯзи меҳрофару паймонаи дилсӯзат бод,
Назари фасли баҳор аст, ки Наврӯз омад.

Халқи ман, миллати ман, оранзи фирӯзи туро,
Зи ҳама мардуми олам назаромӯзи туро,
Пайки ин тозабаҳору таби ту, сӯзи туро,
Лутфи мо бандаи ёр аст, ки Наврӯз омад.

## НАВРӮЗӢ

Барфи сари қулла бекарон аст имрӯз,
Об аз дили ҷӯйҳо давон аст имрӯз.
Ҳар сӯ бинигар – рӯҳи равон аст имрӯз,
Садсола ҳам, эй дӯст, ҷавон аст имрӯз,
Наврӯзи Ҳисори Шодмон аст имрӯз!

Бе сабза замини мо набошад зебо,
Бе лола чи сон ҳусн физояд саҳро?
Пургул бувад имрӯз ниҳоли дили мо,
Бе ҳеҷ шаке самар биёрад фардо,
Наврӯзи Ҳисори Шодмон аст имрӯз!

Хуршед зи хонааш барояд акнун,
Деҳқон пайи кишту кор ояд акнун,
Дар васфи баҳор хуш сарояд акнун,
Сар то сари даҳр нав намояд акнун,
Наврӯзи Ҳисори Шодмон аст имрӯз!

Ҳар ҷо гули навшукуфтае ноз кунад,
Булбул бари гул тарона оғоз кунад,
Дар боғи дили ману ту парвоз кунад,
Наврӯз ману туро сарафроз кунад,
Наврӯзи Ҳисори Шодмон аст имрӯз!

## ХУШ ОМАДӢ

Наврӯзи оламафрӯз,
Хуш омадӣ ту имрӯз.

Ҳар сол чун биёӣ,
Моро фараҳ физоӣ.

Гулсабзаҳо дамонӣ,
Сарсабзие расонӣ.

Гулҳои тозаву тар
Аз бӯи мушку анбар.

Бодо машоми дилбар
Доим аз он муаттар.

Ширин кунӣ ту аз ҷон
Як умр коми деҳқон.

Наврӯзи оламафрӯз,
Хуш бошу шоду фирӯз.

## ГУЛБАЗМИ ҶАҲОНӢ

*Ба ифтихори ҷашни байналмилалӣ*
*эълон шудани Наврӯз*

Он гаштаму ин гаштам,
Дилшоду ғамгин гаштам.
Дилканда зи кин гаштам,
Афлоку замин гаштам.

То обу гилам гул кард,
Дунёи дилам гул кард.
Ҳамчун қалами нахле
Нахли қаламам гул кард.

Наврӯз, ки ҷонӣ шуд,
Гулбазми ҷавонӣ шуд,
Бо ҳиммати наврӯзӣ
Бингар, ки ҷаҳонӣ шуд.

Ман зодаи Наврӯзам.
Дилдодаи Наврӯзам.
Дар базми ҷаҳон умре
Бо бодаи Наврӯзам!

**РУБОИҲО**

Наврӯзи баҳори ман, хазонат нарасад,
Ҷуз ашки сафои осмонат нарасад.
Дасти пури марди барзгарро бинӣ,
Пои ками кас ба остонат нарасад!

Наврӯзи диёри ман, биё, ханда бикун,
Гулро ба ҳама намову зебанда бикун.
Зебанда арӯси сол – Наврӯзи диёр,
Бо ҳусни расои худ маро банда бикун!

Наврӯз шуду ҷаҳон чи зебо бошад,
Ҳар ҷо нигарӣ, ҷои тамошо бошад.
Эй фасли ҷавонии табиат, бо ту
Ҳар пиру ҷавони мулк барно бошад.

## МУЖДАИ НАВРӮЗӢ

Дастаи гул баста нӯги чӯбаке,
Кӯчаҳоро пур намуда кӯдакон.
Гул бигардонанду оранд армуғон,
Муждаи наврӯз бар ҳар хонадон.

Духтарон пироҳани атлас ба бар,
Ҷилваҳо доранд чун рангинкамон.
Дастагул дар даст рӯи роҳҳо,
Пайки гул оранд бар пиру ҷавон.

Мурғакон тори ҳаво дар кӯи ишқ,
Села-села гӯиё гулдастаанд.
Кӯҳу саҳро, дашту пушта ин замон,
Саллаи садранг бар сар бастаанд.

Ғарқи гул бинмуда кӯҳу пуштаро,
Омадӣ, хуш омадӣ, эй гулбаҳор.
Шукри он, ки боз бар Наврӯзи нав,
Рӯзи мо пайвастӣ, эй Парвардигор.

## БӮСАИ ГУЛ

Боз шабнам ҳамнишин шуд бо лаби хандони гул,
Бофт майда-майда мӯяш дар бари домони гул.
Сурмаи чашми сияҳгӯш аз лаби минқори кабк,
Бӯсаборон карда ёбад гавҳаре аз кони гул.
Рӯи ҳар шохи ниҳоли навбари умедвор,
Осмон резад саросар ҳосили паймони гул.
Ҳар касе гар ин атои кирдгорашро надид,
Ҷомачоку рӯсияҳ шуд дар таги айвони гул.

Гулнавозон гул ба сар дар баҳри гул ғарқи гуланд,
Дар тааҷҷуб гул зи гулрӯ, гулрухон ҳайрони гул.
Гулнигаҳ, бар гулбаҳор о, оламам гулпӯш кун,
Дар лабонам мӯҳр бигзор аз паи дандони гул.
Чанд рӯзе гулпарасти гул шуда Султони мо,
Санг баст ӯ то қиёмат дар дил аз армони гул.

## НАВРӮЗИ НАВ

Боз Наврӯзи нав омад бо гулу гулдастаҳо,
Гул ба сар зад боғу дашту гул ба бар шуд растаҳо.
Мо расидем аз зимистон то баҳори гулбасар,
Монда бар хоки сияҳ садҳо ба гул дилбастаҳо.
Ёди ёроне, ки то Наврӯз рафтанд аз чаман,
Ҳар замон афрӯхт бояд шамъи ёди хастаҳо.
Гул ба кокул бастаанд аз шавқ сели духтарон,
Чашм чашмак мезанад дар баҳри ин орастаҳо.
То ба Наврӯзи дигар мо мерасем оё, ки на,
Дон ғанимат ҳар нафас ин растахезу ҷастаҳо.
Ҳар чи бошад ин замон ҳар сабза пойандоз шуд,
Шукр ёрон, ки насиби мост ин ворастаҳо.

## НИШОНАИ БАҲОР

Абр гул ба дӯзад домони уфуқ,
Осмон домандаронӣ мекунад.
Ҷой-ҷо ашки фалак резад ба хок,
Нури тундар гирди олам метанад.

Офтоб аз пушти абри даргурез,
Бо камони озарахшаш
Тир борад дар ҷаҳон.
Хоки обистан ба тан гулпераҳан –
Хезад аз хоб ин ҷаҳони ҷовидон.

Ин баҳор асту баҳор асту баҳор,
Ибтидои зиндагии беқарор.

## НАВРӮЗИ ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, духтари соҳибҷамоли Шарқ,
Чун арӯсон куртаи сабзаш ба бар кардаст.
Дар баҳори гулбасар бишкуфта ҳамчун гул
Фасли дайро, бемуҳобо, пушти сар кардаст.

Гар чаканпӯшида кӯҳаш масти бодом аст,
Мардумаш бишкуфта ғарқи водии гулпӯш.
Атласи рангобаранг аст ин ки мебинӣ,
Сабзаву гул дар канораш гашта ҳамоғӯш.

Чатри абраш мӯи боронро раҳо кардаст,
Духтари гулчеҳраи ӯ чеҳра во кардаст.
Ар-араш маст аз саропои ҷавонмардӣ,
Осмонро ҷодаи рафту биё кардаст.

Тоҷикистон, духтари Наврӯзи навошиқ,
Лола аз набзи ту оташ мезанад берун.
Дар гумонам устухони мурда месабзад,
Ҳамчу Вахши саркаше дар синаи Роғун.

Мешукуфад ҳамчу бахте Роғун аз азмат,
Тоҷикистон, бахти фирӯзат муборак бод!
Фасли шодӣ омаду ишқу муҳаббат ҳам,
Тоҷикистон, фасли Наврӯзат муборак бод!
Тоҷикистон, ҷашни фирӯзат муборак бод!

## НАВРӮЗ МУБОРАК

Имрӯз ба кӯҳу даман ин мужда расида,
Ҳар ҷо ба кафи хок бубин, сабза дамида.
Гул дар чаману дашту даман гашта шукуфон,
Шабнам ба сару рӯи гулу сабза чакида.

Ёрони азиз, ин дами фирӯз муборак!
Ин нашъаи фархундаи Наврӯз муборак!

Имрӯз замин мисли рухи лоларухон аст,
Аз соли наву файзи наве муждарасон аст.
Ҳар дил, ки задан дошт, бишуд ошиқи рӯе,
В-аз марҳамати ишқ бубин; пир ҷавон аст.

Ёрони азиз, ин дами фирӯз муборак!
Ин нашъаи фархундаи Наврӯз муборак!

Наврӯз биёварда ба мо боди саборо,
Дар синаи мо ҷо бикунад ишқу вафоро.
Бинмуда зи рӯи ҳамагон дур ғаму дард,
Дилшод намояд ҳамагӣ шоҳу гадоро.

Ёрони азиз, ин дами фирӯз муборак!
Ин нашъаи фархундаи Наврӯз муборак!

## ФАСЛИ БАҲОР

Ҷомаи пахтаи кӯҳ
Ба танаш чок шудаст,
Наргиси тозахаёл,
Берун аз хок шудаст.

Ба тани сарди замин
Мерасад гармии шед,
Муғча обистани барг,
Гашта дар шохаи бед.

Хӯрд бар рӯи замин,
Чашми муштоқи саҳоб.
Аз фироқаш бигирист,
Шуд замин косаи об.

Сабз шуд сабзаи тар,
Ҳамчу мижгони нигор.
Мужда, эй ошиқи зор,
Мерасад фасли баҳор.

## БОЗ МЕОЯД БАҲОР

Чеҳраҳо озода, дилҳо ошкор,
Мерасад бар гӯшҳо савти ҳазор.
Дашту саҳро пур шуда аз лолазор,
Боз меояд баҳор!
Боз меояд баҳор!

Мерасад бар чашм ҳусни духтарон,
Духтарон бишкуфта ҳамчун ахтарон.
Мавҷи кокул ҳамчу мавҷи обшор,
Боз меояд баҳор!
Боз меояд баҳор!

Мевазад форам насими субҳгоҳ,
Осмон ҳам мешавад ҳамчун кулоҳ.
Бо танини рақси ангуштони ёр,
Боз меояд баҳор!
Боз меояд баҳор!

Дилбари маҳчеҳраи аз ишқ маст,
Шохаи гулро нигаҳ дорад ба даст.
Мешукуфад гул ба гесӯи нигор,
Боз меояд баҳор!
Боз меояд баҳор!

Савти булбул мерасад бар гӯш хуш,
Ҳамсадои дилбари райҳонбагӯш.
Чашмҳо барқанду дилҳо беқарор,
Боз меояд баҳор!
Боз меояд баҳор!

Ошиқон дар сояи сабзи дарахт,
Дар бари ҳам ёфта шодию бахт.
Рӯзи васли ошиқиро интизор,
Боз меояд баҳор!
Боз меояд баҳор!

Ишқбозӣ бод кори ошиқон,
Мӯҳр баста ханда дар лабҳояшон.
Рози дилро ҳар кӣ созад ошкор,
Боз меояд баҳор!
Боз меояд баҳор!

## БАҲОР

Боз кунун фасли баҳорон расид,
Лолаву наргис ба доманҳо дамид.
Боз сияҳгӯш бишуд зеби гӯш,
Кӯҳу чаман гашт ҳама майсапӯш.
Нахл, ба ҳар ҷо нигарӣ, гулбасар,
Мужда расонад гули он аз самар.
Шамс басо гашта кунун босахо,
Субҳ дилангезу ҳаво босафо.
Бо дили хушнуд ба саҳро равон.
То ки замин кишт кунад деҳқон.
Мекунад ӯ ҳикмати дерин шиор:
«Пур кунад анбор дами навбаҳор.»
Гашта дар оғӯши баҳорон чунон
Дилбару зебо чу парӣ духтарон.
Лоласифат гашта бари рӯяшон,
Офати ҷон чеҳраи дилҷӯяшон…
Дасти ману домани сабзи баҳор,
Боғи дилам сабз ба набзи баҳор.

## РУБОИЁТ

Чун пайки баҳор табли тундар бирасонд,
Шодона зи чашми абр марҷон бифишонд.
Бигрифт само ба дасти худ тирукамон,
Тарсида гурехт дай, ки айше меронд.

Хандид чаман, чу абр гирён омад,
Булбул зада чаҳчаҳу ғазалхон омад.
Орост баҳор чун арӯсон худро,
Ҷон бар лаби дай зи рашки сӯзон омад.

Эй абри сафед, дар бари кӯҳи Ҳисор,
Лангар задаӣ магар ту аз баҳри шикор?
Селоба ба каф шитоб дорӣ ба кучо,
Дар уштури масти хеш ин дам ту савор?

Дар хоб будам саҳар, ки мурғе ба фиғон,
Бедор бикарду гуфт: к-эй сода ҷавон!
Бархез, ғанимат аст умри гузарон,
Охир бишавад насибамон хоби гарон!

## ДУБАЙТИҲО

Азизон, чун расад фасли баҳорон,
Бубояд рафт сӯйи марғзорон.
Ғанимат болиши Наврӯзмоҳ аст,
Ки умри мо чу ашки нӯги миҷгон.

– Ту, эй булбул, чаро ҳар шаб бинолӣ?
– Зи ҳаҷри дилбари симинбарам гул.
– Гуло, аз чӣ чунин соҳибҷамолӣ?
– Ба рухсорам чакида ашки булбул.

Лаби дарё нишастам шомгоҳон,
Дар он дидам гузашти умри инсон.
Ба ёди рафтагони ормонӣ
Зи ашки талх кардам шаддамарҷон.

* * *

Ин саҳар фарёди булбул мерасад,
Бар машомаш накҳати гул мерасад.

Ёсуман, бобунаву хулбӯйи кӯҳ…
Мавҷи гулҳо дар таҷаммул мерасад.

Аз бари кӯҳ, қад-қади ҷӯ то ба деҳ,
Базми гулҳо, чеҳра гул-гул мерасад.

Чашмаи кӯҳӣ ҷаҳад бар рӯйи санг,
Дар гулӯи санг қулқул мерасад.

Зардқоқу, лолаи аҳмар чи хуш,
Зеби дасту зеби кокул мерасад.

Марғзорон ранги зангорӣ ба бар,
Печпечон зулфи сунбул мерасад.

Резаборон, ҷилваи рангинкамон
Аз Душанбе то ба Кобул мерасад.

Токи ангур об додаст ин пагоҳ,
Аз хавоза бонги сулсул мерасад.

Навбаҳорон бӯйи модар мекунад,
Бӯйи ширу фалладунбул мерасад.

Дам ғанимат бишмаред, эй дӯстон,
Ин саҳар фарёди булбул мерасад.

## ЧАКОМАИ НАВРӮЗӢ

«Наврӯзи ҷаҳон омад, Наврӯз муборак бод»,
Он оташи зардуштӣ афрӯз муборак бод.

– Хуш омаду кай омад? – Он аз паи дай омад,
Соз аз дафу най омад, имрӯз муборак бод!

Наврӯзи ватан омад, он куртачакан омад,
Хушрангу қашанг омад, хушрӯз муборак бод.

Эй қиблаи ҷон, модар, дилсӯзи ҷаҳон модар,
Наврӯзи чаманпайкар, гулдӯз муборак бод.

Наврӯзи Ҳисор омад, гулғунча қатор омад,
Ҳар навда ба бор омад, ҳар рӯз муборак бод.

Ёри ту Худо бодо, эй ошиқи меҳрафрӯз,
Аз оҳи дили шайдо месӯз, муборак бод.

Сарводаи наврӯзӣ, чун номаи хушрӯзӣ,
Аз шӯри қалам омад, Наврӯз муборак бод!

## НАВРӮЗ

Сари соли наву гулбез Наврӯз,
Табиат зинда гардад, хез Наврӯз!

Сари ҳар навдаи ток обшор аст,
Саҳаргоҳ оби токам рез Наврӯз.

Тани танҳо яке булбул наво зад,
Баҳори гулбасар, гулбез Наврӯз.

Гоҳе барфу гаҳе борон биборад,
Гуҳар бар дашту даман рез, Наврӯз.

Сари хоне, ки дар он ҳафтсин аст,
Ба базми мо биё, омез Наврӯз.

Сари тези қалам орам ба гуфтор,
Ба мулки мо биёӣ тез Наврӯз.

Сари хоне нишаста бо ҳабибон,
Кунем аз ҳарфи бад парҳез Наврӯз.

Сари зулфи сухан таҳрир хоҳад,
Зи нав илҳоми ман ангез Наврӯз!

## СУБҲИ ВАТАН

Дар субҳи ватан баҳор дидам,
Боғу чаману нигор дидам.

Аз файзи баҳор – риштаборон,
Гавҳаршадаи қатор дидам.

Чун абри гузар чакида бигзашт,
Дар нури шафақ шарор дидам.

Хуршеди ҷаҳон, чу сар бадар кард,
Олам ҳама беғубор дидам.

Ҳар қатраи шабнами баҳорӣ
Дар барги суман савор дидам.

Дар дашту адиру кӯҳу бора
Сад пуштаи лолазор дидам.

Аз дур ниҳоли қомати ёр,
Ҳарду бари рӯ анор дидам.

Бо диду нигоҳи навҷавонӣ
Ман хандаи меҳри ёр дидам.

Ҳар субҳи ватан баҳор дидам,
Хушхони чаман ҳазор дидам.

* * *

Доранд сайри ҷовидон гардун ба гардун абрҳо,
Гарданд ҳамчун хотирам сад раҳ дигаргун абрҳо.

Аз синаи хоки Ватан, к-ором мегирам нафас,
Ҳамчун ғубори синаам оянд берун абрҳо.

Дар гирудори зиндагӣ андешаҳо дорам сабук,
Борам ба дӯши ин замин афкандаам чун абрҳо.

Меҳри дили ман бар Ватан борад чу борони баҳор,
Ҳар гаҳ ки резанд аз само чун дурри макнун абрҳо.

Дар дил маро афзун шавад шавқи тамошои чаман,
Чун синамолон мехазанд аз кӯҳу ҳомун абрҳо.

Бар сар ҳавои меҳананд, ё рӯҳи сутвори мананд,
Н-афтанд аз тири камон, не аз фалохун абрҳо…

* * *

Дунёи деҳқон аст дунёи шоирона,
Маъвои деҳқон аст маъвои шоирона.

Бо вай даме нишастан, бо вай назар бубастан,
Худ баҳри шоирон аст, эҳёи шоирона.

Бо моли ӯст дилкаш савдои роҳу бозор,
Бо ҳоли ӯ бувад хуш савдои шоирона.

Дар такяи каландаш, бо рӯҳи бегазандаш,
Гоҳе назора дорад симои шоирона.

Аз деҳқон дар олам номе бузургтар нест,
В-он матлаи каломи волои шоирона.

Бо ёди ризқи одам з-андешаҳо ҷудо нест,
Ғамҳои деҳқон аст ғамҳои шоирона.

* * *

Ҳоло ки баҳор аст, ҷавонӣ нагузаштаст,
То ишқи диёр аст, ҷавонӣ нагузаштаст.

То булбули хушхон сари ҳар шохаи гул ҳаст,
Бо савти ҳазор аст, ҷавонӣ нагузаштаст.

Бо азми тамошои чаман ҳар нафасам дил,
Бесабру қарор аст, ҷавонӣ нагузаштаст.

Саб аст маро хотиру андеша гулафшон,
Дар сина шарор аст, ҷавонӣ нагузаштаст.

Чун ору сари ҳар гияҳу ҳар гулу ҳар барг
Дил аз пайи кор аст, ҷавонӣ нагузаштаст.

Бар чеҳраи ҳар лолаву бар дидаи наргис
Дил оинадор аст, ҷавонӣ нагузаштаст.

Бо шеваи ҷавлону ҳамоғӯшии гулҳо
Ёрам ба канор аст, ҷавонӣ нагузаштаст.

Ҳоло ки баҳор аст, ҷавонӣ нагузаштаст,
То ишқи диёр аст, ҷавонӣ нагузаштаст.

* * *

Гул ба канори чашмасор, бӯи баҳор мекунад,
Майсаи сабзи ғаллазор, бӯи баҳор мекунад.
Шилшилаи ях об шуд, атри гулу гулоб шуд,
Шаршараи мӯи нигор, бӯи баҳор мекунад.
Боғ шуда шукуфазор, хок шудаст мушкбор,
Накҳати атри зулфи ёр, бӯи баҳор мекунад.
Ошиқи зори навбаҳор, гашта ба роҳ интизор,
Хотири ёри беқарор, бӯи баҳор мекунад.
Кӯи ба кӯ, ҷӯи ба ҷӯ нахлу гиёҳ дар нумӯ,
Домани дашту кӯҳсор, бӯи баҳор мекунад.
Ҳар гияҳ аст файзбор, гулнигаҳ асту гул ба бор,
Хору хаси кӯҳандиёр, бӯи баҳор мекунад.
Ин чаману шукуфазор, бӯи баҳор мекунад,
Савти ҳазор рӯзгор, бӯи баҳор мекунад.

* * *

Ай субҳи нурборон, ҷонам фидои номат,
Наврӯзи гул ба домон, чонам фидои номат.
Боз омада парасту, савту навои дилҷу,
Ай мурғаки ғазалхон, ҷонам фидои номат.
Аз қум-қуми кабутар, пур гашта хонаву дар,
Ай субҳи нурборон, ҷонам фидои номат.
Бингар зи абри найсон, аз ашки резаборон,
Олам шуда гулистон, ҷонам фидои номат.
Пӯдинаи лаби ҷӯ, хушлаззат асту хушбӯ,
Ай файзи навбаҳорон, ҷонам фидои номат.
Сарсабзии санавбар, монад ба зулфи духтар,
Зебоарӯси кишвар, ҷонам фидои номат.
Сад лола дар дили ман, пурлола манзили ман,
Шеър аст ҳосили ман, ҷонам фидои номат.

## СУРУД

Баҳор омад, баҳор омад, хуш омад,
Нигор омад, нигор омад, хуш омад.
Зи ишқи мо ҷаҳон пургул шавад боз,
Чу ёр андар канор омад, хуш омад.

Баҳор омад, биё пайки баҳорон,
Ки боғи дил шавад аз нав гулафшон.
Ба тори кокулонат гул бубандам,
Ки гулчинат будам дар рӯзгорон.

Ту ҳамранги баҳоронӣ, гули ман,
Гулистонӣ, гулистонӣ, гули ман.
Тамоми умр аз бӯи ту мастам,
Маро ҷонӣ, маро ҷонӣ,гули ман.

Баҳор омад, баҳори нозанине,
Нигор омад, нигори нозанине.
Хумори гул будам дар зиндагонӣ,
Хумор омад, хумори нозанине.

Баҳори гулфишон омад, хуш омад,
Шукӯҳи арғувон омад, хуш омад.
Ба шохи панҷаи хушки дарахтон,
Равони ҷисму ҷон омад, хуш омад.

Муборак бод, Наврӯзат, гули ман,
Баробар шуд шабу рӯзат, гули ман.
Арӯси нозанин бо шаҳбаробар,
Муборак, бахти фирӯзат, гули ман!

## ГУЛБАЗМИ НАВРӮЗӢ

Наврӯзи Истиқлоли мо,
Наврӯзи истиқболи мо,
Рӯзи нави ҳар соли мо,
Соли нави иқболи мо.
Ёрон дилафрӯзӣ кунед,
Гулбазми наврӯзӣ кунед!

Аз тоҷики меҳнатқарин
Чун машъали чархи барин
Роғун шуда нурофарин,
Хушбахтии рӯи замин!
Ёрон дилафрӯзӣ кунед,
Гулбазми наврӯзӣ кунед!

Дар боғу гулгашту чаман,
Дар пуштаву кӯҳу даман,
Дар домани сабзи Ватан
Ороста сад анҷуман.
Ёрон дилафрӯзӣ кунед,
Гулбазми наврӯзӣ кунед!

Наврӯзи мулки тоҷикон,
Гулбазми Наврӯзи ҷаҳон,
Бар ҷумлаи пиру ҷавон
Бодо муборак дӯстон!
Ёрон дилафрӯзӣ кунед,
Гулбазми наврӯзӣ кунед!

## НИЁЗ

Наврӯзи ман куҷоӣ, гӯям ба кӣ ниёзам,
Аз дидаи кӣ хонам оёти ҷонамозам?
Бо кӣ нишот бахшам субҳи шафақфурӯзам,
Бо кӣ хуҷиста дорам шоми шафақнавозам?!
Аз сабзаи хати ту сабз аст мазраи дил,
Хоҳам, ки сабз созӣ дунёи пур зи розам.
Гоҳе, ки дурӣ аз ман, наздикии ту ҷӯям,
Гоҳе қариб оӣ, аз дурият бинозам.
Аз шеваи нигоҳат лаҳни сабурӣ омӯз,
Кай мекунад маро гӯш ин қалби ишқбозам.
Эй ошнои рафта дар остони Наврӯз,
Боз ову хуррамӣ деҳ ин сӯзи ин гудозам.

## БАҲОР

Биё, биё, ки дилам тангу беқарор, баҳор,
Биё, ки дӯст намедорам интизор, баҳор.
Биёву сабз намо махмали ҳавасҳоям,
Ки бе ту пуштаи дил марзи шӯразор, баҳор.
Агар набуд само нохудои мулки сухан,
Куҷо навишт чунин шеъри обдор, баҳор.
Сапед шуд сари шаб ноаёну субҳ дамид,
Ҳазор ғусса маро бе ту дар канор, баҳор.
Ту рафтаиву зимистон дарозу тӯлонист,
Чаман-чаман ҳаваси зиндагӣ биёр, баҳор.
Саломи мост, ки байти ҷудоияш бар лаб,
Биёву хушхабари боҳамойӣ ор, баҳор.

* * *

Навбаҳорон сӯи ҳастӣ мекашад пои маро,
Сабз месозад ба ранги сабз дунёи маро.
Чашми гул аз ояти борон хуморолуда шуд,
Пур кунад бо шабнами Наврӯз минои маро.
Он азизе, ки барои буданам дорад ниёз,
Орувона мечашад шаҳди таманнои маро.
Ман варо дар дидаву дил ҷо намудам бесухан,
Оҳ, шояд дода ӯ ҷо дар дилаш ҷои маро.
Субҳзодам, хӯшаи хуршед маъвои ман аст,
Лек бе ту рӯшанӣ тор аст маъвои маро.
Дар баҳорон оштӣ созанд шайтону малак,
Меҳрубоно, бахш бар ман содагиҳои маро.

* * *

Чун навбаҳор о, ки таманно кунам туро,
Дар соязори сабзи нигаҳ ҷо кунам туро.
Бо турнаҳо биё, ба диёри дилам барам,
Бо сӯзу сози сина шиносо кунам туро.
Аз рӯи лутф панҷараи чашми ман кушо,
То бо чароғи дида тамошо кунам туро.
Нӯшобаи навои хушатро нисор кун,
Аз сурфаи баҳор ҳувайдо кунам туро.
Сад раҳ садот кардаму посух намедиҳӣ,
Метарсам, ай азиз, ки ово кунам туро.
Эй ёр, ёр, ёр суроғи ту меравам,
Манзил туро куҷост, ки пайдо кунам туро?!

## ПАЙКИ НАВРӮЗ

Деҳи кӯҳӣ,
Саҳни масҷид:
Шақ–шақи шақ!
Шақ– шақи шақ!
Ин чӣ созу ин чӣ овоз?
Дар сари калтути пир
Лона монда лаклаки гардандароз,
Пайк орад, пайки Наврӯз!
Пайки Наврӯзи дилафрӯз!

Боғи Ровон –
Боғи додом…
Сад чаман бишкуфта бодом!
Бар чаман сад ханда резад
Аз навои кабки хушхон!
Сад тарона –
Ошиқона
Пайк орад, пайки Наврӯз!
Пайки Наврӯзи дилафрӯз!

Оҳ, андар фасли гулрез
Хадраҳои пурҷавона
Мешаванд обистану гул мекунанд.
Аз насими атромез
Зиндагонӣ файз ёбад
Бекарона,
Дар назар садранг тобад
Чун фасона.
Боди гулбез
Пайк орад, пайки Наврӯз!
Пайки Наврӯзи дилафрӯз!

## ПАЙҒОМИ БАҲОР

«Бочечаки аслии дур,
Асли самарқандии дур[1]».
Аз оташи Суғдам нишон,
Аслат бувад аз насли ҳур.

Наврӯз шуд, Наврӯз шуд,
Қалбам зи нав дар сӯз шуд.
Наврӯзгоҳ – Афросиёб
Чун сӯзанӣ гулдӯз шуд!

«Бочечаки аслии дур»,
Сар то ба поят нур, нур!
Ба ҳар даре пайғом бар:
Оҳанги дил ҷӯр аст, ҷӯр!

Булбул бихонад: «Гул куҷо?
Он дастаи сунбул куҷо?
Паймонаи ишқам ба даст,
Машраб куҷо, қулқул куҷо?

Гулточи наврӯзӣ ба сар,
Ёри самарқандӣ ба бар.
Гултоҷ ку? Гулноз ку?
Гулханда нанмояд дигар?»

Рав ёлаи Афросиёб,
Маҳбуби дилҷӯро биёб.
Ду кулчаи рӯяш бувад,
Аз хони Галлаосиёб.

---

[1] Аз эҷодиёти шифоҳии мардуми Самарқанд

Пайғоми наврӯзӣ расон,
Рӯмоли гулдӯзӣ расон.
Аз Бӯстон[2] бар Борстон[3]
Як даста пирӯзӣ расон.

Қосиди аслии баҳор
Пайкам бару пайке биёр.
Ёру диёрамро бигӯй:
«Марям хумор асту хумор!»

## АРЗИ МЕҲР

Гули барфак, гули меҳру вафо ту,
Зафарёбӣ ба сардиву ҷафо ту.
Ба ранги зарҳалии ту бимирам,
Баҳорон рамзи некиву сафо ту.

Ҳаво сарду рухам зарду дилам – дард,
Бубин, даймаҳ ба ранги мо чиҳо кард?
Ту зардиям бигиру сурхӣ, бахшо,
Ба мисли оташи сурӣ, гули зард.

Ту қосиди баҳоронӣ, гули зард,
Ту зеби кӯҳсоронӣ, гули зард.
Зи ранги мо ту зардиро рабоӣ,
Чӣ ҳамдарди дилу ҷонӣ, гули зард.

Сафо бахшӣ ту рӯзи тираамро,
Даво бахшӣ ту чашми хираамро.
Ба даймоҳ аз ғаним озурда будам,
Шикастӣ ту адӯи чираамро.

---

[2] Тоҷикистони гул–гулшукуфон
[3] Самарқанди бостон

## ДИДОРИ НАВРӮЗ

Чу олам гашт аз нав ёри Наврӯз,
Гирифтам домани гулдори Наврӯз.

Зимистон бо фиғон рахти сафар баст,
Наёвард тоб бар пайкори Наврӯз.

Зи файзаш хор ҳам гул мекунад, гул,
Бувад ҳуснофаринӣ кори Наврӯз.

Харидорони ҳуснаш бешуморанд,
Чӣ пуршӯру шарар бозори Наврӯз.

Бувад ҳар манзараш як шеъри зебо,
Надорад сактае ашъори Наврӯз.

Бувад Наврӯз султони табиат,
Гулистон аст худ дарбори Наврӯз.

Канори гулрухон гулрез созад,
Ба дил шӯр оварад кирдори Наврӯз.

Ба нав рӯзе ба нав ёре ба бар гир!
Азизо, ин бувад ҳушдори Наврӯз.

Бихоҳам чанд соли дигар умре
Фақат бар хотири дидори Наврӯз.

## ШОД ОМАДӢ, ШОД ОМАДӢ

Эй навбаҳори гулфишон, шод омадӣ, шод омадӣ,
Бар покмарзи тоҷикон шод омадӣ, шод омадӣ.

Дар шеърҳои Рӯдакӣ бошад ҳувайдо ҳусни ту,
Илҳомбахши шоирон, шод омадӣ, шод омадӣ.

Сарсабзиҳо аз сабзаат дорад ҳама пиру ҷавон,
Бар ҳар дару ҳар хонадон шод омадӣ, шод омадӣ.

Як гӯшае аз чашми ту пинҳон намонда, ҳаббазо,
Ҳусни замину осмон, шод омадӣ, шод омадӣ.

Сад қиссаи тар дар лабат аз рӯзгори пурнишот
Ай ровии ширинзабон, шод омадӣ, шод омадӣ.

Ҷонам зи ту осоядо, банди дилам бикшоядо,
Дур аз хазон то ҷовидон, шод омадӣ, шод омадӣ.

## БАҲОР ОМАД

Паёми субҳидам омад, баҳор омад, баҳор омад,
Сафобахши Аҷам омад, баҳор омад, баҳор омад.

Зи ҳар кӯе, зи ҳар сӯе, зи ҳар боғеву ҳар роғе,
Навои зеру бам омад, баҳор омад, баҳор омад.

Ба дил шодиву гул бар каф, ба кӯи дӯстон ҳар кас
Азизу мӯҳтарам омад, баҳор омад, баҳор омад.

Қасам ман хӯрда будам, то дигар аз май ҳазар созам,
Шикасте бар қасам омад, баҳор омад, баҳор омад.

Ҳама дороии худро фидои мақдамаш кардам,
Ки айёми карам омад, баҳор омад, баҳор омад.

Зи дилҳо кинаро бирбуд, ливои дӯстӣ афрохт,
Ҳама олам ба ҳам омад, баҳор омад, баҳор омад…

## БАҲОРИЯ

Биёмад баҳорон, нигаҳ кун, бародар,
Ки гул карда олам дигаргун, бародар.

Парафшон ҳама ҷо ҳумои муҳаббат,
Ҳама ошиқу маст акнун, бародар.

Ба сабзофариниву завқи табиат
Дилам об хӯрда ду Ҷайҳун, бародар.

Замину замон Лайлиосост зебо,
Ҳама мардуми даҳр Маҷнун, бародар.

Ғиревам зи шодӣ ҷаҳонро биларзонд,
Ҷунунам бигашта бас афзун, бародар.

Дилам ҷӯш дорад зи эҳсоси воло,
Биё, ҳамдилам шав, мадад кун, бародар.

Зи май соғарам гарчи лабрез имрӯз,
Бигӯ, бе ту нӯшам варо чун,бародар?

Бихоҳам задан бо сипоҳи баҳорон,
Ба хайли ҷудоӣ шабохун, бародар.

Чу рӯи баҳорон, Худоё, ки доим
Рухи мову ту бод гулгун, бародар.

Шитобам, шитобам зи кунҷи харобот,
Навое ба лаб сӯи ҳомун, бародар.

Чунин бошукӯҳу дилошӯбу гулрез
Ҷаҳон бод умре фарафзун, бародар.

Баҳорон, баҳорон, баҳори тарабзо
Ҳумоюн, ҳумоюн, ҳумоюн, бародар!

## НАВРӮЗИ БОСТОН

Наврӯзи бостон,
Рӯшангари ҷаҳон,
Тавъам ба офариниши ин кавну ин макон,
Эй ёдгори қудсие аз аҳди ориён,
Эй пайки зиндагии навини заминиён,
Эй равшании роҳи нахустини хокиён.

Эй рӯзи пурсаодату шодофар аз азал,
Эй аз ту субҳу шому шабу рӯз бехалал.
Эй пайки равшании нахусти самои тор,
Эй аз нахуст гӯшаи испед мондагор.

Бозомадӣ, ки ҷомаи дунё дигар кунӣ,
Аҳли ҷаҳон зи накҳати худ бохабар кунӣ.
Аҳсан ба омадан,
Не,
Аҳсан ба рафтане, ки ба бор орад омадан!

Наврӯзи бостон,
Рӯшангари ҷаҳон.
Дар ин сафар фariштанамо зебсуратӣ,
Дар зебсуратӣ шукуфад зебсиратӣ.
Рафтӣ зи кӯҳсор ба дурии дуриҳо,
Мо ғарқ аз фироқи ту дар носабуриҳо.

Наврӯзи бостон,
Рӯшангари ҷаҳон.
Дар ин сафар дигар аҷамӣ ман нагӯямат,
Дар хиттаи Аҷам ба сароҳат наҷӯямат.
Наврӯз гашт ҷашни ҷаҳонӣ ба рӯзгор,
Бар мардуми ямину ба ҳар сокини ясор.

Наврӯзи бостон,
Рӯшангари ҷаҳон.
Фархунда бод тахт,
Фархунда бод аҳли Аҷамро шукӯҳи бахт.

Эй мардуми ҷаҳон,
Эй нексиратон,
Инак, ба хонадони шумо аз дари Аҷам
Ин лаҳза, ин дақиқаву ин фурсатеву дам
Наврӯз мерасад,
Наврӯзи нав ба шаҳпари фирӯз мерасад.

Бар аҳли ин ҷаҳон
Наврӯзи бостон,
Рӯшангари ҷаҳон.
Бодо муборак ҳамчу яке пайки ростон.

## НАВРӮЗИ РАФТА ОМАД

Дай рафту хун ба шаҳраги ин хок омада,
Бингар, арӯси сол чӣ бебок омада.
Аз ошёни хокии худ гул ба субҳдам
Аз чок-чоки синаи садчок омада.

Хуршед бар мизони баҳорӣ расидааст,
Ҳут аз диёру хиттаи мо по кашидааст.
Бӯйи баҳори омада мепарварад димоғ,
Булбул шамими атри гулистон чашидааст.

Овози най зи тарфи чаман мерасад ба гӯш,
Дар кунҷи сина мурғи дилам мекунад хурӯш.
Боғи дилам шукуфта зи анфоси бодҳо,
Аз ҳусни дилнишини баҳори кабудпӯш.

Бӯйи замин зи бистари тар сар чу баркашад,
Аз ашки абри моҳи ҳамал сабза сар кашад.
Шӯру мағал ба гӯш расад баҳри тухмҷанг,
Наврӯзи рафта ояду тарҳи дигар кашад.

Андар замини зарфаки наврӯзии баҳор
Чун рамзи киштаҳои даҳоқини кӯҳсор
Сабзида ҳамчу мазраи ушшоқ донаҳо,
Чун фоли неку муждаи наврӯзи навбаҳор.

Аз занги сели куҳна ба ҳангоми субҳдам,
Вақте ки офтоб бурун ояд аз ҳарам,
Кадбонуе ғубор зудояд зи хонааш,
Гӯё балои соли куҳанро кунад адам.

То пок гардад ҳар кӣ зи ҷурмеву аз хато,
Дар рӯзи ид аз ҳама зиштӣ шавад раҳо.
Аз ҷома «риштаҳои гунаҳ»-ро фурӯ кунад
Дар оташи гунаҳкуши наврӯзи босахо.

Дар рӯзи нав чи пиру ҷавон орзу кунанд,
З-он пас ниҳоли орзуро ҷустуҷӯ кунанд.
Бардошта ду дасти дуо сӯйи Кирдигор,
Бо лаҳни ҳурмузӣ ҳамагӣ гуфтугӯ кунанд:

Наврӯзи нав вафо ба каси бевафо диҳад.
Шаҳро ба дил ба ҷойи ҷафо адл ҷо диҳад.
Кас бо касе сухан накунад бо ҳуруфи зишт,
То соли нав ба хонаи нав нав сафо диҳад.

Дар шомгаҳ, ки суннати дерин замона аст,
Аз равзане, ки дидаи хушбини хона аст.
Ояд ба гӯш савти «Килоғузғуз»-и шинос,
З-аҷдоди мо чу суннати дерин нишона аст.

Наврӯзи нав, ба хонаи аҳли ҷаҳон биё,
Эй рафта аз диёр, ба ин ошён биё.
«Шогун баҳор муборак», аё ҳамдиёри ман,
Бо дастагул ба таҳнияти хонадон биё!

## НАВРӮЗИ МЕҲАН

Наврӯзи меҳан бӯи Бадахшон дорад,
Чун Соҳиба мурғакони хушхон дорад.

Наврӯз гули базми замин ҳасту самост,
Султони тамоми базм унвон дорад.

Наврӯз ба қалби мурда ҷон мебахшад,
Зеро ба кафи худ оби ҳайвон дорад.

Аз чеҳраи хок бӯсаи гарм ситон,
Зеро ба кафи танӯри худ нон дорад.

Ин хомаи шоири-м аз Наврӯз аст,
Зеро ба замин зи шеър борон дорад.

Ҷондоруи зиндагист бӯи Наврӯз,
Ҳар сабзаи хок шираи ҷон дорад.

Ҳаст нури илоҳӣ ба ҷабини Наврӯз,
Чун сархати ҳастият зи Яздон дорад.

Реги сари раҳ аз нафасаш дар гирад,
Зеро нафасаш кони зар афшон дорад.

Хуш омадӣ Наврӯз ба мулки Наврӯз,
Меҳмон, вале савлати мизбон дорад.

Наврӯзи кунун, ки базми кулли дунёст,
Бингар, ки нақши дасти Раҳмон дорад.

## МУЖДАРАСОНИ ЗИНДАГОНӢ

Бо майсаи навдамида Наврӯз омад,
Бо шохи гули хамида Наврӯз омад.
Бар боғу чаман шамида Наврӯз омад,
Нури зи Худо расида – Наврӯз омад.

Аз омаданаш ба кас ҳузури дигар аст,
Аз мақдами ӯ ба дида нури дигар аст.
Дар дил ҳамаро чӣ шавқу шӯри дигар аст,
Дар ҳар қадаме суруру сури дигар аст.

Бингар, ба сари шохаи гул булбули маст,
Оҳанги висоли ӯ ба дай дода шикаст.
Омад, бари гуларӯси якдона нишаст,
Шукрона кунад,к-аз ғами яксола бираст.

Омад ба тараб дар лаби ҷӯ кабки хиром,
Бо шавқ занад қақба ҳаме рӯзи тамом.
Дар базми сияҳгӯш расад рӯз ба шом,
Тарсе набувад дигар варо аз даду дом.

Гулбоғ шуда базмгаҳи тӯтию сор,
Бар гӯш расад ғулғулаи савти ҳазор.
Ку-ку бингар, гашта кунун ҳамдами ёр,
Наврӯз зи рӯзи азал аст шодишиъор.

Наврӯзу Ватан аҷаб дилоро шудааст,
Сар то сари он тӯю тамошо шудааст.
Гулдухтари Наврӯз чи раъно шудааст,
Садсола кас имрӯз чу барно шудааст.

Наврӯзисанам ба карру фар меояд,
Гулчамбари Наврӯзӣ ба сар меояд.
Пеши қадамаш сад гули тар меояд,
Пиндорӣ, ба тан ҷони дигар меояд.

Аз шавқи дил имрӯз ҷавон мерақсад,
Ҳам пири ба қад гашта камон мерақсад.
Модар ба қатори духтарон мерақсад,
Наврӯз шуду ҷумла ҷаҳон мерақсад.

Шукрона, ки Наврӯз ҷаҳонӣ шудааст,
Наврӯз ҷаҳонӣ ҷовидонӣ шудааст.
Маҷмӯаи ишқу меҳрубонӣ шудааст,
Пайғомбари сулҳу амонӣ шудааст.

Эй оламиён! Ҷашни ҷаҳонӣ табрик!
Сарҳалқаи ишқу меҳрубонӣ табрик!
Бар зарду сиёҳу ориёнӣ табрик!
Ин муждарасони зиндагонӣ табрик!

## СОЛҲО РАФТАНД

Солҳо рафтанд,
айёми ҷавонӣ ҳам гузашт,
Ҷӯши он аммо даруни синаам ҷовид монд.
Лаҳзаҳои бебадалро,
ишқ сӯзони маро,
Изиробамро,
ҳабиби ман намефаҳмид, монд.
Ёди рӯи лолагуневу баҳори хурраме
Пеши чашмонам ба рӯи қуллаи уммед монд.
Солҳо рафту зи нав мебинамат пеши назар,
Рӯ ба рӯям омадию боз бинмудӣ салом.
Чун кабӯтарҳои танҳо дил даруни синаам
Метапад,
то ки раҳо ёбад зи банди худ, зи дом.
Ту гумон кардӣ, ки бинмудам фаромӯшат магар?
«Ёд дорӣ?» гуфтию худро шиносондӣ ба ном.
«Ёд дорӣ?» гуфтию шуд пеши чашмам ҷилвагар:
Навбаҳороне, ки ҳар гул буд монанди чароғ,
Рӯи гулгун, қадди мавзуну қабои лолагун
Тофт дар чашми сарам чун лола байни чорбоғ,
Пай набурдӣ аз нигоҳам,
ҳар куҷо пас дидамат,
Ҳар қадам,
ҳар як сурудам дошт оҳанги суроғ…
Солҳо рафту зи рӯи мавҷ
дарёи ҳаёт
Чун шафақ акси рухатро аз нигоҳам дур кард,
Лек даври пурсафои мо дар оғӯши Ватан
Ҳар куҷо моро ба тарзи дигаре масрур кард.

Ман шудам омӯзгори халқу фарзандони халқ,
Дасти меҳнат ҳам туро як одами машҳур кард.
Солҳо рафту нарафт он сол чун оғози ишқ,
Рӯзҳо рафту нарафтӣ ҳеҷ аз пеши назар.
Ман ҳамонам, дар сари роҳи ҷудоӣ интизор,
Гарчи ин оғозро додӣ ту анҷоми дигар.

## ТАРОНАИ НАВРӮЗӢ

Сармо бигузашта навбаҳорон омад,
Якбора ба раъду барқу борон омад.
Бо бӯи хуши чукриву торон омад,
Бо файзу саховати ҳазорон омад!

Гул гуфт: ба хандаҳои худ бебокам,
Бо рӯи хушу пираҳани садчокам.
Эй ёр, ту қадри ошиқӣ кай донӣ,
Вой аз дили доғу дидаи намнокам!

Гул гуфт, ки булбул ошиқи зори ман аст,
Ҳам ҷои нишасти ӯ сари хори ман аст,
Шаб то ба саҳар дар ишқи ман менолад,
Ҳар нолаи зори ман мададгори ман аст.

Садбарги тарам, ман зи чаман канда шудам,
Бар дастаки ошиқам зада ганда шудам.
Пажмурда шуда ба хоки тар афтида,
Сабзидаму дар рӯи раҳаш зинда шудам.

Наврӯзаму фасли навбаҳор овардам,
Гулҳои шукуфтаи қатор овардам.
Бар маҳфили дилбарони сабзинаи худ,
Ман шодиву бахти бешумор овардам.

## БО ЧОДАРИ НАВРӮЗӢ
*(Суруд)*

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Дар кӯчаву гулгашташ
Гулғунча шукуфон шуд!

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Ҳар кӯчаю боғи он
Рашки чаманистон шуд.

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Сад гӯшаи ободе
Бар дида намоён шуд.

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Дар давраи Истиқлол
Як машъали тобон шуд.

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Дар субҳи умеди он
Хуршед чӣ хандон шуд!

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Чун куртачакан духтар
Зебандаи даврон шуд.

Бо чодари наврӯзӣ
Кӯлоб гулафшон шуд.
Донӣ, ки чунин зебо
Аз ҳиммати Раҳмон шуд.

## АБРИ БАҲОР

Эй навбаҳор,
Олиҳаи ҳусни оламӣ,
Рамзи ҷавонию дили пуршӯри одамӣ.
Чун ёри сабзқомати ман сабзу хуррамӣ,
Боре зи рӯи меҳр маро кун навозише.

Хуш омадӣ! Ба базму тарабҳо зи роҳи дур,
Чашмони ман зи сабзаи рӯят гирифт нур.
Дил пеши ҳусни туст чу як тифли носабур,
Чун ширбӯй кӯдаки таннози модаре.

Он абрҳои синасафеди чу боли қӯ
Ёд оваранд, ёд зи дунёи орзӯ.
Чун ёдҳои ман ҳама дам рафта сӯ ба сӯ,
Гӯё ки бахти гумшударо ҷустуҷӯ кунанд.

Абри баҳор! Рез сари роҳу кӯ ба кӯ,
Дарё шаву бубар самари хеш ҷӯ ба ҷӯ.
Сарсабз бод кишти ман аз оби ҷӯи ту,
Абри баҳор, рез ба домони файзбор!

## АЗ ЛАБОНАТ

Аз лабонат шаҳд резад қатрае дар ҷоми ман,
Замзами Фирдавс гардад ҷовидон бар коми ман.
Аз хирому мақдами ту зулмати шаб даргурез,
Дар хаёли рӯи ту равшан шавад ҳар шоми ман.
Саҷдагоҳи ин дили саргашта бошад кӯи ту,
Хоки роҳи ту хабар дорад аз ин пайғоми ман.
Гарму сардиҳои олам ақли хомеро напухт,
Аз шарори ишқи покат пухта гардад хоми ман.
Қудрати ишқ аст моро зинда дорад баъди марг,
Ибтидои зиндагониям бувад анҷоми ман.
Дар дили ман тухми ишқат ҷовидонӣ коштӣ,
Кай расад санги адӯ бар гӯшаи ин боми ман.
Дар ҷаҳони ошиқон бошад маро номи баланд,
Мешавад бадном ҳар кас, мекунад бад номи ман.

## ДУБАЙТИҲО

Муҳаббат оташи шабсӯз бошад,
Аз он дар дидаҳо Наврӯз бошад.
Надорӣ чун хабар аз ишқи сӯзон,
Шаби ту ҷовидон берӯз бошад.

Муҳаббат зодаи даври ҷавонист,
Асоси дардҳои ҷовидонист.
Набитвонӣ гурезӣ аз муҳаббат,
Муҳаббат ҳамчу тири ногаҳонист.

Парешон кардаӣ гулҳои боғат,
Наояд гулпарасте бар суроғат.
Бичӯӣ ҳар қадар ишқу муҳаббат,
Худоҷон, сад шавад ҳар дарду доғат.

Даруни номаам садбарги тар буд,
Зи ҳоли зори ошиқ бохабар буд.
Нафаҳмидӣ, ки ранги аҳмари он,
Нишони қатраи хуни ҷигар буд.

Сари сарсони ман сарсон бимонад,
Чу гарди домани ҷонон бимонад.
Набардорам сарам аз саҷдаи ёр,
Биҳишту қибла гар ҳайрон бимонад.

Кучоӣ, ай чароғи синаафрӯз,
Ба ёдат мекашам оҳи ҷигарсӯз.
Фироқат хонаи дил тор карда,
Намеоӣ чаро, ай хандаи рӯз?

Чароғи равшани ҳар базму маҳфил,
Бидодам ҷо туро дар хонаи дил.
Давидам аз пасат манзил ба манзил,
Барои ман нашуд як бӯса ҳосил.

Сари зулфат, ки дар фармони ман буд,
Муҳаббат қиблаи армони ман буд.
Ҷудоии сару зулфат зи дастам,
Ҷудоии ману имони ман буд.

Қалам чун роздони ошиқон аст,
Ҳамеша ашкбору безабон аст.
Бидорад то ки махфӣ рози ошиқ,
Сарангуштони ошиқ дар миён аст.

## АФСОНАИ НАВРӮЗ

Само гулрез гардида, Замин гулпӯш мебинам,
На сардиҳои моҳи дай, на барфи дӯш мебинам.

Замину Шамсро бо ҳамдигар анбоз мебинам,
Замину Осмон бо ҳам баҳороғӯш мебинам.

Даҳони ғунчае во шуд, садо омад: «баҳори ман»,
Қанорӣ бо наво омад: «Ба роҳат интизорам ман»,

Шунидам ҳарфи розолуди абри моҳи фарвардин:
«Агар Наврӯз меояд, зи шодӣ ашк борам ман».

Бидидам боғро, он дилбари симинапероҳан,
Гулафшонаст домонаш нисоре пурбаҳо дорад.

Бупечад шохаҳо чун дастҳои дилбаре рақсон,
Зи боди бӯигулогин хиромон рақсҳо дорад.

Бидидам кӯҳро, пири забуни қарнҳо дида,
Магар аз аҳди Зардушт аст, кунун «Позанд» мехонад.

Наёбад рози гашти Чархи даввори фалаксоро,
Ба-д-он чарху ба-д-ин Наврӯз сад аҳсант мехонад.

## НАВРӮЗ ШУД ҶАҲОНӢ

Ин иди бостонӣ чун муждаи ҷавонӣ,
Бахшида шодмонӣ, эй дӯст, муждагонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ!

Ин Гуларӯси зебо имрӯз маҳфилоро,
Тасхир карда дунё, эй дӯст, муждагонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ!

Наврӯзи нозпарвар, рӯзу шаби баробар,
Шуд ифтихори кишвар, эй дӯст муждагонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ!

Дилҳои мо мунаввар аз накҳати муаттар,
Аз бӯи мушку анбар, эй дӯст, муждагонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ!

Мақбули кулли одам, машҳури рӯи олам,
Шоиставу муаззам, эй дӯст, муждагонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ!

Холӣ зи ҷурму иллат, бо беҳтарин фазилат,
Иди наҷиби миллат, эй дӯст, муждагонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ!

Бо ҳусни дилбарона, бо шӯри ошиқона,
Бо хуштарин тарона, эй дӯст, муждагонӣ,
Наврӯз шуд ҷаҳонӣ!

## ОШИҚИ БАҲОР

Чу ошиқам ба баҳору баҳор бехабар аст,
Зи доғи лолаи дил кӯҳсор бехабар аст.
Ба гӯши ман нарасад ҷуз суруди шаршараҳо,
Ман огаҳам зи садош, обшор бехабар аст.
Варо чу ҳамдами сабзина сабз мехоҳам,
Рабуда ақли маро сабзазор, бехабар аст.
«Маҳи манӣ!» Ба ман ӯ гуфту моҳ пинҳон шуд,
Зи моҳи ӯ маҳи шабзиндадор бехабар аст.
Агарчи қоқую ҳулбӯ ба дардҳо доруст,
Зи неъмати лаби худ ҷӯйбор бехабар аст.
Баҳори тоза чунон ҳусн дода бар ватанам,
Ки аз ҷамоли расояш баҳор бехабар аст.

* * *

Боз омада маро ба канор ин хуҷастапай,
Дода ҷамоли нав ба диёр ин хуҷастапай.
Болида гашт хотири дил аз қудуми ӯ,
Наврӯзи нозанину баҳор ин хуҷастапай.
Ҳар сол навбаҳор шавад, шод мешавам,
Аз синаҳо рабуда қарор ин хуҷастапай.
Нилӣ самову сабз замин аз латофаташ,
Гулзори хеш карда нисор ин хуҷастапай.
Дар синаҳои санг бирӯёнд лолаҳо,
Дар кӯҳ карда гаштугузор ин хуҷастапай.
Аз накҳату нафосати ӯ рехта гуҳар,
Шӯяд зи рӯи даҳр ғубор ин хуҷастапай.
Рӯёнад ӯ гиёҳи сафобахш аз замин,
Бар ҷони хаста дода мадор ин хуҷастапай.
Боз омада маро ба канор ин хуҷастапай,
Наврӯзи нозанину баҳор ин хуҷастапай.

## БАҲОР

Баҳор ҳам расиданист,
Баҳори ошнову роздони мо расиданист.
Ба базми ошиқони пир
Мусоҳиби ҷавони мо расиданист.

Биё, барои ҳурматаш
Зи ишқ гуфтугӯ кунем.
Ва байтҳои хуфтаро
Зи кунҷи зеҳн ҷустуҷӯ кунем.

Баҳор, эй дугонаи азиз, эй Баҳор,
Қасам ба ҳурмати Худо,
Ки бе ту ранг дар замона нест,
Бидуни ту дубайтию фасона нест,
Ҳузури ту далели он бувад,
Ки ишқи поку ростин фасона нест.

Баҳор, эй дугонаи азиз, эй Баҳор,
Ба боғҳои хушки зиндагӣ
Биёву накҳати фасонаро биёр!!!

## ОШИҚОНА

Ало, беҳтар аз ин дунё, зи чашмони ту метарсам,
Наметарсам зи кас, аммо зи чашмони ту метарсам.

Агар чашми ту фармояд «ғуломам бош!», хоҳам буд,
Ки аз баъди Худо танҳо зи чашмони ту метарсам.

Ду чашмони ту дарёянд, аммо сахт тӯфонӣ,
Наметарсам ман аз дарё, зи чашмони ту метарсам.

Чӣ савдоест дар чашмат, ки бо и н қадр шайдоӣ
Мани пуршӯру пурсавдо зи чашмони ту метарсам.

Зи чашмони ту метарсам, – агар пурсад маро зоҳид,–
Ва ё аз маҳшари фардо? Зи чашмони ту метарсам.

Чунин мегӯяму аммо ба ёди чашмҳои ту
Дилам гум мезанад, оё зи чашмони ту метарсам?

## НАВРӮЗ МУБОРАК БОД

Бишкуфта гули бодом,
Ҳам олуву олуча.
Чун савт расад бар гӯш
Аз ҳавливу аз кӯча:
Имрӯз муборак бод,
Наврӯз муборак бод!

Гулдаставу гул бар даст,
Ҳар кӯдаки гулгардон,
Бо чеҳраи ҳамчун гул
Ово бикунад хандон:
Имрӯз муборак бод,
Наврӯз муборак бод!

Аз шохаи ҳар нахле
Мурғони суханпардоз,
Бо замзамаи ширин,
Аз шавқ диҳанд овоз:
Имрӯз муборак бод,
Наврӯз муборак бод!

Чун пайки баҳор ояд,
Дар ҷомаи гулдӯзӣ.
Гул бар сару гул дар бар,
Маҳбубаи наврӯзӣ.
Имрӯз муборак бод,
Наврӯз муборак бод!

Аз хона бурун оям,
Чархида дар ин савдо.
Сархуш зи баҳори нав,
Ман ҳам бикунам ово:
Имрӯз муборак бод,
Наврӯз муборак бод!

Наврӯзи Аҷам акнун,
Наврӯзи ҷаҳонӣ шуд.
Рамзи гулу зебоӣ,
Ҳам ишқу ҷавонӣ шуд.
Имрӯз муборак бод,
Наврӯз муборак бод!

Оғози баҳорон аст,
Ин рӯзи хушу фирӯз.
Бошад, ки бувад доим,
Дар ҷумла ҷаҳон Наврӯз.
Имрӯз муборак бод,
Наврӯз муборак бод!

## БАҲОРИ НОЗ

Салои ишқ дар баҳру бар омад,
Баҳори сабзгар аз дигар омад.
Гилеми сабза пояндози раҳ шуд,
Арӯси сол зери чодар омад.
Насим аз ишқ чун ҳарфу ҳиҷо гуфт,
Фиғон аз ҷони булбулҳо баромад.
Садову савти наврӯзи дилафрӯз,
Навову нағма то пушти дар омад.
Худоро, оқибат дарвоза во шуд,
Баҳори ноз ҳам аз дар баромад.
Дили шӯридаам майли ғазал кард,
Қалам аз шавқ рӯи дафтар омад.

## НАВРӮЗНОМА

I

Эй ҷӯра ба каф ҳадяи Наврӯз биё,
«Ҳар лаҳзаву ҳар дақиқа, ҳар рӯз биё.»
Бар сайри чаман, сайри чаман, сайри чаман,
Бо пироҳани сафеди гулдӯз биё.
Дар гӯши дилат қақраи кабкони дарӣ,
Дар умқи дилат алови ҷонсӯз, биё.
Аз кишвари сабзи Ҳинд, Эрону Ироқ,
Аз водии Қандаҳор пирӯз биё.

II

Ҳар рӯз биё, ки базм бунёд шавад,
Андӯҳи дили ғариб барбод шавад.
Аз дидани рӯи дӯст, аз хандаи дӯст
Дил шод шавад, шод шавад, шод шавад.
То соли дигар, соли дигар соли дигар,
Мурғи тараб андар паи фарёд шавад.
Ё раб, магузор аз сари нав, аз сари нав
Ширин зи паи куштани Фарҳод шавад

III

Ҳар рӯз бимон по ба дарам, по ба дарам,
По мон ба дарам, ҷӯраи лахти ҷигарам.
Бо як дили кони шодию кони фараҳ
По мон ба дарам, ки гум шавад дарди сарам.
Наврӯзи Аҷам ба шавқ, Наврӯзи Аҷам
Гул баста ба зулфаконат, эй тути тарам.
Монанди ту хоҳам, ки битобам ба назар,
Эй тути тари ҳамеша рӯ бар самарам.

## ТАШРИФИ НАВРӮЗ

Наврӯза бин, Наврӯза бин,
Наврӯзи дилафрӯза бин.
Зеби қади ҳар як санам
Пироҳани гулдӯза бин.

Саҳрои дил дар лола ғарқ,
Дар лола набзи ёла ғарқ.
Дар лолабоғи чашми ман
Сад маҳваши қинғола ғарқ.

Субҳи ҷамолиспед нав,
Хандидани хуршед нав.
Дар растаҳои шаҳри ишқ,
Арғушти маҷнунбед нав.

I

Пиру ҷавон қарсак занед, омад баҳор,
Дарвозаро тақ-тақ занед, омад баҳор.
Эй маъшуқон, эй маъшуқон, эй маъшуқон,
Бар ошиқон чашмак занед, омад баҳор.

II

Себаргаҳо зулфи каҷи ҷонон барин,
Себаргаҳо маҳбубаи рақсон барин.
Аз бодаву шаббодаи идона пур
Себаргаҳо паймонаи риндон барин.

## БОРОН

Ҷаҳонро мекунад шодоб борон,
Диламро пуртабу пуртоб борон.
Зи нӯки кокулони майдабофам,
Бирезад ҳамчу дурри ноб борон.

Қатраҳо дар рӯю мӯям,
Гулчароғест аз баҳорон.
Дар нигоҳи ман дурахшад,
Шабнами армони ёрон.

Бибор, эй оби рухсори нигорон,
Бибор, эй шаҳди нобы рӯзгорон.
Ки пайғоми шукуфтан оварад боз
Садои нарму ширини баҳорон.

Қатраҳо дар рӯю мӯям,
Гулчароғест аз баҳорон.
Дар нигоҳи ман дурахшад,
Шабнами армони ёрон.

Баҳорон ибтидои гулшукуфт аст,
Арӯси нозпарварде ба дунёст.
Ҳамин як лаҳза бо ӯ роз гуфтан,
Чи дилҷӯву чи ширину чи зебост.

Қатраҳо дар рӯю мӯям,
Гулчароғест аз баҳорон.
Дар нигоҳи ман дурахшад,
Шабнами армони ёрон.

# БОДУ БОРОН

Тирезаам бикӯбад ангушти нарми борон,
Чун ошиқи ҳаросон бас беқарору ларзон.
Ашки саҳоби гирён аз шишаҳо таровад,
Чун ашки шашқатори ёрон ба шоми ҳиҷрон.

Дар хонаам дамодам ҷаввола мезанад барқ,
Чашмони ёр гӯё сӯям назора дорад.
Хоҳам, ки сер бинам барқи нигоҳи ӯро,
Чашмам зи барқи чашмаш тобе вале надорад.

Ҳар дам ба гӯшам ояд фарёди раъди ғуррон,
Гӯӣ ба дард нолад ёрам зи доғи ҳиҷрон.
Хоҳам фасона гардад ишқам ба рӯи олам,
Бо ҳар касе бигӯяд ҳар ҷой рози пинҳон.

Тирезаро кушоям ман баъди раъду борон,
Бар хонаам дарояд бебок боди саркаш.
Бӯсида аз ду рӯям, мӯям кунад парешон,
Рӯҳи маро фазояд бо шӯхиҳои дилкаш.

## НАВРӮЗ

Наврӯз расид эй ёр, пазмонаму пазмонам,
Кош ой канори ман, сар монӣ ба домонам.

Эй марди қавипайкар, эй шӯҳраи сад кишвар,
Хомӯш намегардад, ин оташи сӯзонам.

Аз рашк шавад ахгар ин пайкараи нозук,
Чун шӯъла намегирӣ, ман волаю ҳайронам.

Шодона ҳамегардӣ фориғ зи ғами олам,
Завлона ба пои дил, саргаштаву нолонам.

Сад рози ниҳон дорам, бигзор сухан гӯям,
Абр аст ҳавои дил, гирёнаму гирёнам.

Оғӯши биҳиштӣ ку, ман дар алави дӯзах,
Аз маскани зулмонӣ, бар сӯи гулистонам.

Он Юсуфи сонӣ ку, овозаи олам шуд,
Лабташнаи меҳри ӯ дар кӯҳу биёбонам.

Ин ҷо ба назокатҳо аз ишқ алам кардам,
Бахшой гуноҳамро, ман духтари нодонам.

## НАВРӮЗ, БИЁ ИМСОЛ

Наврӯз биё имсол,
Эҳё бишавам аз нав.
Ҷабру ситам охир шуд,
Субҳ аст, шаб охир шав.
Дар силсилаи шабҳо,
Нолон будам аз андӯҳ.
Растам зи ғами олам,
Аз таънаи он берӯҳ.

Аз қисмат агар омад,
Ранҷу ситами бисёр.
Ку зиндагӣ, ин марг аст,
Дар ишқ шудам ночор.

Дар боғи ҷавонам боз,
Рӯида гули уммед.
Гарм аст дилам боз о!
Аз нури ту, эй хуршед!

Чун ҳури биҳиштиям,
Наврӯз биё имрӯз.
Набвад гунаҳам дигар,
Наврӯз биё фирӯз.

## ҒУНЧАИ ПУРНОЗ

Дар зери барф будам,
Як ғунчаи пур аз роз.
Дар чашми дил нуҳуфта,
Ишқу муҳаббату роз.

Дарёфтам замоне,
Хуршед шӯъла мезад.
Барф об мешуд аммо,
Ях бар дилам ҳамезад.

Гуфтам, ки хоби ғафлат,
Шукро ба охир омад.
Шаҳзодаи муносиб,
Моро муқобил омад.

Аз барфу боду борон,
Моро панаҳ намояд.
Оғӯши хештанро,
Аз баҳри мо кушояд.

Бахт омад аз раҳи дур,
Бо вай баҳорам омад.
Бишкуфта шеър гуфтам,
Ёрам канорам омад.

## НАВРӮЗИ ОРИФОНА

Наврӯзи орифона,
Бо лутфу бо тарона.
Бо рақси сӯфиёна,
Бо чангу бо чағона,
Бо меҳру бо муҳаббат,
Бо шавқи ошиқона,
Аз кӯҳу пушта омад,
Бо ханда ёна-ёна.
Ҳам оташи дили ман,
Якбора зад забона.
Гарчанд безабонам,
Хурсандам аз замона.
Эй Суғдзоди миллат,
Фардот ҷовидона.

## БОРОНАКИ НАВРӮЗӢ

Боронаки наврӯзӣ,
Меҳрубону дилсӯзӣ.
Ба модари мо – Замин,
Чакани хуб медӯзӣ.
Боронаки наврӯзӣ,
Боронаки наврӯзӣ.

Ҳай мерезӣ, мерезӣ,
Бо гулҳо меовезӣ.
Гулҳо, ки хушбӯ шаванд,
Бӯи гулҳо мебезӣ.
        Боронаки наврӯзӣ,
        Боронаки наврӯзӣ.

Роҳати Замин-модар,
Модари ин баҳру бар.
Бо пироҳани сабзаш,
Надорад ӯ карру фар.
        Боронаки наврӯзӣ,
        Боронаки наврӯзӣ.

Пасу пеши пуштаҳо,
Сабзаҳою сабзаҳо.
Обаки форами ту,
Барояшон шуд раво.
        Боронаки наврӯзӣ,
        Боронаки наврӯзӣ.

## НАВРӮЗӢ

Баҳор омад, дарахтон ғарқаи гул,
Ба васфи гул ғазалхон гашт булбул.

Ба гул худро ҳамеорост дилбар,
Чи хуш хандад гуле дар банди кокул.

Зи сози кабку аз оҳанги қумрӣ
Саросар шуд ҷаҳоне пур зи ғул-ғул.

Ба оҳанги наю чангу дафту тор
Ба гардиш гулрухон чун хирмани гул.

Хушо, оне, ки шуд ошиқ ба ёре,
Бидон, оне, ки бошад дар тағофул.

Биё, мастӣ кунем, эй дӯст,бо ҳам,
Шунав аз шишаи ҷон рези қул-қул.

* * *

Баҳоро, бо гулу гулдаста боз о,
Ба назди ошиқи дилхаста боз о!

Биёву мешикан занҷири сармо,
Сафобахши дили яхбаста боз о!

Ҷудо шуд андак-андак барфу гул руст,
Баҳори чун арӯс, оҳиста боз о!

Зимистонам басе захму ситам дод,
Ту чун марҳам ба ҷони хаста боз о!

Биё сарсабз, сарморо биронем,
Ба сарсабзӣ чунин пайваста боз о!

## БАҲОРИ ДИЛ

Баҳор омад, ба бар пироҳани сабз,
Туро, сабзина, бас зебанда бинам.
Баҳор омад, кушо қулфи гиребон,
Гули уммеди худро бо ту чинам.

Туӣ гулдастаи фасли баҳорӣ,
Димоғам шуд муаттар аз шамимат.
Хасисӣ мекунӣ дар ишқ то кай?
Биё, боре бигирам дар ҳаримат.

## ФУРСАТИ НАВРӮЗ

Мужда расонад сабо, фурсати Наврӯз шуд,
Сабза занад дасту по, фурсати Наврӯз шуд.

Рӯд барорад садо, рӯзи муборак расид,
Лола бихезад зи ҷо, фурсати Наврӯз шуд.

Чашма ба дидори Шед аз таги барфи сафед,
Менигарад бо сафо, фурсати Наврӯз шуд.

Абр чу оташпараст машъалае рӯи даст,
Чарх занад дар ҳаво, фурсати Наврӯз шуд.

Дар бари кӯҳи Ватан майсаву баргу суман,
Оҳу намояд чаро, фурсати Наврӯз шуд.

Рӯи кафи мавҷи маст моҳии дарё биҷаст,
Нуқразанон хуш ҷило, фурсати Наврӯз шуд.

Мурғи чаман бо суруд гуфт ба гулҳо дуруд,
Ғунча ба берун баро, фурсати Наврӯз шуд.

Ёла бизад гул ба бар, дашт бишуд сабзу тар,
Рӯзу шаб омад ба ҷо, фурсати Наврӯз шуд

## ГУЛИ НАВРӮЗ

Созад нафаси борон эҳёи гули наврӯз,
Себаргаи гулгардон дар пои гули наврӯз.

Хуршед, кашад зарҳал бар водию дашту тал,
Созад карами нураш парвои гули наврӯз.

Аз чоки паранди абр ояд ба тамошо маҳ,
Шаб шаҳри чароғони саҳрои гули наврӯз.

Ҳар қатраи боронӣ чун шаддаи марҷонӣ,
Аз абри баҳорон аст савғои гули наврӯз.

Хоки сияҳ аз шодӣ месабзаду меболад,
Дар манзари дил дорад дунёи гули наврӯз.

Хоки сияҳ аз шодӣ месабзаду меболад,
Дар манзари дил дорад дунёи гули наврӯз.

Бо замзами шево, бо лаҳни чаманоро
Шуд булбули дилдода шайдои гули наврӯз.

Ҳар шабнами маҳпора чун хонаи истора,
Дар барги зарандуди хазрои гули наврӯз.

* * *

Наврӯз омад, хуш дилам аз чеҳраи дилҷӯи гул,
Шуд ҷӯр тори ҳар нафас аз файзу рангу бӯи гул.
Аз ҷайби хок омад бурун себаргаву ҳулбӯю ёс,
Шавқи тамошо мекашад, дилро дамодам сӯи гул.
Аз синаи худ кун бадар, ёро, ғаму андӯҳи дил,
Мекӯш умрат бигзарат танҳо ба гуфтугӯи гул.
Дар боғи тоҷикон гули ваҳдат чу бинмояд нумӯъ,
Покиза гардад сарбасар гарду ғубори рӯи гул.
Саҳронавардон як ба як Маҷнуни ишқи ман шуда,
Раъноию ширинзабониҳои ман аз хӯи гул.

## ТАМАННОИ НАВРӮЗӢ

Тарфи чаман лолазор, сайри гулистон кунед,
Тӯҳфа ба ёри азиз аз гулу райҳон кунед.
Нури фараҳ медамад, аз лаби домони субҳ,
Баҳри дили ташналаб лутфи худ арзон кунед.
Дар ҳаваси молу ҷоҳ, кӯшиши бесуд чаро?
Ишқи Меҳан парваред, ҷумлагӣ ҳайрон кунед.
Мо написандем ҳавас, ҳарфи муҳаббат зи кас,
Ҳарфи талаб аз нафас сокиту пинҳон кунед.
Шӯхии парвози табъ то ба фалак мерасад,
Сози таваҷҷӯҳ ба мо кошкӣ арзон кунед.
Ҳофизу Саъдӣ кушуд банди гираҳ бо Сухан,
Аҳли Ватанро закӣ, шеъру ғазалхон кунед.
Қобилу таҳсину мадҳ гарки нашуд ҳарфи хуш,
Ашки пушаймони худ то бари домон кунед.

Ҳарза намепарварад ҷодаи созандагӣ,
Дар раҳи рушди Ватан кори басомон кунед.
Бар лаби боми умед, духти саҳар мерасад,
Хонаи нодониву ҷоҳилӣ вайрон кунед.
Ҳазрати Одам падар буда Ҳаво моми мост,
Ҳусни таваҷҷӯҳи хеш ҷониби инсон кунед.
Манзараҳои дилам во шуда пеши касон,
Ин хабари нози Маҳ дар бари султон кунед.

* * *

Лола ба саҳро шукуфт, бод муборак баҳор,
Шаҳр чунин тозарӯст, ин ки набуд соли пор.
Шоҳини толеъи мо пар-пари шодӣ занад,
Дӯши дилу ақли мо мекашидам бори ор.
Хона ба хона расид пои фараҳ нуру сур,
Боз бубинем кош, ой бурун ай нигор.
Мавсими ҳулбӯю ёс, қоқуву наъно расид,
Маст кунад шанбалид боз физояд хумор.
Дар чамани ёди мо оҳуи ҳис мечарад,
Чоштгаҳ аст вақти сайд, кист ки созад шикор.
Давлати мухтори ақл, дар талаби ту фитод,
Даст ба ваҳдат бинеҳ, дур нарав аз канор.
Ҳар чи бигӯям шунав, ҷони тану ҷони ҷон,
Ин гули Раъно раҳо кардӣ ту аз банди хор.

## НИЁИШИ БАҲОР

Фасли рағбат, навбаҳорон зинда бод!
Ишқи нав, эй, дӯстдорон, зинда бод!
Пар кушода муғчаҳо чун шабпарак,
Ғунчаи нашкастаармон зинда бод!
Рӯзии нав оварад деҳқони давр,
Ранҷу ганҷи марди деҳқон, зинда бод!
Худшиносиву накӯиву хушӣ,
Умрҳо байни ҷавонон, зинда бод!
То нагардад тифлаке ҳаргиз ятим,
Ҳам падар, ҳам модари ҷон, зинда бод!
Ёди қурбонгаштагон баҳри Ватан,
Дар дилат, эй Тоҷикистон, зинда бод!
Ишқи миллат синаам орад ба сӯз,
Зинда бод, ин ишқи сӯзон, зинда бод!

## ҲАДЯ

Олам оҳанги баҳорон мекунад,
Абри хотир майли борон мекунад.
Бӯстони синаи мо хушҳавост,
Сӯи худ даъват ба ёрон мекунад.
Ҳар адои нордонтамъи нигор,
Маззаи ревоҷу торон мекунад.
Аз шукуфтанҳои ин ҳусну ҷамол,
Таъби ман савти ҳазорон мекунад.
Сӯҳбат аз имону ихлосу вафо,
Ақли ман бо ҳақгузорон мекунад.

Мисраву ҳарфу ҳиҷоям, дӯстон,
Шукрҳо аз рӯзгорон мекунад.
Дар раҳи ҳифзи Ватан ҷону дилам,
Пайравӣ аз Сарбадорон мекунад.
Фикри хайри хешро Меъмори мо,
Ҳадяи ҳикматшиорон мекунад.

## ПАЙКИ НАВРӮЗ

Хуршед ғарқи нур,
Озода мисли ҳур,
Олам пур аз сурур,
Наврӯз мерасад.

Мурғон таронахон,
Хушнуд кӯдакон,
Дилшод боғбон,
Наврӯз мерасад.

Пудина дар нумӯъ,
Бодом шукуфтарӯ.
Дунёи рангу бӯ,
Наврӯз мерасад.

Ҷӯборҳо пуроб,
Об аст пуршитоб,
Дил мекунад хитоб,
– Наврӯз мерасад!

Нармак вазид бод,
Ҳангоми бомдод,
Чун ёри хушниҳод,
Наврӯз мерасад.

Ҳар лола чун чароғ,
Дар кӯҳу дашту боғ,
Аз дил зудуда доғ,
Наврӯз мерасад.

Деҳқон ба киштукор,
Бо ҷони беқарор,
Пайғоми навбаҳор,
Наврӯз мерасад.

Қоқу сабад ба сар,
Наргис накӯназар,
Эй, дӯст, хуш нигар,
Наврӯз мерасад.

Досак ҳарирпӯш,
Булбул навохурӯш,
Гӯяд ба гӯши ҳуш:
– Наврӯз мерасад.

Сӯи замини мо,
Борид аз само,
Борони ҷонфизо,
Наврӯз мерасад.

Дашту даман шукуфт,
Ҳар сӯ чаман шукуфт,
Ҳусни Ватан шукуфт,
Наврӯз мерасад.

Ҳар ҷост ҷашну ид,
Дилҳост пурумед,
Олам диҳад навид,
Наврӯз мерасад.

## БАҲОРИ НОЗ

Биё, эй шоири ғамҳо,
Бубин дар сози ин рӯъё,
Замин аз гесувони бедмаҷнун шеър мегӯяд,
Баҳор аз рози найсон сабз мегардад.
Ба сози ишқ гул аз шоха мерӯяд.
Насими бахтро дар нагҳати шаббода мебӯяд.
Гуноҳи ишқи аздилрафтаро,
Борони сабзи ишқ мешӯяд.
Сафо аз осмони рангбори нур,
Аз хуршед меҷӯяд.

Вале ту,
Дар канори дигаре,
Бегонатар аз барфи даймоҳӣ.
Ба ман қаҳрӣ…
Намеҷӯям ман аз афсона, аммо моҳии тилло,
Дили пурқиссаам чун тӯри холист ,
Туро мехоҳам аз дарё!
Туро мехоҳам аз дунё!

Биё, эй шоири ғамҳо,
Ки мо дар банди ҳиҷронем,
Ба элак обро аз хоби нозаш бозмехонем.
Биё! Бо суманак мо оштиро ош мемонем!

Биё, эй шоири ғамҳо,
Мусофирҳо зи шаҳри дур меоянд,
Баҳоронро парасту меситоянд.
Ва дар боли кабӯтарҳо,
Ва дар гулрези ахтарҳо,
Баҳори ноз меояд!
Муҳаббат боз меояд!

## ТАВЛИДИ БАЪДИ МАРГ…

Дигар баҳор бе ту бароям баҳор нест,
Дар сина ҷуз ғами ту дили беқарор нест.
Фарёдҳо, ки мекашам ҷонам ба лаб расид,
Ҷуз нағмаҳои бехудии интизор нест.
Ҳар ҷо баҳор чодари гул мекашад ба сар,
Он лолаҳо, ки чидаӣ дар сангсор нест.
Ин гиряҳо зи сӯзи фироқам надидаӣ,
Ғам табли шодӣ мезанаду ғамгусор нест.
Мо ҳамчу субҳу шом ба ҳам гар намерасем.
Дар офтоб қиссаи шабҳои тор нест.
Тавлиди баъди марги манӣ, эй азизи дур,
Аз ёдҳои гумшуда гарди ғубор нест.
Як шаҳр бе ту холиву беранг у мурда аст,
Он дам мабод, дӯст ҳаме дар канор нест.
Охир Адиба шеваи дерина мекунад,
Ҷуз кӯи ту ба сӯи дигар раҳсипор нест.

## БОЗ БОРОН

Боз борон,
Қосиди рӯзи баҳор аст.
Мезанад бар кӯчаҳои шаҳри барфӣ,
Мебарад барфи диламро…
Мебарад бо худ зимистонро…

Дар раҳи марди муҳоҷир
Резаборон,
Қатра-қатра дар бари рӯ,
Ашкҳои интизор аст.

Мӯи ман тар,
Ҳамчу гесӯи дарахтон.
Шеъри сабзи зиндагиро,
Гуфтаам дар зери борон.

Дидаам дар зери чатри дӯстдорон,
Ишқро бо чашми гирён.

Менамояд, балки ин дурдона дар пои булӯр,
Дар тани мармарнамои бегуноҳаш…
Менависам ҳар саҳар,
Нома аз номи булут, аз барги тар.
Ошиқона,
Ҷовидона,
Дар бари ҳам.
Боз мехонам нигоҳаш,
Оҳ, ин дам майдаборон,
Мекунад бо ҳам никоҳаш.

Резаборон,
Мезанад ангушт,
Мезанад бар шишаи ҷон…
Шоири ман,
Ошиқи ман,
Оҳ, ин дам мезанад мушт,
Бар дари дил,
Бо сад армон.

Оҳ, борон!
Бас макун оҳанги розат,
Нағмаҳои дилнавозат,
Ман чӣ медонам ниёзат?!
Шоирам сад байт гӯяд,
Аз баёзи достони ҷонгудозат.

Оҳ, борон!
Гиряҳои модарам аз пушти ман буд.
Бар замини хонаи мо,
Бар сарову ҳотаи мо,
Бар сари долу дарахтон…

Бар сари ҳар донаи мо,
Боз бор, эй резаборон!

## ДАР СУБҲИ НАВРӮЗ

Субҳи Наврӯз асту ҳар фарде зи дар ояд бурун,
Бо сару савдою пардози дигар ояд бурун.
Аз ҳама буду набуди ину они зиндагӣ,
Аз ҳама дарду аламҳо беасар ояд бурун.
Кӯдаке аз ҳар даре бо завқи тифлиҳои хеш
Ҳамчунон як чӯҷаи навболу пар ояд бурун.
Маҳваше дар нозукӣ аз барги гул нозуктаре,
Гул ба дасту гул ба мӯю гул ба сар ояд бурун.
Мегазӣ лабро ба дандон лаҳзае аз шӯри дил,
Бо лаби пурханда ёри лабшакар ояд бурун.
Бурда ҳар пире ту гӯӣ нотавониро зи ёд,
К-ӯ зи яъсу ноумедӣ бехабар ояд бурун.
Эй мабодо, модаре дар ин сабоҳи дилпазир
Бо алам, бо сӯзу дарду навҳагар ояд бурун.
Аз хатое, аз ҷафое, аз ситамҳое, мабод,
Маҳлиқое бо фиғону чашми тар ояд бурун.
Эй мабодо аскаре дар марзи Меҳан ин сабоҳ
Бо садои тир ё бонги хатар ояд бурун.
Кам мабодо файзи рӯзи рӯзгори он, ки ӯ
Бо умеду орзуи нек агар ояд бурун.

## БАҲОР ОМАД

*(Дубайтиҳо)*

Баҳор омад, гули кӯят шукуфта,
В-аз он беҳтар гули рӯят шукуфта.
Ду чашмам, к-аз хуморат ғунчаҳо буд,
Чу варточе кунун сӯят шукуфта.

Баҳор омад, туро хоҳам фузунтар,
Биронад реша ишқи ту дарунтар.
Маро аз ман чу ҳавре аз заминҳо
Биёрад гармии завқат бурунтар.

Баҳор омад, ҳама дарё дамида,
Чу хуни лола дар саҳро дамида.
Ту-ширандоми ман, аз дар бурун ой,
Ки деги шири сабри мо дамида.

Баҳор омад, зи мо рафта ба мо гашт,
Садобигрифтае андар садо гашт.
Бишуд қалби замин чун аз само гарм,
Ҳама бишкуфтагул дасти дуо гашт.

Баҳор омад, зи ҷӯ оҳанг ояд,
Зи ҳар сӯе накӯ оҳанг ояд.
Зи шавқи дил ба лаб ояд тарона,
Чу аз лабчанги ту оҳанг ояд.

Баҳор омад, ҳама гулҳо шукуфта,
Зи гул боғу чаман, саҳро шукуфта.
Чу гул бояд шукуфтан, то накоҳад
Баҳор аз чеҳраҳои ношукуфта.

Баҳор омад, азизам, кабки рав рафт,
Бидода кӯҳна ҷои худ ба нав, рафт.
Биё, бо нози гармат дил бикун гарм,
Ки моро вақти ҳезуму алав рафт.

Баҳор омад, чи арзон рангу бӯе,
Зи борон хушадо бас тори ҷӯе.
Магардон пушти худ бар пушта, бингар,
Ту базми лолачини лоларӯе.

## БАҲОРИ САБЗ

Ба рӯзгори сабзи мо
Баҳори сабз мерасад,
Ба чашми интизори мо
Нигори сабз мерасад,
Ба боғи гулфишони мо
Ҳазори сабз мерасад,
Ба ҷони беқарори мо,
Қарори сабз мерасад.

Зи нав ниёз мебарем
Ба равзаҳои гулқатор,
Ба ҳури ин биҳишти сабз,
Ба номи духтари баҳор.
Ба шабнами ҷамоли гул,
Ба ҳусни субҳи нурбор.
Ба нахли орзуи дил,
Ба ғунчаи лабони ёр.

Ҷаҳони зиндагии худ
Ҷаҳони сабз мекунем,
Равони зиндагии худ
Равони сабз мекунем,
Замони зиндагии худ
Замони сабз мекунем,
Нишони зиндагии худ
Нишони сабз мекунем.

Шамида атри ҳар гулаш,
Хумори сабз мешавем,
Шукуфта аз гили умед,
Шарори сабз мешавем,
Ба қалби пур зи орзу
Мадори сабз мешавем,
Зи нузҳати баҳори нав
Баҳори сабз мешавем,
Баҳори сабз мешавем.

**НАВРӮЗ**

Гулафшон дар канори чашми пазмон омадӣ, Наврӯз,
Чу пайғоми сабоҳи атрафшон омадӣ, Наврӯз.

Ба сардистони ҷони мо сафою нур бахшидӣ,
Ба мулки орзу хуршеди тобон омадӣ, Наврӯз.

Арӯси нозанини сол, бо пироҳани гулдӯз,
Ту чун гулдухтари шӯху хиромон омадӣ, Наврӯз.

Ҳумоёнмақдаму исонафас ин ҷо расидӣ боз,
Ба ҷисми зиндагӣ монандаи ҷон омадӣ, Наврӯз

Ту оғози ҳама оғозҳои сабзи дунёӣ,
Ба рӯйи каф ҷаҳони хайру эҳсон омадӣ, Наврӯз.

Чу меҳмони азизи хушпаю по дар задӣ имрӯз,
Ба гулбоғи саодат чеҳрахандон омадӣ, Наврӯз.

Гунаҳсӯзию пандомӯзӣ, ай ойини ҷамшедӣ,
Чароғи равшани меҳри фурӯзон омадӣ, Наврӯз.

Бақои умру роҳу рӯзгорат ҷовидон бодо,
Ки ту занҷирапайванди ниёгон омадӣ, Наврӯз!

## НАВРӮЗИ ОРИЁӢ

Хуш омадӣ хиромон, Наврӯзи ориёӣ,
Сарсабзу чеҳрахандон, Наврӯзи ориёӣ.

Аз рӯзгори фирӯз оварда муждаи сабз,
Дар навбаҳори армон, Наврӯзи ориёӣ.

Даври ҳамал расидӣ, гул дар бағал расидӣ,
Ай ойини ниёгон, Наврӯзи ориёӣ.

Шӯру шарар фузудӣ, файзу самар фузудӣ,
Дар хонаи дилу ҷон, Наврӯзи ориёӣ.

Чун ҳур омадӣ ту, чун нур омадӣ ту,
Бар дидаҳои пазмон, Наврӯзи ориёӣ.

Ҳамчун арӯси зебо, бо чеҳраи дилоро,
Гардида кокулафшон, Наврӯзи ориёӣ.

Имрӯз тӯю сур аст аз мақдами хуши ту,
Дар хоки Тоҷикистон, Наврӯзи ориёӣ.

## ГУЛРӮЗИ ҶАҲОН

Наврӯзи чаманоро гулрӯзи ҷаҳон гардид,
Аз мулки Аҷам пайке бар даҳр равон гардид.

Ҳар кишвару ҳар давре доранд нишони хеш,
Наврӯзии мо имрӯз иди ҳамагон гардид.

Ҳар ғунчаи бишкуфта ҳарфи вараҷи саҳрост,
Пайғоми фалак дорад, мактуби замон гардид.

Лабҳои нафиси гул бо рамз сухан гӯяд,
Аз ҳарфи варақҳояш ашъор баён гардид.

Парвозкунон накҳат меҳмони машоми мост,
Бо дасти навозишҳо мақбул ба ҷон гардид.

Симои замин бишкуфт аз хандаи гулзорон,
Пӯшида қабои сабз, хушрӯю ҷавон гардид.

Бо сила лабони барг бигзашт зи марги санг,
Нерӯи навозиш бин, фӯлодтавон гардид.

Аз нақши Аҷам олам орои фузун дорад,
Наврӯзии ҳуснофар гулдӯзи ҷаҳон гардид.

## НАВРӮЗИ АҶАМ

Аз ҳарамгоҳи табиат сабза сар боло кунад,
Чашми ҳастиро кушуда дидани дунё кунад.

Карда боло дастҳояш сӯи авҷи осмон,
Саҷдаҳо бар ин замину садри оламҳо кунад.

Парчами баргони ҷунбон бо ҳазорон мавҷҳо,
Дар замини некроён базми Ҷам барпо кунад.

Хомаҳои осмонӣ рӯи авроқи замин
Бо паи рангинфизояш гулдами саҳро кунад.

Бар гулӯи ғунча қатра ташнабишкан омада,
Дар вуҷуди обхоҳаш ҷони худро ҷо кунад.

Накҳати гулҳои хандон бодҳоро карда маст,
Дастҳояш дар камарҳо рақсҳо зебо кунад.

Кард ошиқ қатраҳоро бӯсаҳои поки барг,
Пеши пои гул фитода розҳо ифшо кунад.

Об гардад қалби сарди барфу ях дар марзҳо
Ваҷди рӯду азмҳояш меҳрро дарё кунад.

Фасли тавлиду навиди рӯзгорон омада,
Муждаи файзи само Наврӯзро бино кунад.

## НАВРӮЗ

Шафақ гул кард аз дидори Наврӯз,
Ҳаё пиндорӣ аз рухсори Наврӯз.

Гулафшон ҷомаи сабзи табиат,
Дурафшон хомаи сабзи табиат.

Сабукборӣ, заифӣ кард бодом,
Зи васли фасли некӯ гашт ноком.

Чу ҳут доман такида рафт аз сар,
Ҳамалро зиндагӣ бигрифт дар бар.

Ҳамал савғо ба мо Наврӯз овард,
Ба дилсардон талошу сӯз овард.

Накӯӣ шуд аён аз фоли Наврӯз,
Бағал бикшо ба истиқболи Наврӯз.

## НАВРӮЗИ КУҲАН ОМАД

Бо чеҳраи болида Наврӯзи кӯҳан омад,
Гул дар бағалаш чида Наврӯзи кӯҳан омад.

Оваҳ, чи сароханда, ин хандаи зебанда,
Хандидаю хандида Наврӯзи кӯҳан омад.

Саднақш ба тан дебо, бо марҳамати зебо,
Бо барқи дилу дида Наврӯзи кӯҳан омад.

Мурғон ба наво паҳ-паҳ, ба қаҳқаҳаву чаҳ-чаҳ,
Ин соз кӣ нашнида? Наврӯзи кӯҳан омад.

Дар хоб чу монд булбул, оҳиста бигуфташ гул:
К-эй ошиқи варзида, Наврӯзи кӯҳан омад.

Гулпӯш бишуд меҳан, гул бар сару бар доман,
Гулханда биборида Наврӯзи кӯҳан омад.

Илҳоми Сироҷиро, саршор хироҷеро,
Сад ҳусн бубахшида Наврӯзи кӯҳан омад.

**НАВРӮЗ МЕРАСАД БОЗ**

Бо домани пур аз зар,
Бо набзи тозаҷавҳар,
Чун товусони хушпар,
Наврӯз мерасад боз!

Бахшандаи ҳарорат,
Бар қалбу бар канорат,
Чун қосиди барорат,
Наврӯз мерасад боз!

Бо синаи пурахтар,
Бо дидаи мунаввар,
Бо панҷаи мусаввар.
Наврӯз мерасад боз!

Аз муғҷа хоб бурда,
Сад изтироб бурда,
Нозу итоб бурда,
Наврӯз мерасад боз!

Бо мақдами саодат,
Бо тӯшаи садоқат,
Бо ҷилваи назокат,
Наврӯз мерасад боз!

## НАВРӮЗ МУБОРАК БОД

Эй кишвари гулрӯён, Наврӯз муборак бод!
Хуршеду маҳи тобон, Наврӯз муборак бод!

Эй чашмаи ҷӯшанда, эй қалби хурӯшанда,
Эй сарвати бепоён, Наврӯз муборак бод!

Эй мулки баҳороғӯш, эй зиндагии дар ҷӯш,
Пирона дуогӯён, Наврӯз муборак бод!

Хуш бош замини ман, хуш бош замони ман,
Бо базму тараб, ёрон, Наврӯз муборак бод!

Сад шукри Худо гӯям, сад шукри шумо гӯям,
Бо сад нияту имон, Наврӯз муборак бод!

Машҳур бишуд тоҷик аз бахти баланди хеш,
Дунё бишавад ҳайрон, Наврӯз муборак бод!

Дар кӯи вафодорӣ ман вориси сомонам,
Бо аҳдаму бо паймон, Наврӯз муборак бод!

Дар васфи шумо хонам шеъру ғазали худро,
Бо ҳар суханам аз ҷон, Наврӯз муборак бод!

Кашшофи муҳаббат ман, кашшофи садоқат ман,
Кашшофи чунин даврон, Наврӯз муборак бод!

Эй халқи зафарпеша, бо ман шуда ҳамреша,
Эй мулки гуҳаррезон, Наврӯз муборак бод!

Эй ғунчаи бишкуфта, эй рози сабо гуфта,
Бар марду зани деҳқон, Наврӯз муборак бод!

Эй кафтари бахти ман, биншаста ба тахти ман
Бар мужда ба ҳар инсон, Наврӯз муборак бод!

Эй кишвари раҳмонӣ, эй ҳадяи яздонӣ,
Як умр ту ҷовид мон, Наврӯз муборак бод!

## БАҲОРИЯ

Баҳорону баҳорону баҳорон,
Ба сар дорам ҳавои кӯҳсорон.
Кабӯтар дар фазо парвоз дорад,
Ба сӯяш баччае овоз дорад,
Сабо орад насими рӯзгорон.

Баҳорону баҳорону баҳорон,
Ба шарёнам – талоши чашмасорон.
Зи лаҳни шир-шири худ мекунад маст,
Дили шӯридаамро резаборон,
Суруда аз дили чашминтизорон.

Баҳорону баҳорону баҳорон,
Фурӯзон гулхани келинбиёрон.
Диле бо дил шуда ҳамқисмат имрӯз,
Навои булбул ояд бо сад афғон,
Ду гул бо ҳам шавад пайванду печон.

Баҳорону баҳорону баҳорон,
Сари сабзам фидои обшорон,
Намуда шукри дунё модари ҷон,
Бибӯсад, аз рухи навхонадорон,
Баҳорон – наварӯси умри инсон!

## НАВРӮЗ

Наврӯз бар зиёрати чашмони мо расид,
Амвоҷи ханда бар лаби гулдони мо расид.
Зиндони сарди вақт шикасту фурӯ бирехт,
Озодии баҳор ба даврони мо расид.
Аз нав дамида сурхӣ ба рухсорҳои боғ,
Айёми нози тоза ба ҷонони мо расид.
Афканда сӯи миллати тоҷик фурӯғи нав,
Хуршед баҳри ташкили сомони мо расид.
Дар зиндагонӣ омада ҳангомаи рабеъ
Вақти нумӯи донаи армони мо расид.

## ҚАСИДАИ НАВРӮЗӢ

*(Ё Борон)*

Тирезаам бигиряд аз тор-тори борон,
Ёди фироқ дорад савти дутори борон.
Эй абри тираи Вақт, борони васли мо ку?
Паҷмурда менишинам зери нисори борон…
Гар парваридаи ишқ эҷози дилбарон аст,
Ҳусну тароввати даҳр маҳсули кори борон,
Гар киштаҳои ашъор рӯяд зи оби илҳом,
Ин майсаҳо расида аз обёри борон.
Аз гирдудори ошиқ гаҳвораҳо биҷунбанд,
Нашъунамои дона, аз гирудори борон.
Шаббодаи хушомад гулро ба ноз орад,
Ку лолае, ки беноз дар рӯзгори борон?
Дар зери чатри тақдир бас ҷуфтҳо нишаста,
Имрӯз бас каноре андар канори борон…

Мурғони шохсорон амсоли ман хамӯшанд,
Дар ҷумла мардумакҳо созу барори борон…
Гаҳ хори ҳаҷру гоҳе садбарги васл бинем,
Гӯӣ ки нусҳаи ишқ боғи баҳори борон…
Гар дидани рафиқон андӯҳи дил бишӯяд,
Шӯяд ғубори лалмӣ оби мадори борон.
Бас шабнами таманно дар барги синаи мост,
Гулзор акси дил шуд аз ашкбори борон.
Тақдири ашки мо гар дар дасти ҳиссиёт аст,
Дар дасти осмон аст худ ихтиёри борон.
Борони панди пирон додам нумӯи дониш,
Ин дашти сабзгашта худ киштзори борон…
Ё раб расон ба деҳқон, тазвини обу хоке,
То тифли майса рӯяд чун ёдгори борон.
То аҳли Тоҷикистон аз хок ризқ ёбанд,
Бо рӯйи сурх бошад чун лолазори борон.

## ҒАЗАЛИ НАВРӮЗӢ

Соли куҳане гузашту дар ёд бишуд,
Наврӯз зи доми гардиш озод бишуд.
Монандаи Монӣ омаду тарҳи чаман,
Аз нақшу нигори тоза обод бишуд.
Деҳқон қалами каланди худро бикашид,
Сатри гули навхоста эҷод бишуд.
Пошида ба хок донаи ризқу ҳавас,
Мардум ҳама боумеду дилшод бишуд,
Бар гӯш гулу шохаву тан бӯи абир
Субҳе чу сафои ёри навшод бишуд.
Наззора ба амсоли ҳаво ранг гирифт, –
Оинаи гулбозгаҳи бод бишуд.
Наврӯз ба мисли дами Исо бирасид, –
Маҷмӯаи мӯъҷизот бунёд бишуд.

## МЕНАВОЗ ҲАР ГУЛРО

Ошно, менавоз ҳар гулро,
Ҳар гияҳро ба по суҷуд овар.
Хуни барқ аст то раги ҳар барг,
Нури шамси муқаддаси ховар.

Саҷда бар кӯҳи пурғурур овар,
Ҷовидон асту рамзи подорӣ.
Мутаккои диёри зебоям,
Рамзи сабру матонату ёрӣ.

Нахлҳо, зери боду боронҳо,
Шоҳидони саодату меҳранд.
Нахлҳо, дар таровиши борон,
Ровиёни фасонаи сеҳранд.

Бар табиат вафо дареғ мадор,
Ки ба меҳри туаш ниёз бувад.
Мурғаконро азизи худ медон,
Ҳар як он ёри дилнавоз бувад.

Шояд аз рӯи лутф мепурсӣ
Ки аз ин илтиҷо муродам чист?
… Аз ҷаҳолат канор бояд буд,
Дурӣ аз кибр пешаи мардист.

## САВТҲОИ НАВРӮЗӢ

*(Дубайтиҳо)*

Шаби Наврӯзу ҳар истора бехоб,
Нишаста то саҳар дар базми Маҳтоб.
Нависад гӯӣ ҳар як то дами субҳ,
Дубайтие зи дарди ӯ ба Афтоб.

Баҳорасту ҳавои беғубор аст,
Замину осмон историзор аст.
Ба ҷои гул гули истора бар каф,
Кучҷое ошиқе чашминтизор аст.

Биё, Наврӯз, алайҳи нолаву сӯз,
Биё, шоми фироқам то шавад рӯз!
Дубайтӣ гуфта гаштам ошиқат ман,
Биё, чун ёри ман, дилро барафрӯз!

Шудам мафтун ба барги нози Наврӯз,
Ба савти тори пур аз сози Наврӯз,
Ҷаҳон гашта, бубин ин сон мунаққаш,
Касе донад магар ин рози Наврӯз?!

Шаби Наврӯзу боз истораи ман,
Дурахшад дар само чун пораи ман.
Чи созад, чун набинад шоми дигар,
Ҳамин дамро дили бечораи ман?!

Чу Наврӯзу баҳорам боз имшаб,
Барам хобида чун ҳамроз имшаб.
Надонам аз уфуқ то домани субҳ,
Чи сон бинмудаам парвоз имшаб?!

Замину осмон дар ранг шуд ғарқ,
Миёни сабзаи тар санг шуд ғарқ.
Чу Монӣ дар шигифтам, дар шигифтам,
Ки андар хуни ман Аржанг шуд ғарқ.

Баҳори ман, туро меҷӯям аз нав,
Биё, шеъре туро мегӯям аз нав.
Агар шеърам гули рангинкамон гашт,
Туро чун атри он мебӯям аз нав.

Найи умрам навои нола дорад,
Навои нола чун ҳарсола дорад.
Чи созам, деҳқоне дарзаи сол,
Ба хирманҷои умрам шола дорад.

Баҳорон ҷои шодӣ лаҳзае ғам,
Миёни хонаи қалбам шавад ҷамъ.
Ту гӯӣ тоҷири умрам фурӯшад
Чу моле боз як соли маро ҳам,

Баҳори ман, биё, ки бебаҳорам,
Ба роҳи рафтаат чашминтизорам.
Хумори шаҳди лабҳои ту дорам,
Биё, то бишканад боре хуморам!

Рақиби ман, туро Наврӯз хуш бод,
Туро Наврӯзи дилафрӯз хуш бод.
Гунаҳҳои туро мебахшам имрӯз,
Ки фардои ту аз имрӯз хуш бод!

Гули пушти дарам болад, баҳор аст,
Ба саҳро мурғаке нолад, баҳор аст.
Сияҳгӯше чу дида модари ман,
Ба қошу чашми худ молад, баҳор аст.

Баҳор омад, баҳори ман, куҷой?
Ягона навбаҳори ман, куҷой?
Дутори дасти ман созе надорад,
Садои сози тори ман, куҷой?

Хасу хори дари ман зинда гардид,
Ҷаҳонам олами пурханда гардид.
Дами боридани борон бидида,
Қалам бар рӯи дафтар банда гардид.

Зимистону туро гаштам хуморӣ,
Куҷой, атри хушбӯи баҳорӣ?
Бари оташфурӯзон чашм бар роҳ,
Нишаста мекашидам интизорӣ!

Сари субҳ асту зери чатри Наврӯз,
Ситода мешамам аз атри Наврӯз.
Чакад ин дам зи чашми хомаи ман,
Чу борон реза-реза сатри Наврӯз.

Баҳор омад, шунав, ҷоно, саломам,
Қабул бинмо, паёму эҳтиромам:
Фақат хоҳам, ки то чун номи Наврӯз
Бисозӣ дар дили худ сабти номам.

## НАВРӮЗ ИМРӮЗ

Ин боронак , эҳ, чӣ хуш,
Мешавад аз вай дил хуш.
Садои форам дорад,
Ба гӯшҳоям мефорад.
Мегӯяд, Наврӯз имрӯз,
Ман борони ризқи рӯз.
Ба замин гул меорам,
Ӯро ман дӯст медорам.
Мехоҳам, ки гул кунад,
Таърифаш булбул кунад.
Ин боронак, эҳ, чӣ хуш,
Мешавад аз вай дил хуш…

## САЛОМИ НАВРӮЗӢ

*(Барои бачаҳо)*

Мисли шамъи фурӯзон
Бойчечак баромад.
Бо суруди «Бойчечак»
Ба хонаҳо даромад.
Онро дида одамон
Хурсанд шуда, болиданд.
Ин гулаки хушрӯро
Ба чашмҳо молиданд.
Гуфтанд – Шукри Худо,
Бойчечакро боз дидем.
Ин саломи Наврӯз аст,
Ба фасли гул расидем.
Тоҷикистони азиз,
Саросар пургул шавад.
Дар шохаи ҳар як гул,
Даҳтоӣ булбул шавад.

## НАВРӮЗИ ҶАҲОНОРО

Наврӯзи ҷаҳон омад,
Чун тозаҷавон омад!

Бишкуфт рухи гулҳо,
Булбул ба фиғон омад.

Борон ба тани майса
Монанди равон омад.

Ё баҳри замин-модар
Чун марҳами ҷон омад.

Айёми накӯфасли
Пошидани дон омад.

Наврӯзи ҷаҳоноро
Бар сайри ҷаҳон омад.

Гетист пур аз шодӣ
Чун зебизамон омад.

Ин рӯз муборак бод,
Наврӯз муборак бод!

## НАВРӮЗ ШУД

Аз нав баҳори гулфишон,
Чун пайки ишқу ормон.
Омад ба ин мулку макон,
Бар даргаҳи ҳар хонадон,
Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

Гул дар чаман рух во намуд,
Сад нозу истиғно намуд,
Дилро зи нав шайдо намуд,
Бо дилбаре якҷо намуд,
Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

Аз савти мурғони ҳаво,
Аз накҳати боди сабо,
Аз хандаи ҳар гулқабо,
Имрӯз ояд як садо:
– Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

Эй дилбари гулпираҳан,
Эй гулнигори гулбадан.
Эй рашки сад сарви чаман,
Бихром, о бар пеши ман,
Наврӯз шуд, Наврӯз шуд.

## РӮЗИ МУРОД

Наврӯзи Аҷам ба навбаҳорон омад,
Бо нағмаи мурғони хушилҳон омад.

Бо савту садою шодию базму тараб,
Бар мулки азизи Тоҷикистон омад.

Бо чатри сафеду домани пур зи гуҳар,
Абр аз сари кӯҳ файзрезон омад.

Сар аз дари хок бо ҳавас карда бурун,
Гулханда ба лаб лолаву райҳон омад.

Аз хонаи тоҷикон дар ин рӯзи саид,
Бӯи суманак зи кунҷи чакдон омад.

Он ёр, ки рафта буд дар соли кӯҳан,
Имсол ба кокули парешон омад.

Эй дил, ту бишав маст, ба рақс ой, ки боз
Бар гулшани ҷон сарви хиромон омад.

## ПОЙАНДОЗИ НАВРӮЗ

Дар ҳумоюн мақдамат, эй нозанин,
Сабза пойандоз бинмояд замин.

Саф зада рӯи раҳат гулҳои меҳр,
Мурғакон хонанд сози дилнишин.

Эй саропо ишқ, Наврӯзи Аҷам,
Бод дилҳо бо ту умре ҳамнишин.

Дар раҳи ту интизорӣ мекашанд
Барзгарҳо-мардуми ризқофарин.

Боди Наврӯзӣ, биё бар мулки ман,
Файзи нав бахшой бар Модар-Замин!

## МАРҲАБО

Қолабу қалби заминро ин саҳар
Сурати нав, ранги дигар дидаам.

Дашту водӣ, ёлаҳоро гулбасар,
Рӯзгоронро муаттар дидаам.

Боди форам менавозад баргро,
Накҳати Наврӯз меорад сабо.

Эй арӯси гулбасар, хуш омадӣ,
Эй баҳори сабздоман, марҳабо!

## НАВРӮЗӢ

Хушдил шудаем аз он, ки Наврӯз расид,
Як иди саиду рӯзи фирӯз расид.
Бар хушдилиам шодии нав зам гардид,
Зеро, ки паёми ёри дилсӯз расид.

Наврӯз расад, басе дуоят гӯям,
Васфи ту кунам, басе саноят гӯям,
Гӯям ғазали ишқи туро дар Наврӯз,
Ҳам меҳру муҳаббату вафоят гӯям.

Он дилбари ман зи кӯҳи Ғорон омад.
Бишкуфта ҳаме чун гули торон омад,
Омад бари ман, бидод ин муждаи нек,
Бархез, ки Наврӯзи баҳорон омад.

## БИЁ НАВРӮЗ

Биё Наврӯз, дилҳо шод гардон,
Ғами дунё ҳама барбод гардон
Биё, ки мурғи дил побанда гашта,
Биёву мурғи дил озод гардон.
Биё Наврӯз, фатҳи нав биёвар,
Биёву марзи мо обод гардон.
Чаман пургул шуда аз мақдами ту,
Биё дашту даман гулбод гардон.
Насими субҳро ту тозатар кун,
Ғубори синаҳо барбод гардон.
Шарифӣ гӯ ғазал дар шони Наврӯз,
Ҳама халқи Ватанро шод гардон.

## НАВРӮЗӢ

Боз баҳори Ватан бо нафаси нав расид,
Сардию сармои дай аз талу саҳро рамид.

Боз зи нав боғу роғ сабз қабое ба бар
Духти Баҳорон бубин чанбари гул шуд ба сар.

Бобаи Деҳқони мо роҳи биёбон гирифт,
Ризқи ҳама ҷинсу инс дар кафу домон гирифт.

Дона ба мазра расид, сабза зи хоке дамид,
Обаки ҷонбахши ҷӯй мазра ба мазра хазид.

Аз бару домони дашт лола алам бар алам,
Дар бари кӯҳу камар чукрӣ қадам бар қадам.

Қақраи кабки дарӣ аз сари кӯҳ шуд баланд,
Хониши қумрию сор боғу чаман карда банд.

Аз нафаси навбаҳор зинда бишуд боғу роғ,
Аз дили пиру ҷавон рӯфта сад зангу доғ.

Ишқ ба туғён шуда, машъали хубон шуда,
Булбулаки нағмагар масту ғазалхон шуда.

Боз баҳорон расид, дашту даман лолазор
Бобаи Деҳқон равон сӯи замин бо сипор.

Боз баҳорон расид мавсими Наврӯз шуд
Ҷумла бо созу суруд гулруху гулрӯз шуд.

Духтари наврӯзи ман дер макун бар диёр
Шоири ту дар раҳат бо дили гарм интизор.

## НАВРӮЗ ХУШ АСТ

Наврӯз хуш асту рӯзи Наврӯз хуш аст,
Наврӯзи баҳори оламафрӯз хуш аст.
Андар бари ҷӯйбор бо қакраи кабк
Мастӣ ба канори ёри дилсӯз хуш аст.

## БОЗ БӮИ БАҲОР МЕОЯД

Боз бӯи баҳор меояд,
Атри гесӯи ёр меояд.

Бас баҳору шумори сол гузашт,
Роздор ин баҳор меояд.

Марди деҳқон кучҷову ҷуфти бақар
Навбати киштукор меояд.

Боз аз хоки рафтагони шаҳид
Гулу сабза қатор меояд.

Дидагонро ба некӣ боз кунем,
Зиндагӣ хушгувор меояд.

Аз садои ҳазору накҳати гул
Бар тани мо мадор меояд.

Вақт аст, тарки хоби хеш кунем,
Ақли равшан ба кор меояд.

Ай дили доғи ошиқони чаман,
Муждаи васли ёр меояд.

## БАҲОРИ ЗИНДАГӢ

Фасли дилбар мерақсад, бар боғ аз нав рӯ кунам,
Лола чинам, маст ӯро аз гули худрӯ кунам.
Рӯ бишӯям то ба оби чашмаю ашки баҳор,
Хешро ман ҳамканори сабзаи хушбӯ кунам.
То намоям хуш димоғ аз бӯй гулҳои чаман,
Зери беде шишта ман бо ёр гуфтугӯ кунам.
Ӯ назар бар шохаи гул, хониши ку-ку кунад,
Ман нигаҳ бар чашму рӯи он сияҳгесӯ кунам.
Рози дил гӯем бо ҳам дар баҳори зиндагӣ,
Аз нигоҳаш бахту шодӣ боз ҷустуҷӯ кунам.
Мепарастам лоларӯёни диёри хешро,
То ба кай ёд аз хату холи бути ҳинду кунам.
Гулпарастӣ, Шукриё, афсонаи хубон намуд,
Ҷовидон бодо баҳоре, ки гулашро бӯ кунам!

## БАҲОРИЯ

Омад баҳори нозанин, азми чаман – саҳро кунем,
Чодар лаби дарё занем, сад шӯри нав барпо кунем.
Турна ба парвоз омада, лола даҳанбоз омада,
Мутриб ба «Шаҳноз» омада соғар пур аз мино кунем.
Ҳар дил ба ҷӯяш ояд ҳаме оҳанги нӯш ояд ҳаме,
Най дар хурӯш ояд ҳаме ҷашни куҳан эҳё кунем.
Абри гузар дар нола шуд, обу адо худ ҷола шуд,
Гулгунқабо ҳар лола шуд дида ба ҳар гул во кунем.
Фасли ҳамал бошад кунун гул дар амал бошад кунун,
Ҳар гӯшаи хоки Ватан гулдастаи дунё кунем.

Ҳар чашма ғул-ғул мекунад, нахли чаман гул мекунад,
Чаҳ-чаҳ чу булбул мекунад доман пур аз тилло кунем.
Наврӯз азизи мо бувад ақлу тамизи мо бувад,
Ин расми дерини Аҷам эҳё кунем, эҳё кунем.
Дар базми ин гулдухтарон Шукрӣ ба ёдат шеърхон,
Эй қосиди бахти баланд, дар дидаву дил ҷо кунем.

## БАҲОРИ ИБРАТОМӮЗ

Баҳор омад зи нав олам ҷавон шуд,
Фаровон роҳате бар ҷисму ҷон шуд.
Пари товус ба доман ҷилва дорад,
Пур аз ҳусну назокат хонадон шуд.

Намебинӣ дигар ҷабри зимистон,
Намебинӣ дигар сармои сӯзон.
Ба туғён омада ҳар рӯди кӯҳӣ
Зи нав ҳар наврасе шоду ғазалхон.

Зи анфосаш ҷаҳон дар ханда бошад,
Гуҳар абри гузар пошанда бошад.
Чаман гулбезу рангин боғу роғ аст,
Чу хуршеди ҳамал тобанда бошад.

Баҳори хешро озода дидам,
Ба навпардозиҳо омода дидам.
Ба эҳёи табиат дар талош аст,
Ба ранги шоири дилдода дидам.

Саховат дар дилу дар дида дорад,
Ба ҳар ҷо тухми ишқу меҳр корад.
Назокат ҳам муҳаббат дар вуҷудаш,
Ғами дилхастагон аз дил барорад.

Барад аз хонаҳо сармои сахте,
Ба ҷӯш орад замину ҳам дарахте.
Гулу себарга пояндоз созад
Ба истиқболи ёри некбахте.

Баҳор охир надорад ман-мание,
Баҳор охир надорад душмание.
Рақобат дорад ӯ бо ҳар ғание,
Дареғ аз мо надорад равшание.

Саропо кони лутфу кони ҳикмат,
Саропо кону нозу кони неъмат.
Бахилӣ дар сиришти ӯ наёбӣ,
Диҳад бар навпарастон дарси ибрат.

Ғанӣ бошад, даме мастӣ надорад,
Сахӣ чун Ҳотаму пастӣ надорад.
Ба рағми дузду раҳзан, зарпарастон,
Талоши мансабу ҳастӣ надорад.

Ба ҳар афтодае ҳамдардӣ дорад,
Ҳазар аз олами номардӣ дорад.
Шиносад қадри худ дар кӯҳу водӣ,
Ба тӯфони бало дилсардӣ дорад.

Ба ҳар вайронае ободӣ орад,
Барад бӯҳрони нон, озодӣ орад.
Хаёли интиқоме ҳам надорад,
Ба ақвоми башар дилшодӣ орад.

* * *

Омад баҳору ёр ба саҳро баромадаст,
Аз мурдахок сабзаи ғавғо баромадаст.

Хуршед дасти поку сафобахши шафқат аст,
Гӯё зи остини Масеҳо баромадаст.

Чун духтарони деҳа гули лоларо бубин,
Болои бом баҳри тамошо баромадаст.

Бо мӯву зулфакони сияҳ абри даргузар
Дар даст кӯза ҷониби саҳро баромадаст.

Юсуф зи кунҷи чоҳ на аз баҳри салтанат,
Танҳо барои ишқи Зулайхо баромадаст.

* * *

*Мухаммас бар ғазали Сайидо*

Насими нарми фарвардин зи кӯи ёр меояд,
Навои чангу нойу арғунуну тор меояд.
Дилам дар сина покӯбон қаландарвор меояд,
«Садои мақдами гулчин чу аз гулзор меояд,
Гиребончок булбул бар сари бозор меояд».

Қабои сабз дар бар карда саҳрову гулистонҳо,
Халоиқ гашта маст аз бӯи атрогини райҳонҳо,
Майошомон ба каф паймонаҳо, доранд паймонҳо,
«Чу гул во кардаанд оғӯшҳои худ хиёбонҳо,
Магар дар бӯстонон сарви хушрафтор меояд».

Чаро гуфтӣ ки меоям, ниҳодам дар раҳат ҷонро,
Валекин н-омадӣ, номеҳрубон, бишкаста паймонро.
Маро ғамгин намудӣ, шод бинмудӣ рақибонро,
«Намебошад хилофи ваъда дар хотир бузургонро,
Зи оби гавҳар аст обе ки аз кӯҳсор меояд».

Самои ишқро ахтар, биҳишти нозро ҳурӣ,
Зи ҳаҷрат, эй парипайкар кашам пайваста маҳҷурӣ,
Туӣ наздиктар аз ҷон, макун аз ман дигар дурӣ,
«Мабодо ноқисеро дар сар афтад шӯри Мансурӣ,
Садои дурбош аз ҳоҷибони дор меояд».

Сулаймонам, ки аз боди сабо пайғом меорам,
Гули нашкуфтаи паймон ниҳон андар нигин дорам,
Ба мисли булбули шӯридадил то рӯз бедорам,
«Қадам, эй Сайидо, дар боғ агар бо ёр бигзорам,
Ба побӯсӣ маро хор аз сари девор меояд».

## ДӮСТ ДОШТАМ ӮРО

Ай кабӯтари зебои осмони баланд,
Ай ситораи гардуни бекарони баланд,
Ай ту мисраи дарёчаи равони баланд,
Ҷавобаки камари кӯҳи ҷовидони баланд,
Бигӯ, баланд бигӯ, дӯст доштам ӯро.

Бигӯ ба лола, кунад хандаву шукуфоӣ,
Бигӯ ба сарв, ки созад чу ёр раъноӣ,
Бигӯ ба боди чу Маҷнун зори саҳроӣ,
Бигӯ ба покии субҳу сафову зебоӣ,
Бигӯ, баланд бигӯ, дӯст доштам ӯро.

Ба боғ ой, бигӯ булбулони хушхонро,
Ба ҷангал ой, бигӯ шеру юзу гургонро,
Ба дашт ой, бигӯ гармии биёбонро,
Ба баҳр ой, бигӯ моҳиёну тӯфонро,
Бигӯ, баланд бигӯ, дӯст доштам ӯро.

Қасам ба номи Худо, дӯст доштам ӯро.
Қасам ба нуру сафо, дӯст доштам ӯро,
Қасам ба ишқу вафо, дӯст доштам ӯро,
Қасам ба савту наво, дӯст доштам ӯро,
Бигӯ, баланд бигӯ, дӯст доштам ӯро.

## МАЪНИИ БӮСАҲО

Лабат бӯсидаму гуфтам, ки аз ман бошу бо ман бош,
Маро дунёи рӯшан бош.
Вале пешониям бӯсидию бо ман видоъ кардӣ
Ва дастамро зи дастонат раҳо кардӣ,
Маро аз худ ҷудо кардӣ.
Чаро ман гунаҳоятро набӯсидам,
Ки бинмоям дили худрову гӯям,
Дӯст медорам туро чун зиндагониям.
Ало эй ёри ҷониям,
Чаро ман дастҳоятро набӯсидам,
Ки пурсам бахшиши бисёр
Зи ҳар ранҷу зи ҳар озор.

**МУНДАРИЧА**


М.Бахтӣ. *Ба ҷои пешгуфтор* ... 3
Садриддин Айнӣ ... 5
Абулқосим Лоҳутӣ ... 6
Пайрав Сулаймонӣ ... 7
Мирзо Турсунзода ... 8
Мирсаид Миршакар ... 9
Муҳаммадҷон Раҳимӣ ... 11
Абдусалом Деҳотӣ ... 12
Ҳабиб Юсуфӣ ... 13
Боқӣ Раҳимзода ... 14
Аминҷон Шукӯҳӣ ... 15
Ғаффор Мирзо ... 17
Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ ... 18
Ашӯр Сафар ... 19
Убайд Раҷаб ... 22
Абдумалик Баҳорӣ ... 25
Гулчеҳра Сулаймонова ... 27
Қутбӣ Киром ... 28
Мастон Шералӣ ... 34
Лоиқ Шералӣ ... 36
Сафармуҳаммад Айюбӣ ... 41
Ширин Бунёд ... 43
Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ... 45
Ғоиб Сафарзода ... 46
Ҳабибулло Файзулло ... 47
Мӯъмин Қаноат ... 48
Бозор Собир ... 50
Гулназар ... 53
Гулрухсор ... 57
Ҳақназари Ғоиб ... 61
Меҳмон Бахтӣ ... 65
Аскар Ҳаким ... 68

Сайидалӣ Маъмур ........ 73
Камол Насрулло ........ 77
Раҳмат Назрӣ ........ 83
Фарзона ........ 88
Муҳаммад Ғоиб ........ 92
Абдулҳамид Самад ........ 96
Мирзо Файзалӣ ........ 99
Ҳадиса ........ 104
Зулфияи Атоӣ ........ 107
Низом Қосим ........ 110
Бобо Ҳоҷӣ ........ 117
Алӣ Бобоҷон ........ 120
Салимшо Ҳалимшо ........ 123
Наимҷон Назирӣ ........ 126
Усмон Назир ........ 130
Одина Мирак ........ 134
Киром Остонзода ........ 138
Ҳикмат Раҳмат ........ 140
Ато Мирхоҷаи Нерӯ ........ 142
Аҳмадҷони Раҳматзода ........ 147
Мӯхтарам Ҳотам ........ 148
Нурмуҳаммад Ниёзӣ ........ 151
Алимуҳаммад Муродӣ ........ 153
Зиё Абдулло ........ 156
Муҳаммадалии Аҷамӣ ........ 157
Ҳоҷӣ Мурод ........ 158
Парда Ҳабиб ........ 160
Озарахш ........ 162
Шаҳрия ........ 164
Ҷумъа Қувват ........ 168
Рустами Ваҳҳоб ........ 170
Нуқраи Суннатниё ........ 175
Латофат ........ 178
Раънои Мубориз ........ 180

Салими Хатлонӣ ........................................ 183
Гурез Сафар ........................................ 187
Хайрандеш ........................................ 191
Сафар Айюбзодаи Маҳзун ........................................ 193
Хосият విлизода ........................................ 197
Давлат Сафар ........................................ 202
Файзи Ашӯр ........................................ 207
Озар ........................................ 209
Меҳринисо ........................................ 212
Сафар Амирхон ........................................ 215
Алии Муҳаммадии Хуросонӣ ........................................ 218
Ҳасани Султон ........................................ 221
Равшани Ҳамроҳ ........................................ 224
Сайёд Ғаффор ........................................ 232
Ҳамроҳ Усмон ........................................ 233
Султонмуроди Одина ........................................ 236
Ҳидоятуллоҳ Раҳмонӣ ........................................ 238
Фатҳуллоҳи Азиз ........................................ 242
Салоҳиддини Садриддин ........................................ 244
Садрӣ Умар ........................................ 247
Сайид Раҳмон ........................................ 249
Субҳия ........................................ 252
Марямбонуи Фарғонӣ ........................................ 254
Абдурауф Муродӣ ........................................ 257
Лаълҷубаи Мирзоҳасан ........................................ 260
Лутфишоҳи Додо ........................................ 264
Наср Бобои Сарфароз ........................................ 265
Раҷабалии Назар ........................................ 267
Абдулҳай Қаландар ........................................ 269
Муҳаммад Юсуф ........................................ 271
Ситора ........................................ 273
Назокати Олимзода ........................................ 274
Робия ........................................ 276
Аҳлиддин Ҳисорӣ ........................................ 278

Нуруллоҳи Ориф ........................................................................ 280
Фархунда.................................................................................... 282
Назокати Сафар........................................................................ 284
Музаффар Суғзод..................................................................... 286
Муродалӣ Собир ...................................................................... 288
Саидҷон Уроқӣ......................................................................... 290
Раъннои Зоирдухт .................................................................... 292
Валиҷон Акбарӣ....................................................................... 294
Адибаи Азиз ............................................................................. 297
Абдусаттори Раҳмон................................................................ 300
Нуриддини Амриддин ............................................................. 302
Эмом-Алӣ.................................................................................. 305
Нурмуҳаммад Сироҷӣ.............................................................. 307
Мирзомурод Ҳошимзода.......................................................... 309
Раҳмати Аҳмад ......................................................................... 311
Ҷамшед Пиримов ..................................................................... 313
Раҷаби Мусулмониён............................................................... 314
Султонмурод Ҳоҷибоев........................................................... 317
Сайёра Баҳодурова................................................................... 318
Нурулло Норзода ..................................................................... 319
Низомиддини Давлатзода......................................................... 321
Ҷӯйбек Шарифзода .................................................................. 322
Алидоди Чароғабдол................................................................ 323
Шукрӣ Иброҳим........................................................................ 325
Сулаймон Султон...................................................................... 328

**НАВРӮЗИ ҶАҲОНАФРӮЗ**
*(Маҷмӯаи  ашъор)*

Муҳаррир *Сайид Алӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*
Ҳуруфчини компютерӣ *Шаҳло Имомназарова*

Ба матбаа 22.02.2012 супорида шуд.
Чопаш 29.02.2012 ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 21,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе
734063, Душанбе, кӯчаи С.Айнӣ, 126